ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД: 347.54.3**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ДАВЛАТЗОДА ДИЛШОД ШЕРАЛӢ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050601– Иқтисодиёти ҳудудӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Содиқов Метархон Соқибекович,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**Душанбе – 2026**

**Мундарича**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО** ........ **3**

**МУҚАДДИМА** ........ **4**

**БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛЁБИИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ** ........ **14**

1.1. Ҷанбаҳои илмии сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ........ **14**

1.2. Мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ ва минтақа ........ **28**

1.3. Вижагиҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ **41**

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ТАМОЮЛИ РУШД ВА ҲОЛАТИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН** ........ **57**

2.1. Ҷолибияти минтақа барои сармоягузориҳои хориҷӣ ........ **57**

2.2. Таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилоят ........ **71**

2.3. Таъсири сармоягузориҳои мустақим ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ........ **83**

**БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН** ........ **101**

3.1. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилоят ........ **101**

3.2. Мушкилоти асосӣ ва усулҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар вилоят ........ **113**

3.3. Роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа ........ **128**

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО** ........ **149**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ........ **155**

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ........ **170**

**ЗАМИМАҲО** ........ **172**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ

ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

МОИ - Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

НБО - Неругоҳи барқии обӣ

ОМ - Осиёи Марказӣ

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

СМР - Стратегияи миллии рушд

СМХ- Сармоягузории мустақими хориҷӣ

СҲИ - Созмони ҳамкории иқтисодӣ

СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо

СҲИР - Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд

СҲШ - Созмони ҳамкории Шанхай

ХБА - Хазинаи байналмилалии асъор

ҲРУ - Ҳадафҳои рушди устувор

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶМЧ - Ҷумҳурии Мардумии Чин

ҶСК - Ҷамъияти саҳомии кушода

ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тибқи қонунҳои объективии бозор, сармоягузорӣ, ки дар ҳама марҳилаҳои такрористеҳсоли васеъ талаб карда мешавад, ба он ҷое, ки даромади баландтар ва шароити бароҳат вуҷуд дорад, равона карда мешавад. Хусусан, вақте ки ҷаҳонишавӣ чунин гузаришро осонтар мекунад. Дар доираи бозори миллӣ, ҷалби сармоягузориҳои сармоягузорӣ вақте имконпазир мегардад, ки сармоягузорони хориҷӣ ба мақсаднокии чунин сармоягузорӣ боварӣ доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқот ва асосноккунии илмии раванди фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузории хориҷӣ торафт муҳимтар мегардад.

Дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷии ҷалбшуда, ба ғайр аз таъмини рушди иқтисодӣ ва имконпазирии пешрафти технологӣ, нишондиҳандаҳои эътимоднокии минтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ, рейтинги он, ҷалби минтақа ба равандҳои сармоягузорӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ ва ғайра мебошанд. Индустриализатсияи эълонкардаи ҳукумат ҳамчун курси расмӣ ҷомеаи илмиро вазифадор мекунад, ки дар баробари субъектҳои хоҷагидор ба раванди ҷустуҷӯи манбаъҳои нави сармоягузорӣ, ташаккули шароити мусоид барои шарикони хориҷӣ, рафъи омилҳо ва монеаҳои номусоид дар роҳи гузариш ба модели сармоягузории рушд фаъолона ҷалб карда шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаи калонтарине, ки дар низоми иқтисодӣ саҳми калонро дорад, вилояти Хатлон мебошад, ки ҳамчун минтақаи иҷтимоию иқтисодии дорои захираҳои бойи табиӣ, инфрасохтори нисбатан рушдёфта ва маҷмааи пурқуввати агросаноатӣ, ба пешрафти иқтисодиёти миллӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Бо шарофати иқтидори иқтисодии худ, минтақа қодир аст фаъолияти истеҳсолӣ, хоҷагидорӣ ва ҷамъиятиро рушд диҳад. Ин ба қонеъ кардани ниёзҳои сокинон мусоидат мекунад, рушди ҳамоҳангии истеҳсолотро кафолат медиҳад ва сармоягузории хориҷиро ҷалб мекунад. Майдон, захираҳои бузурги табиӣ, фаровонии ашёи хоми кишоварзӣ, қувваи кории

арзон ва соҳибкорони минтақа метавонанд барои рушди иқтисодиёти минтақа ва таҳкими муносибатҳои истеҳсолӣ заминаи мустаҳкам гузоранд. Иқтидори табиӣ ва меҳнатии минтақа барои таҳким ва рушди равандҳои сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, муайянкунӣ ва тафсири илмии вижагиҳои ва хусусиятҳои минтақаи алоҳида дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ вазифаи мубрами аст, он боиси интихоби мавзуи таҳқиқоти мазкур мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои мамлакат мавзуи таҳқиқоти илмии бисёр олимони иқтисоддони ватанӣ мебошад. Масъалаҳои рушди равандҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон дар корҳои илмии Л. Ҳ. Саидмуродзода [104;105], Х. Умаров [116;117], Р. К. Раҳимов [101;102], С. Ҷ. Комилов [80;81], Ф. А. Қодиров [77;78], Ф. С. Обидов [93;94], М. С. Содиқов [111;112], Х. А. Ҳофизов [122;133], Д. А. Ҳодиев [119;120], А. Сафаров [107;109], Д. А. Розиев [55;103], Х. Ш. Пулодова [97;98], К. К. Раҷабов [99;128], Б.А. Бегматов [71;72], Ф. М. Ғафоров [75;76], М. А. Саидмуродова [107;108], А. А. Солиев [113;131], Ҷ. Х. Тағоев [114;115], П. Мирзоев [88;89], П. У. Файзиева [29;118] ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Ба масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳо корҳои илмии чунин олимони хориҷӣ ба монанди И. Р. Инаметдинова [125], П. И. Вахрин [40;41], Л. В. Московтсева [53;92], А. Е. Кисова [47;53], О. Н. Митрофанова [53;91], Т. В. Крамин [83;84], В. А. Леонов [83;84], А. В. Тимирясова [60;61], А. В. Бабанов [69;70], Т. В. Смирнов [110;130], В. В. Ходус [121;132], М. Р. Минязев [86;87], М. С. Шейхова [123;124] ва дигарон бахшида шудаанд. Саҳми таҳқиқотчиёни зикршуда дар ташаккулёбии масъалаҳои назариявию методии ҷалби сармоягузории хориҷӣ хеле калон мебошад. Новобаста аз мавҷудияти корҳои зиёди илмӣ дар самти мазкур, баъзе масъалаҳои марбут ба ҷалби

сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар берун аз таҳқиқот боқӣ монда, ба гузаронидани пажӯҳиши алоҳида эҳтиёҷ дорад.

Таҳқиқоти нокифояи ҷалби сармоягузории хориҷӣ маҳз дар ҳудудҳои маъмурии вилояти аз ҷиҳати аҳолӣ калонтарини кишвар - Хатлон, дарёфти роҳҳои тақвияти он ва мушкилоту муаммоҳои ҷойдошта, арзёбии ҷойгоҳи ҳудудҳои мазкур ва саҳми он дар рушди иқтисоди миллӣ, мушаххас намудани омилҳои боздоранда ва садди роҳи ташаккули фазои хуби сармоягузорӣ шаванда дар ин ҷо, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақа ва фароҳамоварии фазои мусоид барои он сабаби объективии интихоби мавзуи мазкур шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои рушди илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар, махсусан дар вилояти Хатлон робита дорад. Мавзуи кори диссертатсионӣ ба "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", "Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025" алоқамандии зич дошта, ба самтҳои таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** дар ошкорнамоии хусусиятҳо ва вижагиҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар мисоли минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва тафсири илмии он бо хулосабарорӣ ва тавсияҳои минбаъда оид ба беҳтарсозии фазои инвеститсионӣ дар вилояти Хатлон зоҳир мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- илман асоснок кардани зарурати ташаккули эътимоднокии фазои сармоягузорӣ, тавсиф кардани равандҳои сармоягузорӣ дар вилоят ҷараёндошта;

- исботи бартариҳои рақобатии минтақа барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, арзёбии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таъсири фарққунандаи он ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят;

- асоснок намудани рушди МОИ ҳамчун омили ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа;

- муайянкунии мушкилоти асосӣ дар беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо барои беҳтарсозии низоми он дар минтақа.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон ҳамчун шарти муҳимми рушди минтақа ташкил менамояд.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқоти илмӣ**. Дар асоси равишҳои назариявии ошкоршуда, хусусиятҳои рушди минтақавии Вилояти Хатлон ва таҳлили тамоюлҳои ҷорӣ, инчунин мушкилоти мавҷуда ва бартариҳои истифоданашуда, фарзияи зерин пешниҳод карда мешавад: Такмили танзими давлатӣ ва сиёсати давлатии сармоягузорӣ, бо роҳи ташаккул додани заминаи мукаммали институтсионалӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои васеи табиӣ ва меҳнатии вилояти Хатлон, инчунин бартараф намудани монеаҳои инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ, имкон медиҳад, ки ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш дода, сохтор ва манбаъҳои онҳоро диверсификатсия намуда, муҳаррики тавонои рушди системавии иҷтимоию иқтисодии минтақа гардад ва саҳми онро дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асарҳои классикони илми иқтисодӣ, корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа ва масъалаҳои

таҳкими равандҳои сармоягузории хориҷӣ заминаҳои илмиву назариявии таҳқиқотро ташкил намудаанд.

Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ усулҳои илмӣ, аз қабили таҳлил, синтез, оморӣ, баҳодиҳӣ, пешгӯӣ ва монанди инҳо истифода шудаанд. Дар таҳияи нуктаҳои асосии назариявию методологӣ усулҳои таҳқиқотие, ки дар назарияи сармоягузорӣ ва муносибатҳои молиявии байналхалқӣ истифода мешаванд, аҳаммияти калони илмиву таҷрибавӣ доранд. Бо истифода аз онҳо баҳогузорӣ намудан ба фазои сармоягузорӣ дар ҳудудҳои мазкур, шиносии омилҳои мусбию манфӣ дар ин ҷараён, дарёфти афзалиятҳо ва аз ҷиҳати илмиву таҷрибавӣ асоснок кардани манфиатҳои иқтисодии минтақа дар шароити кунунӣ имконпазир шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи кори илмӣ санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳкими равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, маълумоти омории Агентии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарраёсати он дар вилояти Хатлон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва маводи дигар мақомотҳои дахлдор ба ҳисоб мераванд. Инчунин, ҳисоботи ташкилотҳои байналмилалӣ ва маводи электронӣ ба ҳайси маълумоти иловагӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори илмӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2021-2024 анҷом дода шуда, дар доираи корҳои илмӣ ва таҳқиқотии ДДМИТ иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз такмили асосҳои назариявӣ, таҳлили равандҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар минтақа иборат мебошад.

**Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии кори диссертатсиониро** дар бар мегиранд, аз инҳо иборат мебошанд:

- дидгоҳи муаллифии консепсияи «иқлими мусоиди сармоягузорӣ» дар минтақаи алоҳида аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, нақши сармоягузориҳои ҷалбшуда дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ошкор карда шуда, тафсири илмии хусусиятҳои ошкоршуда дар мисоли минтақаи алоҳида, аз ҷумла хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ, таҳлили институтсионалии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди хоҷагии минтақавӣ гузаронида шуда, муаллиф марҳилаҳои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузориро дар вилоят пайгирӣ намудааст;

- ҷанбаҳои мусбати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳа таҳлил карда шуданд. Аз ҷумла, маълум шуд, ки вилояти Хатлон аз рӯи ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад, инчунин минтақа аз рӯи ҳаҷми ҳисобшудаи иқтидори гидроэнергетикӣ, аз рӯи майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ пешсаф аст. Минтақа аз маъданҳои фоиданок, иқтидорҳои коркардшаванда, иқтидори сайёҳӣ ва фароғатӣ бой аст. Натиҷагирӣ карда шуд, ки ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар давраи таҳқиқотӣ (2015-2023) каме коҳиш ёфтааст ва қисми зиёди маблағҳои ҷалбшуда на ба кишварҳои ИДМ, балки аз Чин, Олмон, Ҷопон, Люксембург ва ғайра рост меояд. Исбот шудааст, ки минтақа дар ин бобат каме қафо монда, аз дигар минтақаҳои мамлакат – шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд, дар дохили худи вилоят низ ҳиссаи ноҳияҳо ва шаҳрҳо оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ба истисноИ ноҳияҳои Данғара, Ёвон, Қубодиён ва худи шаҳри Бохтар, дар дигар воҳидҳои маъмурӣ ниёз ба такмил дорад. Муайян карда шуд, ки дар сохтори сармоягузориҳои ҷалбшуда дар соҳа ҳанӯз ҳам СМХ бартарӣ дорад, сармоягузориҳои портфелӣ қисми ночизро ташкил медиҳанд;

- самаранокии пасти МОИ ”Кӯлоб” ва “Панҷ” бо ҷалби фаъоли сармоягузории хориҷии МОИ “Данғара” мутобиқат намекунад, ки ин омил зарурати рушди минтақаҳои мазкур ва таъсиси минтақаҳои нави озоди иқтисодиро барои воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ шарти муҳим мегардонад. Дар сурати такмили қонунгузории соҳа, ба роҳ мондани тарроҳии

касбии бизнес-нақшаҳо, ки пажӯҳиши ҷиддии бозорҳои минтақавӣ, мавҷудияти мутахассисони соҳибкасбро дар назар дорад, рушди инфрасохтори зарурӣ, модернизатсияи собиқ корхонаҳои азими минтақа, воридоти технологияи муосир ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ ба татбиқи имконияту иқтидорҳои мавҷудаи сармоягузорӣ ноил гардидан мумкин аст;

- омилҳое, ки ба афзоиши воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон монеъ мешаванд, муайян карда шуданд, ки аз рушди нокифояи иқтидорҳои инфрасохторӣ, нокомилии заминаи институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, мавҷудияти хавфҳои баланд (ҳам молиявӣ ва ҳам иқтисодӣ), тарифҳои баланди андоз ва гумрук, оқибатҳои экологии тақвияти фаъолияти хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ нисбатан пасти инсонӣ иборатанд. Тадбирҳо оид ба афзоиши ин ҷараён пешниҳод карда шуданд, аз ҷумла қутбҳои рушд, таъкид ба кишоварзии экологӣ, баланд бардоштани сармояи инсонӣ, рушди коркарди амиқ, бахусус саноати пахта ва бофандагӣ, рушди хоҷагии гармхона, парвариши ситрусӣ, рушди бахши истихроҷи маъдан, саноати кимие ва сохтмон ҳамчун самт барои афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таҳқиқи ҷанбаҳои илмиву назариявии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақа ва такомули онҳо, коркард ва пешниҳоди консепсияи муаллифии сармоягузориҳо ҳамчун муҳаррики рушди иқтисоди минтақа, вижагиҳо ва хусусияти хоси ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба як минтақаи ҷудогона, пойгоҳи институтсионалии он, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа, хусусиятҳои ба вилояти Хатлон хоси иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

- ҷолибияти минтақаи Хатлон барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, таҳлил ва дарёфти ҷанбаҳои қавии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти вилоят (захираҳои меҳнатӣ, сарватҳои зеризаминӣ, иқтидори гидроэнергетикӣ, заминҳои кишоварзӣ, саноати коркард, сайёҳию фароғатӣ, инфрасохтори минтақа), равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа,

таъсири сармоягузориҳои мустақим ва дигар намудҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёту иҷтимоиёти вилоят;

- таҳлили муқоисавии МОИ дар вилояти Хатлон, таъкид ба зарурати рушди минтақаҳои мавҷуда (МОИ "Данғара", "Кӯлоб", "Панҷ") ва таъсиси минтақаҳои нави озоди иқтисодӣ ҳамчун шарти муҳими воридшавии сармоягузории хориҷӣ, пешниҳоди татбиқи имконияту иқтидорҳои мавҷудаи сармоягузорӣ дар минтақа;

- нишон додани мушкилоту муаммоҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар миқёси вилоят, аз ҷумла ҷанбаҳои инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, экологӣ, андозӣ, сармояи инсонӣ ва пешниҳоди самтҳои минбаъдаи тақвияти он.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки ҷанбаҳои назариявӣ, таҳлилҳо ва тавсияҳо пешниҳод шуда, таҳкими равандҳои ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтарсозии фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро дар минтақа мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар татбиқи ҳамкориҳои муфиди сармоягузорӣ бо мамлакатҳои хориҷи кишвар, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа, таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии он арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ, ҷалби маълумотҳои дақиқ оид ба мавзуи таҳқиқот ва коркарди омории онҳо, пешниҳодҳо доир ба таҳкими равандҳои сармоягузорӣ, кифоягии ҳаҷми кори диссертатсионӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои кори илмӣ дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ: 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои

инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; 11. Фишангҳои муътадилгардонии ба қутбҳо ҷудошавии ҳудудҳо (трансфертҳои давлатӣ, фондҳои инвеститсионӣ, фондҳои дастгирии минтақавӣ, низоми андоз ва ғ.), самаранокии истифодаи онҳо. Проблемаҳои рушди устувору мутавозини минтақаҳо; мониторинги рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо; 21. Вижагиҳои минтақавии амалисозии сиёсати буҷетию андозӣ. Инкишофи муносибатҳои пулию қарзӣ ва буҷетию андозӣ дар минтақаҳо (категория, методология, методҳо, механизмҳо ва фишангҳо); 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, омодакунии мавзуъ, асосноккунии аҳаммияти илмию назариявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили вазъи масъала, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, пешниҳодот доир ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ бевосита аз тарафи муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Омода ва апробатсияи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ саҳми бевоситаи муаллиф мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла, дар конфронсҳо ва семинарҳои илмиву амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 маърӯза карда шудааст. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсия дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар таҳияи барномаҳои иқтисодии вилояти Хатлон тавсия ва истифода шудааст. Хулосаҳои асосии рисола, инчунин, метавонанд дар фаъолияти амалии иштирокчиёни бозори минтақа ва кишвар истифода шуда,

асоси таҳқиқоти илмиро оид ба ташаккул, истифодаи самаранок ва таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ташкил диҳанд.

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 9 кори илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Ҳаҷми умумии онҳо зиёда аз 3,9 ҷузъи чопиро ташкил менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифа буда, 23 ҷадвал 5 расм 6 диаграмма, 2 замима ва 133 номгӯи адабиётро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛЁБИИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ

## 1.1. Ҷанбаҳои илмии сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагидории кишвар ва таҳкими муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба шумор меравад. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити кунунӣ барои рушди устувори иқтисодии ҳар як кишвари соҳибихтиёр аз ҷиҳати стратегӣ муҳим аст. Он дар соҳаҳои молиявӣ ва инфрасохторӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меорад, ки дар навбати худ ба афзоиши дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар масъалаҳои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар маҳсуб меёбад.

Барои аҳаммияти сармоягузории хориҷиро муайян намудан, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои ташаккулёбии моҳияти сармоягузории хориҷӣ дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт диққат додан лозим меояд. Аз назарияи сармоягузории хориҷӣ бармеояд, ки сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими муносибатҳои судманди фаъолияти хоҷагидории кишвар дар мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди таҳлилҳои бисёртарафа қарор гирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки назарияи сармоягузории хориҷӣ мавзуи таҳқиқоте ба ҳисоб меравад, ки механизмҳо, усулҳо, қоидаҳо ва чораёни ҷалб ва истифодаи маблағҳоро дар бозорҳои молиявию пулии хориҷӣ меомӯзад. Он, инчунин, омилҳоеро ба монанди таъмини рушди иқтисодӣ, шароити сиёсӣ, танзими бозори молиявӣ ва инчунин, тағйирёбии қурби асъор, ки ба стратегияи сармоягузории хориҷӣ таъсир мерасонанд, таҳлил мекунад.

Бояд қайд кард, ки сармоягузорӣ - ин сармоягузории дарозмуддат ба корхонаҳои гуногун бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад. Намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ба нақши сармоягузорӣ назари гуногун доштанд, аммо розӣ буданд, ки онҳо омили асосӣ ва манбаи иловагии рушди иқтисоди миллӣ мебошанд. Худи истилоҳ аз "investire" - и лотинӣ ва "Investition" - и олмонӣ гирифта шудааст [41, с.14].

Сармоягузорӣ дар асрҳои XIII – XV дар Италиё ва дигар марказҳои калони тиҷоратӣ ба шакли заёмҳо барои маблағгузории экспедитсия, лоиҳаҳои калони сохтмонӣ, хариди маҳсулот ва ба даст овардани асари санъат истифода мешуданд. Бо баробари рушди ҷомеа сармоягузорӣ барои рушди ин ё он намуди фаъолият дар шакли қарзи буҷавӣ, субсидия, имтиёзҳо, яъне дар шаклҳои гуногуни дастгирии молиявӣ истифода мешуд [125, с.9].

Бояд қайд кард, ки аз аввали пайдоиши муносибатҳои молиявӣ сармоягузорӣ ба миён омада, дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ мазмун ва моҳияти иқтисодии он васеъ гашт. Вобаста ба тавсеаи фаъолияти хоҷагидорӣ мазмуни сармоягузории хориҷӣ низ сифатҳои навро касб карда, дар адабиёти гуногун ҳар хел маънидод шуд.

Мувофиқи "Фарҳанги калони иқтисодӣ" таҳти таҳрири А. Н. Азрилиян, сармоягузорӣ доираи васеи дороиҳоро: аз пули нақд, пасандозҳои мақсадноки бонкӣ, саҳмияҳо ва коғазҳои қиматнок то технология, мошинҳо, таҷҳизот, литсензияҳо (аз ҷумла тамғаҳои молӣ), қарзҳо ва ҳама гуна дигар амвол ё ҳуқуқҳои амволӣ, инчунин арзишҳои зеҳниро фаро мегирад. Ҳамаи ин сармоягузориҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳо бо мақсади ба даст овардани фоида (даромад) ё ба даст овардани таъсири мусбати иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд [37].

Дар луғат муаллифон сармоягузории хориҷиро ҳамчун маҷмуи арзишҳои амволӣ ва зеҳнии сармоягузорони хориҷӣ муайян мекунанд. Ин дороиҳо ба намудҳои гуногуни фаъолият бо мақсади асосӣ — ба даст овардани фоида ё даромад равона карда мешаванд [37].

Чунин сармоягузорӣ метавонад пули накд, коғазҳои қиматнок, технология, ноу-ҳау ва инчунин ҳуқуқи моликияти зеҳниро дар бар гирад. Онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳим доранд, ки ба навсозии истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ мусоидат мекунанд.

Назарияи сармоягузорӣ соҳаи омӯзишест, ки тамоми шаклҳои гуногуни сармоягузорӣ, аз ҷумла усулҳо, хусусиятҳо, рафтор, хавфҳо, манфиатҳо ва идоракунии онҳоро дар бар мегирад. Дар байни ғояҳои асосӣ омӯзиши усулҳои ҷалби сармоягузорӣ, равишҳо ба идоракунии муосири хавфҳои сармоягузорӣ ва даромаднокӣ, инчунин методологияи арзёбии воситаҳои сармоягузорӣ ва раванди қабули қарорҳои сармоягузорӣ мебошад. Инчунин ба таҳлили омилҳое, ки ба фазои сармоягузории кишвар таъсир мерасонанд ва таҳияи стратегияҳо барои беҳтар кардани он диққати махсус дода мешавад. Илова бар ин, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии муайянкунандаи самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ баррасӣ карда мешаванд.

Яке аз аввалин мактабҳои иқтисодӣ, ки аҳаммияти назариявии сармояро муқаррар карда буд, мактаби меркантилистҳо буд. Пайравони ин мактаб соҳаи муомилотро омили муҳимми рушди иқтисодӣ ҳисоб мекарданд, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ташаккул меёбад.  Дар баробари ин сарчашмаи афзоиши сармоягузориро меркантилистон ба сармоягузории хориҷӣ мансубият доданд. Намояндагони ин мактаб Т. Манн [33;51;68], Д. Юм [66;67], Ҷ. Локк [42;74], Ж. Колбер [38;49;96] танзими давлатии инвеститсиониро шарти муҳим арзёбӣ карданд.

Асосгузори мактаби марксизм К. Маркс, сармояро дар асари илмии машҳури худ “Капитал” махсус  ҷой карда буд. Ба ақидаи К. Маркс сармоягузорӣ  аз андозаи фоида вобастагӣ дорад. Марксизм моҳияти сармоягузориро дар соҳаи саноат ва баъдан, дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ маънидод менамояд. Ба ақидаи К. Маркс, рушд ва афзоиши сармоягузорӣ барои таъсиси фондҳои нави истеҳсолӣ мақсаднок аст. Ин барои афзоиши

ҳосилнокии меҳнат ва сохтани истеҳсолоти беҳтар асос мебошад [44]. Чунин иқдом боиси кам шудани камбизоатӣ ва беҳтар шудани сатҳи ҳаёти шаҳрвандон мегардад.

Инчунин, дар ташаккулёбии назарияи сармоягузории хориҷӣ мактаби классикӣ ва пайравони мактаби неоклассикҳо саҳми калон гузоштаанд. Пайравони мактаби неоклассикҳо, аз ҷумла, А. Маршалл, проблемаи муайян намудани шароитҳои сармоягузориро аз рӯйи муқоисаи хароҷот ва натиҷа баррасӣ намуданд. Механизми фаъолияти бозори сармояро омӯхта, А. Маршалл  аҳаммияти махсусро ба таҳлили омилҳои ташаккулёбии талабот ба сармоя медиҳад. А. Маршалл, намояндаи мактаби неоклассикӣ, шароити сармоягузориро таҳқиқ карда, таносуби хароҷот ва фоидаро таҳлил кард. Вай инчунин амиқ омӯхтааст, ки бозори сармоя чӣ гуна кор мекунад ва ба омилҳое, ки талаботро ба сармоя ташаккул медиҳанд, диққати махсус медиҳад. Ғайр аз он, Маршалл аҳамияти ҳосилнокии ҳадди аққали сармояро ҳамчун меъёри асосии қабули қарорҳои сармоягузорӣ таъкид кард. Равиши ӯ барои рушди минбаъдаи назарияи рафтори сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ замина гузошт.

Ба онҳо хароҷотҳои сармоягузории тиҷоративу саноатӣ, фабрикаҳо, мошинҳо, ашёи хом, биноҳои истиқоматӣ, либос, маҳсулоти хӯрока, қарз ва дигар шаклҳои назорати бозори пулӣ дохил мешуданд [32].

Вобаста ба таҳлили зикргардида, қайд кардан муҳим аст, ки сармоягузории хориҷӣ ҷараёни ҷалби сармояест, ки интиқоли молҳо, хизматрасониҳо, қувваи корӣ ва технологияро дар бар мегирад, ки аз кишварҳои хориҷӣ барои фаъол гардонидани рушди кишварҳои қабулкунанда ба шумор меравад. Пайдоиши сармоягузории хориҷӣ метавонад бо таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ба тараққиёти тиҷорат дар иқтисоди рушдёбанда, пешниҳоди имтиёзҳо дар шакли дастгирии давлатӣ ба мисоли мукаммалсозии қонунгузории андоз ва дигар воситаҳои дастгирии молиявии сармоягузорони хориҷӣ сурат гирад.

Дар доираи иқтисоди сиёсии классикӣ, К. Маркс изҳор дошт, ки рушд ва афзоиши сармоягузорӣ барои ташаккули иқтидорҳои нави истеҳсолӣ муҳим аст. Ба ақидаи ӯ, ин бевосита ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва таъсиси корхонаҳои мукаммалтар оварда мерасонад. Бояд қайд кард, ки дар масъалаи тафсири сармоя Маркс мавқеи муайянро бо пешгузаштагони худ мубодила мекунад. Масалан, Давид Рикардо, ки ҷонибдори фаъоли Адам Смит буд, сармояро ҳамчун маҷмуи воситаҳои истеҳсолот тавсиф кард. Рикардо онро ҳамчун "қисми сарватманди кишвар" мушаххас кард, ки ҳама чизро барои раванди истеҳсолот дар бар мегирад: "хӯрок, либос, асбобҳо, ашёи хом, мошинҳо ва хонаҳо", ки ба назари ӯ барои ташкили меҳнат муҳим буд. Ҳамин тариқ, таҳаввулоти возеҳи ғояи сармоя: аз нақши марказии он дар ташаккули фондҳои нави истеҳсолӣ, тавре ки дар осори Маркс муаррифӣ шудааст, то тафсири он дар Рикардо ва Смит ҳамчун маҷмуи захираҳои моддӣ ба назар мерасад, ки барои таъмини қувваи корӣ пешбинӣ шудаанд. Баъдтар дар доираи мактаби неоклассикӣ сармоя ҳамчун омили истеҳсолот, ки метавонад вобаста ба самаранокии ҳадди аксар даромад ба даст орад, баррасӣ карда шуд. Чунин фаҳмиши сармоя имкон дод, ки равишҳои таҳлилӣ ба арзёбии сармоягузорӣ ва таҳияи сиёсати иқтисодӣ васеъ карда шаванд [54].

Ин воридот ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат мекунад ва рушди фаъолияти хоҷагии кишварро ҳавасманд мекунад.

Дар тасаввуроти иқтисоддони фаронсавӣ Ф. Бастиан, сармоя ҳама чизро барои оғози кор – асбобҳо, маводҳо ва захираҳо ифода мекунад, ки бе он ҳеҷ як фард ва умуман ҷомеа наметавонад ба фаъолияти истеҳсолӣ шуруъ кунад. Ҳамин тариқ, дар ҳар ҷое, ки истеҳсолот амалӣ карда мешавад, ҳатман сармоя мавҷуд аст ва ҳатто Робинзон дар ҷазираи беодам "сармоягузории" худро дар шакли "асбобҳо, маводҳо, захираҳо"дошт [34]. Яъне, Ф. Бастиан, аз як тараф, сармояро омили муҳимми истеҳсолот меномад ва аз тарафи дигар бошад, маҳз истеҳсолот шарти муҳимми сармоягузорӣ баромад мекунад.

Инчунин, дар назарияи сармоягузории хориҷӣ саҳми олими машҳури англис Ҷ.М. Кейнс бисёр калон аст. Ин иқтисоддон таҳлили сармоягузориро аз сатҳи хонаводаҳо ба сатҳи макроиқтисодӣ гузаронд. Вай падидаҳои иқтисодиро бо истифода аз нишондиҳандаҳои тағйирёбанда, ба монанди самаранокии ҳадди сармоя, майли сармоягузорӣ, талаботи сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ ба низом даровард. Ғайр аз ин, ӯ изҳор дошт, ки "афзоиши даромад аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми умумии сармоягузорӣ, ки ба фузунсоз зарб карда шудааст, ба амал меояд" [46, с.231].

Иқтисоддони англис Р. Ф. Кан баъдтар консепсияи фузунсозии (мультипликатори) сармоягузориро таҳия кард, ки даромади умумӣ ва ниёзҳои ҷомеаро маблағи умумии сармоягузорӣ, яъне ҳам сармоягузории сармоягузорӣ ба истеҳсолот ва ҳам дигар намудҳои хароҷот муайян мекунад [45]. Ба ибораи дигар, ҳама гуна сармоягузориҳои иловагӣ вокуниши занҷириро дар иқтисодиёт ба вуҷуд меоранд, ки ба афзоиши шуғл ва афзоиши талаботи умумӣ мусоидат мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳатто сармоягузории нисбатан хурд метавонад ба тавсеаи назарраси фаъолияти иқтисодӣ оварда расонад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқотчиёни машҳур ҷанбаҳои илмии сармоягузории хориҷиро ба дастрасии бозор, диверсификатсияи активҳо, бартариҳои сармоягузории стратегӣ ва омилҳои бартарият алоқаманд менамоянд.

**Ҷадвали 1.1. - Назарияи сармоягузорӣ дар мактабҳои гуногуни иқтисодӣ**

| Мактабҳои иқтисодӣ | Мазмуни сармоягузорӣ дар марҳилаҳои гуногун | Сарчашма |
|---|---|---|
| Меркантилизм Т. Манн, Д. Юм, Ҷ. Локк, Ж. Колбер, Л. Зекендарф ва диг. | Намояндагони ин мактаб бар он ақида буданд, ки маҳз мол барои рушди тиҷорати беруна замина гузошта, сарчашмаи боигарии давлат ба ҳисоб меравад ва аз ин лиҳоз, онҳо зарурати сармоягузории истеҳсолоти молро муҳим мешумориданд. Яке аз самти муҳимми таълимоти меркантелистҳо ин асосноккунии зарурати танзими шароитҳои таъминкунандаи ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба давлат мебошад. | [85, с.87] |

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| | | |
|---|---|---|
| Физиократ ҳо Ф. Кэне (Ж.Тюрчо, М.Ривери, Т. Сиенса, Ле.Трона) | Хизматҳои ин мактаб дар он буд, ки онҳо воситаҳои сармоягузориро ба асосӣ ва гардон ҷудо карданд ва инчунин самтҳои афзалиятноки сармоягузории он давраро ошкор намуданд, ки аз заминкорӣ иборат буд. Ба ақидаи онҳо, миллат фонди калони боигарӣ дорад ва ин фонд, пеш аз ҳама, сармоя мебошад. Сармоягузорӣ мунтазам афзоишёфта ва азнавбарқарор. | [62] |
| Классикӣ Адам Смит | Намояндагони ин мактаб сармоягузориро ҳамчун молумулк ва пули шахс, ки фоида меорад ва аз тарафи дигар ҳамчун омили истеҳсолот, ки боигариро ба вуҷӯд меорад. Бо ҳамин таълимот намояндагони мактаби классикӣ мафҳуми пул ва срмояро ҷудо намуда, нақши ғун доштани сармояро дар ҷараёни сармоягузорӣ асоснок кардаанд. | [57, с.369] |
| Марксизм К. Маркс | Сармоя аз тарафи намояндагони ин мактаб ва К.Маркс ҳамчун арзиш, ки арзиши иловагиро дар ҷараёни гардиш ба миён меорад, дида мешуд. Дар китоби машҳури худ “Капитал” менависад: “Сармоя ин ҳаракати ҷараёни гирдгардии марҳилаҳои гуногуне, ки дар навбати худ боз аз се давраи гуногуни гирдгардӣ иборат мебошад”. | [50] |
| Маржинал изм Ҷ.Кларк, С.Ҷевонс, Е.Баверк, Ф.Визер, Л.Валрас | Намояндагони ин мактаб мазмуни категорияҳои ба монанди ҳадди фоиданокии маҳсулоти сармоягузорӣ ва ҳадди маҳсулнокии маблағгузории сармояро асоснок мекарданд. Ба ғайр аз ин, намояндаи машҳури ин мактаб Л. Валрас мубодилаи маъмули Қоидаи Валрасро тартиб додааст, ки ба воситаи он аз тавозуни ҳаракати маблағгузории сармоя тавозуни тиҷорати мол ва хизматрасонии байналхалқӣ вобастагӣ пайдо мекунад. | [35] |
| Неоклассик ҳо А. Маршалл | А. Маршалл проблемаи муайян намудани шароитҳои сармоягузориро аз рӯи муқоисаи хароҷот ва натиҷа баррасӣ намудааст. Механизми фаъолияти бозори сармояро омӯхта, ӯ аҳаммияти махсусро ба таҳлили омилҳои ташаккулёбии талабот ба сармоя медиҳад. А. Маршалл ба сармоягузорӣ ҳамаи хароҷоти сармояро, ки дар оянда ба соҳиби худ фоида меовард, маънидод мекард. Ба онҳо хароҷоти сармоягузории тиҷоративу саноатӣ, фабрикаҳо, мошинҳо, ашёи хом, биноҳои истиқоматӣ, либос, маҳсулоти хӯрока, қарз ва дигар шаклҳои назорати бозори пулӣ дохил мешуданд. | [32] |

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| | | |
|---|---|---|
| Кейнсгарой Ҷ. М. Кейнс | Дж. М. Кейнс дар бораи категорияи сармоягузорӣ навишт, ки онҳо «…афзоиши ҳамаи арзиши молумулки сармоя …, дар баробари ин сармоягузории молумулки аз сармоягузории асосӣ, гардон ва сармоягузории бозоргир иборат мебошад». Кейнс тасдиқ кард, ки на амонат, балки маҳз сармоягузорӣ барои афзоиши фоида мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, Кейнс самараи мултипликаторро эҷод кард, ки алоқаи таносуби сармоягузорӣ ва афзоиши ҳаҷми фоидаи миллиро нишон медод. | [32] |
| Монетаризм М. Фридман | Мувофиқи ақидаҳои ин мактаби иқтисод, шумораи пули дар муомилотбуда ба сатҳи нарх, захираҳои сармоягузорӣ ва молҳо, суръати афзоиши сармоя ва умуман, ба фаъол будани субъектони фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Барои танзим намудани фаъолияти сармоягузор онҳо татбиқи маҷмуи чораҳои таъсиррасонро ба ҳаҷми миқдори пул, суръати муомилоти пул ва ҳаҷми (эмиссия) чопи пул даъват мекунанд. | [36;52] |
| Институтсионализм Т.Веблен, А.Шпиттоф, Ҷ.Коммонс, В.Митчел | Намояндагони ин мактаби муосир барои такмил додани методология ва баланд бардоштани маҷмуи ҳалли масъалаҳои сармоягузорӣ дар шароити муосир саҳми муайянро гузошта, барои таҳлили ҷараёнҳои сармоягузорӣ ба воситаи ҳалли проблемаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва ҳуқуқӣ даъват менамоянд. | [73, с.111] |

**Сарчашма:** дар асоси гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва адабиёти зикршуда тартиб дода шудааст

Тавре аз ҷадвали 1.1. мушоҳида мешавад, сармоягузорӣ ҳамчун шарти муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт дар диққати махсуси олимони иқтисоддон қарор дошт. Гарчанде аз тарафи олимони мухталиф сармоягузорӣ ҳар хел шарҳ дода шуда бошад ҳам, дар маҷмуъ, механизми ҳалли проблемаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва маишӣ арзёбӣ мегашт.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ҳамчун шарти ҳатмӣ барои густариши робитаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхонаҳо дар ҳама кишварҳо амал карда, мавқеи яке аз самтҳои асосии соҳаи иқтисодиро мустаҳкам мекунад. Онҳо ба шиддат бахшидани суръати рушди иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти

инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии умумии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд. Дар ин замина, фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва механизмҳои самараноки танзими фаъолияти сармоягузорӣ махсусан муҳим мегардад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми иқтисоди глобалӣ буда, сармоягузориҳоро фаъолона инкишоф дода, барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамкориҳоро ба роҳ монда, шароитро беҳтару хубтар карда истодааст, ба таҳкими мавқеи байналмилалии иқтисодии худ камар бастааст.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” барои тараққиёти минбаъдаи ин соҳаи муҳим заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Тибқи қонунгузории амалкунанда, ба шумораи сармоягузорони хориҷӣ давлатҳои хориҷӣ, шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ташкилотҳое дохил мешаванд, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранд. Илова бар ин, сармоягузорон ташкилотҳои байналмилалие мебошанд, ки лоиҳаҳои сармоягузориро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи меъёрҳои ҳуқуқи кишварҳои худ ва созишномаҳои байналмилалӣ амалӣ менамоянд. Фаъолияти онҳо ҳам бо санадҳои меъёрии миллӣ ва ҳам бо шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда танзим карда мешавад. Чунин шаклҳои гуногуни сармоягузорон ба воридшавии сармоя, рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва амиқ кардани равандҳои ҳамгирой мусоидат мекунанд [4].

Мутобиқи таҳрири навшудаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" аз 15 марти соли 2016, сармоягузорӣ ба сармоягузорони дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ дар қаламрави Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани фоида дахл дорад. Сармоягузорӣ метавонад дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, инфрасохтор, хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳо сурат гирад. Қонун инчунин кафолатҳои ҳуқуқиро барои ҳимояи сармоягузорон, аз ҷумла баробарии ҳуқуқҳо, ҳимояи моликият ва озодии интиқоли фоида муайян мекунад [106].

Бояд қайд кард, ки асоси илмии сармоягузорӣ - ин раванди таҳия ва татбиқи назарияҳо ва усулҳои таҳлили сармоягузорӣ барои баланд бардоштани даромаднокии сармоягузорӣ мебошад. Ба инҳо таҳқиқоти бозор, диверсификатсияи сармоягузорӣ, идоракунии хавфҳо, интихоби механизми сармоягузорӣ ва ғайра дохил мешаванд. Бинобар ин, дар корҳои олимони ватанӣ таҳқиқоти васеи масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дида мешавад.

Ташаккули манзараи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ сурат мегирад ва ҳадафи асосии он дастгирии самтҳои асосии рушди иқтисодӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ба ҳайси сармоягузорон метавонанд истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон, таъминкунандагон, кишвар ё дигарон баромад кунанд. Мақсади сармоягузорӣ, аз як тараф, агар ба даст овардани фоида бошад, аз тарафи дигар, омили таъмини рушд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар кишвар ҷараёни ҷалби сармоягузорӣ самти муҳим ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар корҳои илмӣ мунтазам мукаммал мешавад.

Дар айни замон, дар корҳои олимони рус, инчунин, дар фаъолияти амалӣ, ҳам сармоягузорӣ ва ҳам раванди сармоягузорӣ ба таври васеъ шарҳ дода мешавад. Масалан, В. В.Бочаров ва Р. Попова сармоягузориро ҳамчун ҷойгиркунии ҳама гуна моликият ва дороиҳои зеҳнӣ муайян мекунанд, ки натиҷаи он метавонад ҳам фоидаи молиявӣ ва ҳам таъсири иҷтимоӣ бошад [39].

Умуман, назарияи сармоягузорӣ  ғояҳо ва усулҳои гуногунест, ки барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти воқеӣ, коғазҳои қиматнок, воситаҳои пардохт ва дигар дороиҳои арзишманд истифода мешаванд. Он одатан барои ноил шудан ба ҳадафҳои сармоягузории дарозмуддат истифода мешавад. Он як воситаи умумиро барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ пешниҳод мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти олимон мафҳуми сармоягузориро ҳамчун сармоягузории дарозмуддат ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо мақсади нигоҳ доштан ва афзун намудани он мешуморанд. Аз назарияи сармоягузорӣ бармеояд, ки сармоягузорӣ аз рӯйи шакл, намуд, усул ва дигар хусусиятҳои хос ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешавад.

**Ҷадвали 1.2. - Таснифоти сармоягузорӣ аз рӯйи унсурҳои бозор**

| Меъёр | Таснифот |
|---|---|
| Аз рӯйи моликият | Давлатӣ, маҳаллӣ, хусусӣ ва омехта |
| Аз рӯйи объект | Моддӣ, воқеӣ ва зеҳнӣ |
| Аз рӯйи сарчашма | Манбаъҳои худӣ ва қарзӣ |
| Аз рӯйи вақт | Кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат |
| Аз рӯйи таваккал | Хавфи баланд, хатари миёна, кафолатнок ва сармоягузории венчурӣ |
| Аз рӯйи танзим ва назорат | Мустақим, стратегӣ ва молиявӣ |
| Аз рӯйи ҳадаф | Спекулятивӣ ва муқарраринарх |
| Аз рӯйи кишвар | Дохилӣ, хориҷӣ |
| Аз рӯйи воситаҳо ва оқибатҳои ҳуқуқӣ | Бо таъсиси шахси ҳуқуқии нав ва шартномавӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [82]

Аз ҷадвали 1.2 мушоҳида мешавад, ки сармоягузорӣ ҳамчун намуди фаъолияти иқтисодӣ аз рӯйи меъёрҳои гуногун ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо шуда, дар айни замон, сифатҳои навро касб кардааст. Ин сифатҳо, пеш аз ҳама, дар таъмини рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодии кишвар ифода мегарданд. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти кишварҳои хориҷӣ масъалаҳои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя таҳлилҳои бисёр ба назар мерасанд.

Агар сухан дар бораи адабиёти иқтисодии Тоҷикистон равад, дар ин самт низ олимони зиёд оид ба ҷалби сармоягузорӣ корҳои илмии зиёдро ба анҷом расонидаанд. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон, бинобар сабаби инкишофи ғайрикофии бозори фондӣ дар корҳои олимон, бисёртар сухан дар бораи сармоягузории мустақим меравад.

Мувофиқи ақидаи профессор Л. Ҳ. Саидмуродзода, сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили интернатсионализатсия ва ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Ба ақидаи профессор, ҷалби сармоягузории мустақим ба иқтисоди Тоҷикистон далели мусоид аст. Баръакси сармоягузориҳои портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо, ки маблағҳои таъхирнопазир, баргардонидашаванда ва пардохтшаванда мебошанд, бештар ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи усулҳои муосири менеҷмент ва маркетинг иртибот доранд [129].

Ба ақидаи олимони ватанӣ, профессор А.Б. Мирсаидов ва Б. С. Музафаров, сармоягузории мустақими хориҷӣ дар наздикшавии иқтисодиёти миллӣ бо бозори ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад. Онҳо се ҷузъи асосии СХМ-ро ҷудо мекунанд: таъсиси сармоягузории нав дар хориҷа, сармоягузории дубораи маблағҳои бадастомада ва қарздиҳии дохиликорпоративӣ (масалан, байни ширкати асосӣ ва филиалҳои он) [90].

Мувофиқи мавқеи М.С. Содиқов ва А. И. Сафаров, сармоягузорӣ фаъолияти иқтисодиеро инъикос мекунад, ки дар он субъектҳои гуногун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилотҳо новобаста аз мақоми ташкилию ҳуқуқии онҳо, захираҳои худро ба бахшҳои муайяни иқтисодиёт равона мекунанд. Ҳадафи чунин сармоягузорӣ на танҳо ба даст овардани даромад, балки ба даст овардани таъсири иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла ташкили ҷойҳои корӣ ва рушди инфрасохтор мебошад. Муаллифон таъкид мекунанд, ки фаъолияти сармоягузорӣ механизми муҳимтарини таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Мақсади онҳо на танҳо ба даст овардани фоида, балки мусоидат ба рушди умумии кишвар, соҳибкорӣ ва соҳаи савдо мебошад [58, с.17].

Омӯзиши нуқтаи назари мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва намояндагони онҳо дар бораи табиат ва мундариҷаи сармоягузории хориҷӣ ба хулосае меояд, ки фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо манбаи даромад, балки воситаи ба даст овардани натиҷаҳои мусбати иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки сармоягузорӣ маблағҳоеро дар бар мегирад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддат сарф мешаванд. Натиҷаи сармоягузорӣ афзоиши даромади эҳтимолӣ ва дараҷаи баланди муҳофизат аз ҳолатҳои ногувори иқтисодӣ ба монанди таваррум мебошад. Дар кишварҳои тараққикарда сармоягузории маъмули саҳмияҳо, вомбаргҳо ва суратҳисобҳои пасандозиро дар бар мегиранд.

Сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок аксар вақт тавассути брокер анҷом дода мешавад ва сармоягузор хавфи баландро ба ухда мегирад, то имкониятҳои бештар барои фоида ба даст орад.

Ҳамин тавр, сармоягузории хориҷӣ дорои хусусиятҳои хосест, ки ба вазъи иқтисоди миллӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии он таъсир мерасонад. Аммо сармоягузориҳои хориҷӣ ҷузъи сармоягузории кишвари дигар буда, ба онҳо қонунҳои умумии ҷараёни сармоягузорӣ таъсир расонида, дар бозори ҷаҳонӣ бо принсипҳои умумии сармоягузории байналмилалӣ рӯ ба рӯ мешаванд [131, с.9].

Таҳлили корҳои илмии олимон оид ба сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ба мо имконияти муайян намудани иқтидори сармоягузорӣ дар кишвар, бартариҳои иқтисодии он, имтиёзҳо барои сармоягузорон ва қоидаҳои сармоягузорӣ медиҳад. Дар асоси гузаронидани тадқиқот, инчунин, баррасии стратегияҳо ва усулҳои гуногуни сармоягузорӣ баррасӣ мегардад.

Аҳаммияти назариявии сармоягузорӣ маънои арзиши тахминии гардиши пули нақдро, ки аз сармоягузорӣ ба даст меоянд, ифода мекунанд. Он сармоягузории гузошташуда, инчунин, фоизҳо ва фоизҳои ҷамъшударо инъикос мекунад. Арзиши тахминии сармоягузорӣ, инчунин, метавонад тағйирёбии нархи сармоягузориро дар як давраи муайян инъикос кунад.

Раванди ташаккул ва рушди сармоягузории хориҷӣ ташаккули пайдарпайи шароитҳоест, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунанд. Дар марҳилаи ибтидоӣ таъсиси заминаи устувори ҳуқуқӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ нақши муҳим мебозад. Тадбирҳои ташкилӣ, ки ба содда кардани расмиёт барои сармоягузорон, аз ҷумла имтиёзҳои маъмурӣ ва

андоз нигаронида шудаанд, пайравӣ мекунанд. Омили муҳим рушди инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, молиявӣ мебошад, ки татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузориро таъмин мекунад. Марҳилаи муҳим дастгирии институтсионалии сармоягузорони хориҷӣ, инчунин ташаккули қоидаҳои шаффоф ва пешгӯишавандаи пешбурди тиҷорат мебошад. Ҳамаи ин унсурҳо дар маҷмуъ як системаи устуворро ташкил медиҳанд, ки қодир аст сармоягузориҳои хориҷиро самаранок ҷалб намояд ва нигоҳ дорад. Чунин иқдомҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳала ба марҳала мувофиқи барномаҳои рушди иқтисодӣ татбиқ гашта истодаанд.

Сиёсати сармоягузории Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди кишвар дар бар мегирад. Ҳукумати Тоҷикистон омода аст, ки аз сармоягузорон, бахусус хориҷӣ, пазирой кунад ва ба онҳо зерсохтор ва хизматрасониҳои заруриро пешниҳод кунад. Барои ҷалби сармоя дар кишвар ба сармоягузорон шароити мусоид, аз ҷумла, имтиёзҳои гумрукӣ, меъёрҳои қолибтарини андоз фароҳам оварда шудааст. Ҳукумат инчунин барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бахшҳои технологияҳои иттилоотӣ, сайёҳӣ, истеҳсолот ва сохтмон тамоми талошҳоро ба харҷ дода истодааст.

Умуман, сармоягузорӣ дар Тоҷикистон дар аввали солҳои 2000-ум пас аз ислоҳот ва бозсозии иқтисодӣ, пайдо шуд. Аз соли 2009, пас аз қабули барномаҳои нави кишвар ва ислоҳоти ҷараёндошта ҳаҷми савдои хориҷиро тадриҷан афзоиш дода, заминаҳои сармоягузориро беҳтар намуданд. Дар натиҷа, барномаҳои сармоягузорие, ки ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва рушди иқтисодро ба вуҷуд меоранд, таъсис дода шуданд. Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир аз Федератсияи Россия, Эрон, Озарбойҷон, Чин, Туркия, Арабистони Саудӣ, Амрико ва дигар кишварҳо сармояро ҷалб мекунад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба масъалаҳои назариявии сармоягузории хориҷӣ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳадафи асосии назарияи сармоягузорӣ ин баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар қабули қарорҳои беҳтари сармоягузорӣ мебошад. Назарияи сармоягузорӣ ба

сармоягузорон воситаҳои таҳлил ва пешгӯии нархҳо ва хатарҳои бозорро фароҳам меорад, ки ба онҳо имкон медиҳад стратегияи сармоягузории худро пайгирӣ ва мувофиқи замон тағйир диҳанд. Он барои дарёфт ва истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва сармоягузорӣ барои таъмини натиҷаҳои беҳтарини молиявӣ нигаронида шудааст.

Таҳлили масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар кишвар воситаҳои асосии рушди сармоягузориро самаранок истифода бурда, дар қаламрав иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва инноватсия муҳайё намоем. Аз ин лиҳоз, барои татбиқи манфиатҳои стратегии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ҷалби сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохиливу берунии кишвар арзёбӣ гаштааст.

## 1.2. Мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ ва минтақа

Сармоягузории хориҷӣ инчунин баҳри дастрасӣ ба технологияҳои нав ва ташаккулёбии соҳаи илмталаб шароит фароҳам меорад. Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот, бояд қайд кард, ки сармоягузории хориҷӣ набояд ҳамчун роҳи ҳалли ҳама мушкилоти иқтисодӣ баррасӣ шавад. Барои ҳар як кишвар муҳим аст, ки сармоягузориҳои хориҷӣ бо ҳадафҳои дарозмуддати иқтисодии он мувофиқат кунанд ва ба истиқлоли он осеб нарасонанд. Аз ин лиҳоз, тамоми кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ фоида расонанд.

Мактабҳои афкори иқтисодӣ дар бораи мавқеи сармоягузорӣ дар иқтисодиёт назарияҳои гуногун доранд. Мактаби классикии иқтисод, ки бар асари Адам Смит асос ёфтааст, чунин мешуморад, ки сармоягузорӣ ба истеҳсолот ва зерсохтор боиси рушди иқтисодӣ мегардад [57, с.232]. Мактаби нави классикӣ бар он ақида аст, ки сармоягузорӣ ба сармояи

инсонӣ, аз қабили таҳсилот ва малакаҳо метавонад самаранокии иқтисодиётро беҳтар кунад.

Иқтисоддони машҳур Кейнс боварӣ дошт, ки сармоягузорӣ ҷузъи муҳимми иқтисоди солим аст. Вай иддао кард, ки сармоягузорӣ ва тиҷорат метавонад ба рушди иқтисодӣ ва эҷоди ҷойҳои корӣ мусоидат кунад. Бо вуҷуди ин, Кейнс боварӣ дошт, ки танҳо бозор наметавонад сатҳи кофии сармоягузориро таъмин кунад, зеро корхонаҳо метавонанд дар замони номуайянии иқтисодӣ аз сармоягузорӣ худдорӣ кунанд.

Дар натиҷа, ӯ аз ҳукумат даъват кард, ки дар ин муддат дахолат кунад ва сармоягузориро афзоиш диҳад.

Кейнс, инчунин, изҳор дошт, ки сармоягузорӣ бояд ба дороиҳои истеҳсолӣ равона карда шавад, ки метавонад ҷараёнҳои дарозмуддати даромадро ба мисли лоиҳаҳои инфрасохторӣ, тадқиқот ва рушд ва таълим ба даст орад. Кейнс сармоягузориро ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва устуворӣ меҳисобид. Вай чунин мешуморид, ки дар шароити ноустувории бахши хусусӣ маҳз давлат бояд нақши фаъол дошта, захираҳоро ба иқтисодиёт равона кунад ва ба ин васила талабот, истеҳсолот ва шуғлро ҳавасманд кунад. Дар консепсияи ӯ, сармоягузорӣ бо эътимод ба оянда ва интизориҳои фоида зич алоқаманд аст, аз ин рӯ, дар давраи буҳрон, дастгириҳои давлатӣ барои нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ махсусан муҳим мешаванд [46, с.386].

Инчунин, Д. Рикардо - иқтисоддони асри XIX, бо корҳои худ дар бораи тиҷорати байналмилалӣ ва бартарии муқоисавӣ маъруф аст. Дар робита ба сармоягузорӣ, Д. Рикардо ба арзиши диверсификатсия, махсусан, тавассути сармоягузорӣ дар кишварҳо ва соҳаҳои гуногун боварӣ дошт. Вай инчунин бар хилофи тахминҳои кӯтоҳмуддат аҳаммияти сармоягузории дарозмуддатро таъкид кард. Рикардо исбот кард, ки меъёри даромади сармоягузориҳо бояд аз рӯйи ҳаҷми хавф муайян карда шавад ва даромади баландтар бо хавфи баланд алоқаманд аст. Вай, ҳамчунин, бар ин назар аст, ки дахолати ҳукумат ба иқтисод бояд ҳадди ақал бошад ва ба бозорҳо иҷозат

дода шавад, ки озодона фаъолият кунанд. Дар маҷмуъ, идеяҳои Рикардо оид ба сармоягузорӣ ба аҳаммияти банақшагирии стратегӣ, диверсификатсия ва дурнамои дарозмуддат тамаркуз мекарданд.

Вақте ки сухан дар бораи сармоягузорӣ меравад, иқтисодчии дигари машҳур Милтон Фридман таъкид мекунад, ки афзалият додан ба омилҳо, ба монанди рушди иқтисодӣ, навоварӣ ва озодии фард, муҳим аст. Ба эътиқоди ӯ, ин омилҳо ба ободӣ, рақобатпазирӣ ва дар ниҳоят, беҳбуди ҷомеа мусоидат мекунанд. Фридман қайд кард, ки нақши ҳукумат дар сармоягузорӣ бояд маҳдуд бошад ва ба ҷойи ин тамаркуз ба эҷоди як муҳите бошад, ки сармоягузории хусусиро ташвиқ кунад [63].

Вай инчунин ҷонибдори қавии коҳиш додани танзими нолозими давлатии тиҷорат барои ҳавасмандкунии навоварӣ ва рақобат буд. Бо ташвиқи озодии фард ва кам кардани дахолати ҳукумат, Фридман боварӣ дошт, ки иқтисод метавонад дар тамоми ҷомеа рушд кунад ва фоида орад. Дар маҷмуъ, Фридман аҳаммияти қабули қарорҳои стратегии сармоягузориро, ки ба рушди дарозмуддат ва шукуфоии ҷомеа афзалият медиҳанд, таъкид кард.

Дар баробари мавҷудияти тарафдорони зиёди сармоягузорӣ ақидаҳои муқобил низ вуҷуд доштанд. Масалан, иқтисоддони машҳури немис Карл Маркс бар зидди капитализм буд ва мувофиқи назарияи марксистӣ, ки иддао дорад, иқтисод бар муборизаи байни коргарон ва буржуазия асос ёфтааст, пойбанд буд. Маркс боварӣ надошт, ки маблағгузорӣ ба иқтисодиёт ба ҳалли проблемаҳои капитализм ёрӣ мерасонад, зеро вай нишон медод, ки вай на беҳтар шудани зиндагонии меҳнаткашон, балки факат боигарии онҳоеро, ки аз ин пеш захира ва моликияти зиёд доранд, зиёд мекунад [44].

Гарчанде ки раванди ҷалби сармоягузорӣ метавонад бо мушкилоти муайян, аз қабили вобастагӣ аз сармоягузории хориҷӣ ё хатари ихроҷи захираҳо ҳамроҳ шавад, аҳамияти онҳоро барои иқтисодиёт аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст. Маҳз сармоягузорӣ ба яке аз сарчашмаҳои асосии навсозии истеҳсолот, татбиқи технология ва тавсеаи шуғл табдил меёбад, ки

дар ниҳоят ба таҳкими суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон самти афзалиятноки рушди сиёсати иқтисодии берунӣ ва дохила ба шумор меравад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар заминаи рушди сармоягузорӣ, мактаби дигари иқтисодӣ - институтсионализм нишон медиҳад, ки самаранокии сармоягузориҳо аз бисёр ҷиҳат аз муҳити институтсионалии атрофи онҳо вобаста аст. Ин муҳит метавонад ҷанбаҳоеро ба мисли қонунҳо, муқаррарот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва омилҳои фарҳангӣ дар бар гирад. Масалан, сармоягузорони институтсионалӣ, аз қабили фондҳои нафақа ё фондҳои муштарак фикр мекунанд, ки тамоюлҳои бозорро тавассути сармоягузорӣ кардани маблағҳои калон муайян мекунанд. Илова бар ин, сармоягузорони институтсионалӣ аксар вақт ба иттилоот ва захираҳо дастрасии беҳтар доранд, ки метавонанд ба онҳо дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ бартарӣ диҳанд.

Дар робита ба ин, сармоягузорон одатан самтҳои сармоягузориро интихоб мекунанд, ки шароити муфиди институтсионалӣ, аз қабили вазъи устувори сиёсӣ, қоидаҳои фаҳмо ва суботи иҷтимоиро пешниҳод мекунанд. Дар ниҳоят, ин аҳаммияти фаҳмидани контексти институтсионалиро ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ талаб мекунад.

Баҳси мактабҳои иқтисодӣ оид ба ҷалби сармоягузорӣ мавзуест, ки чандсолаҳо боз баррасӣ мешавад. Як мактаби иқтисодӣ бар ин назар аст, ки сармоягузорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои афзоиш ва даромади баланди сармоягузорӣ имкониятҳои бузург фароҳам меорад. Мактаби дигар боварӣ дорад, ки танзими давлатии сармоягузорӣ дар шароити бухрон беҳтарин вариант аст.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни баҳс, сармоягузорон манфиатҳо ва хатарҳои сармоягузорӣ дар ҳама гуна бозорҳоро бо назардошти омилҳои геополитикӣ, асъор ва субот баррасӣ мекунанд. Шартҳои муайянкунандаи интихоби кишвар ҳамчун самти ҷолиби сармоягузорӣ сатҳи суботи иқтисодӣ,

сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин шаффофияти қонунгузорӣ, сифати танзими ҳуқуқӣ ва сиёсати самараноки андоз мебошанд. Маҳз ин омилҳо эътимоди сармоягузоронро ташаккул медиҳанд ва ба қарори онҳо дар бораи сармоягузорӣ таъсир мерасонанд. Маҳз дар заминаи онҳо таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ имконпазир мегардад.

Маълум аст, ки пешрафти иқтисодиёти ҳар як давлат ба дараҷаи тараққиёти минтақаҳои он вобаста аст. Аз ин рӯ, "зарурати гузаронидани сиёсати минтақавии ҷорӣ, тамаркуз ба имкониятҳои дохилии ин ё он минтақа, андешидани тадбирҳо оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ, бо мақсади пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузорӣ, рушди иқтисодиёти минтақа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба миён меояд" [59].

Бояд гуфт, ки ягон давлати дунё бидуни ҷалби сармоягузории хориҷӣ наметавонад иқтисоди миллиро самаранок ва мутаносиб рушд диҳад. Рушди пешрафти илмию техникӣ, ҷаҳонишавии афзояндаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва дигар омилҳо боиси афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва нақши онҳо дар кишварҳои саҳмгузор ва қабулкунанда гардиданд.

Дар шароити номуайянии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагии ҳар як кишвари алоҳида боқӣ мондааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои тамоми самтҳои афзалиятноки иқтисодии кишвар таъсири муфид мерасонад ва барои мукаммалнамоии механизми фаъолият пояи устуворӣ молиявию инфрасохторӣ мегузорад.

Амалияи бисёр кишварҳо тасдиқ мекунад: бидуни ташаккули шароити мусоид барои сармоягузорӣ, рушди устувори иқтисодӣ ғайриимкон аст. Фазои сармоягузорӣ дар ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини чунин рушд, ки тамоми ҷомеа аз он манфиат мегирад, нақши калидӣ дорад. Он ба навсозии бахши истеҳсолӣ, рушди инфрасохтор ва ҷорӣ намудани инноватсия мусоидат мекунад. Дар дарозмуддат, ин рақобатпазирии кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардорад ва

устувории иқтисодии онро тақвият медиҳад. Дар баробари ин, нақши сармоягузории хориҷӣ дар рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва тараққиёти илму техника басо муҳим арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 1.3. - Мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ**

| Самтҳои афзалиятнок | Мавқеи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Таъмини рушди инклюзивӣ ва ба даст овардани самараи синергетикӣ | Сармоягузории инфрасохтор, маблағгузории сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ ба навовариҳои технологӣ, сармоягузорӣ ба энергияи барқароршаванда, тандурустӣ, маориф ва дигар соҳаҳои калидӣ барои рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад. |
| Рушди саноат | Маблағгузории соҳаи мошинсозӣ, металлургия, азхудкунии захираҳои табиӣ, соҳаҳои истеҳсолӣ ва логистика ва инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди соҳаи саноат тақвият мебахшад. |
| Тараққиёти илму техника | Бо роҳи маблағгузории соҳаи маориф, инноватсия, сармояи инсонӣ, такмили соҳаҳои илмталаб, технологияи баланд, таъсиси кластери истеҳсолӣ, паркҳои технологӣ, корхонаҳои муосири илмталаб, зеҳни сунъӣ ва монанди инҳо илму технологияи муосир натиҷаи самаранок медиҳад. |
| Рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ | Истифодаи васеи имкониятҳои мавҷудбуда бо роҳи ҷалби сармоягузорӣ, маблағгузории КАС, зироаткорӣ ва чорводорӣ, таъсиси корхонаҳои муосири коркарди маҳсулоти аграрӣ, гузаштан ба истеҳсоли ғизои хушсифат ва монанди инҳо. |
| Рушди нақлиёт ва алоқа | Тавассути маблағгузории шабакаҳои нақлиётӣ, инфрасохтори нақлиёт ва коммуникатсия, истифодаи имкониятҳои васеи молиявии кишвар ва шарикони рушд дар ҷалби сармоягузории инфрасохтори муосир. |
| Таъсиси ҷойи корӣ | Воридоти сармоягузорӣ барои таъсиси корхонаҳои муосир ва коркарди маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд ва дар заминаи барои муҳайёи ҷойҳои нави корӣ замина мегузорад. |
| Такмили низоми андоз | Сиёсати муассири андоз ба воситаи сармоягузорӣ метавонад соҳибкоронро ба сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва саҳмгузорӣ ба рушди умумии иқтисодӣ ҳавасманд кунад, ки ин дар навбати худ, ба тақсимоти беҳтари захираҳо оварда мерасонад ва некуаҳволии иҷтимоиро тақвият медиҳад. |
| Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ | Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ барои истеҳсолоти молҳои содиротивазкунанда ва таҳкими муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо дигар кишварҳои дуру наздик мусоидат мекунад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [59]

Дар шароити муосир ҷои сармоягузорӣ дар рушди илм ва технология ҷанбаи муҳимми рушди ҳар як кишвар ба шумор меравад. Илм ва технология, дар навбати худ, барои эҷоди инноватсияҳои нав, такмил додани маҳсулот ва хизматҳои мавҷуда ва васеъ кардани бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Сармоягузорон - корхонаҳо ва шахсони алоҳида метавонанд дар сармоягузорӣ ба илм ва технология саҳм дошта бошанд. Бо пешрафтҳои назаррас дар соҳаҳо, аз қабили зеҳни сунъӣ, иктишофи кайҳон ва энергияи таҷдидшаванда, эҳтиёҷ ба сармоягузорӣ, бахусус, ба технологияҳои нав пайдо мешавад. Илова ба тавлиди ғояҳо ва кашфиёти нав, сармоягузорӣ ба таҳқиқоти бунёдии илмӣ, инчунин, метавонад ба рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва шукуфоии дарозмуддат оварда расонад.

Дар заминаи мавзуи таҳқиқоти мо, бояд махсус қайд кард, ки саҳми сармоя дар таҳкими амнияти озуқаворӣ хеле муҳим эътироф карда мешавад. Кишоварзӣ дар бисёр кишварҳо яке аз бахшҳои муҳимми иқтисод арзёбӣ мегардад. Сармоягузороне, ки ба кишоварзӣ таваҷҷуҳ доранд, метавонанд имкониятҳоро дар моликияти замин, зироаткорӣ ва чорводорӣ ҷустуҷӯ кунанд. Сармоягузориҳо ба кишоварзӣ метавонанд фоидаи дарозмуддат диҳанд, зеро интизор меравад, ки талабот ба ғизо аз ҳисоби афзоиши аҳолӣ ва тағйирёбии тарзи ғизо алоқамандӣ пайдо мекунад.

Илова бар ин, сармоягузорӣ дар рушди нақлиёт ва коммуникатсия нақши муҳим мебозад. Илова бар ин, онҳо ба ҷалби технологияҳои нав ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд. Шабакаҳои хуби коммуникатсионӣ ба тиҷорат имкони васеътар ва расидан ба бозорҳои васеътарро фароҳам меоранд ва дар навбати худ, имкониятҳои тиҷоратиро афзоиш медиҳанд.

Инчунин, ҳамлу нақли муассир вақт ва арзиши интиқоли мол ва хизматҳоро коҳиш медиҳад, ки боиси афзоиши маҳсулнокӣ ва рақобатпазир мегардад. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори стратегии нақлиёт ва коммуникатсия, инчунин, метавонад туризмро афзоиш диҳад ва дастрасӣ ба минтақаҳои дурдастро беҳтар созад. Аз ин рӯ, сармоягузорони хусусӣ бояд

сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт ва коммуникатсияро барои беҳтар кардани алоқа, рушди тиҷорат ва иқтисодӣ авлавият диҳанд.

Бояд зикр кард, ки сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосир дар заминаи таъмини шуғл ҷойгоҳи муҳим дорад. Умуман эътироф шудааст, ки ҷойҳои кории боэътимод ва подоши муносиб омилҳои ҳалкунанда барои нигоҳ доштани рушди иқтисодӣ ва оромии ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ бахусус, созмонҳои хусусӣ барои таъмини имкониятҳои шуғли шаҳрвандони худ тадбирҳои гуногунро сармоягузорӣ мекунанд. Сармоягузориҳо барои таъмини шуғл на танҳо ба кормандон фоида меоранд, балки ба рушди бахши тиҷорат низ мусоидат мекунанд. Вақте ки одамон кор ва даромад доранд, онҳо эҳтимоли бештари пулро сарф мекунанд, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, сармоягузорӣ барои таъмини шуғли аҳолӣ барои рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Дар баробари ин, сармоягузорӣ дар такмили низоми андоз барои пешбурди рушди иқтисодӣ ва субот муҳим аст. Татбиқи сиёсати муассири андоз метавонад соҳибкоронро ба сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва саҳмгузорӣ ба рушди умумии иқтисодӣ ҳавасманд кунад.

Системаи нисбатан оқилона ва одилонаи андоз ба тақсимоти беҳтари захираҳо оварда мерасонад, ки дар навбати худ, некуаҳволии иҷтимоиро тақвият медиҳад. Мамлакатҳое, ки рушди қавӣ ва устувори иқтисодиро доранд, аксар вақт системаҳои муассири андозро доро мебошанд.

Сармоягузорӣ дар савдои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, робитаҳои иқтисодии берунӣ нақши муҳим дорад. Сармоягузории хориҷӣ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани захираҳо, моликияти зеҳнӣ ва тиҷорат нигаронида шудааст.

Сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ ду мафҳуми ба ҳам наздик мебошанд. Сармоягузорӣ маблағгузорӣ ба корхона ё лоиҳаи мушаххас бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад.

Сармоягузорӣ дар пешбурди рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозад, боиси таъсиси ҷойҳои корӣ, тавсеаи истеҳсолот, тиҷорат ва рушди соҳаҳои нав мегардад.

Оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва нақши он дар низоми иқтисодиёти кишвар олимони ватанӣ низ корҳои зиёд доранд. Академик Р.К. Раҳимов оид ба нақши сармоягузорӣ чунин қайд мекунад: “Имкониятҳои афзоиши иктисодиёт бе зиёд кардани маблағгузории асосӣ ба кор андохта шуданд. Ҳамин тариқ, рушди босуръати оянда иқтисоди миллии Тоҷикистон имрӯз аз таносуби байни истеъмоли ниҳоӣ ва пасандозҳо дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ, инчунин ба рафти сиёсати пулию қарзӣ, ки ба қарздиҳии мусоидтар ба бахши воқеӣ мусоидат мекунад, вобаста аст” [100].

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои кишвар ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати технологӣ имкониятҳои назаррас фароҳам меорад. Он барои пур кардани норасоии захираҳои дохилӣ барои татбиқи лоиҳаҳои калон кӯмак мекунад, дастрасӣ ба технологияҳои муосир ва таҷрибаи идоракунии дар иқтисодиёти пешрафта ҷамъоваришударо осон мекунад. Бо сармоягузории хориҷӣ иқтидори содиротӣ тақвият меебад, соҳаҳое, ки метавонанд воридотро иваз кунанд, рушд мекунанд ва мавқеи кишвар дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мустаҳкам карда мешавад. Ҳамаи ин ба ташаккули иқтисодиёти устувор ва босуръат рушдёбанда мусоидат мекунад [48, с.41].

Нақши омилҳои рушди сармоягузорӣ барои ҳар як иқтисодиёт муҳим аст, зеро онҳо ба пешрафт ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Баъзе омилҳои муҳиме, ки ба рушди сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, аз сиёсати давлатӣ, рушди инфрасохтор, мавҷудияти захираҳо ё ашёи хом, қувваи кории соҳибихтисос ва пешрафти технологӣ иборатанд.

Сармоягузориҳо ба тадқиқот ва коркардҳо мусоидат мекунанд, ки навоварӣ ва технологияҳои нав ба истеҳсолот ворид гарданд. Ин, дар навбати худ, маҳсулнокии онро беҳтар мекунад, зеро корхонаҳо дар равандҳои худ самараноктар мешаванд. Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ

якдигарро пурра менамоянд. Афзоиши сармоягузорӣ боиси афзоиши баланди иқтисодӣ мегардад ва рушди минбаъдаро ба вуҷуд меорад [19].

Илова бар ин, субот ва амнияти иқтисод ва мавҷудияти маблағгузорӣ низ дар рушди сармоягузорӣ нақши муҳим доранд. Бо таваҷҷуҳ ба ин омилҳо созмонҳо метавонанд барои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ фазои мусоид фароҳам оваранд. Бинобар ин, муҳим аст муаммоҳоеро, ки ба рушди сармоягузорӣ монеа шаванд, муайян ва бартараф карда шаванд ва барои рушди сармоягузорӣ муҳити мусоид фароҳам оварда шавад.

Дар сохтори сармоягузориҳои ҷалбшуда сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба таври махсус фарқ мекунанд. Тибқи назарияҳои иқтисодӣ, "воридоти сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёт дучанд таъсир мерасонад: он на танҳо сатҳи истеҳсолот ва даромадро баланд мебардорад, балки ба туфайли самаранокии худ ба афзоиши ҳосилнокии сармоя дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, ки дар навбати худ ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ оварда мерасонад” [56, с.74].

Дар сохтори сармоягузорӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ нақши муҳимтаринро мебозад. Маҳз сармоягузории мустақими хориҷӣ барои рушди бахши воқеии иқтисодӣ саҳми арзанда дорад.

**Ҷадвали 1.4. - Сармоягузории мустақими хориҷӣ: норасоӣ ва фоида**

| Фоида | Норасоӣ |
|---|---|
| Норасоии сармоягузориро дар шароити кам будани пасандоз ҷуброн кардан | Маҳдуд кардани рақобат тавассути бастани созишномаҳои истисноӣ бо ҳукуматҳои кишварҳои қабулкунанда ва ҷилавгирӣ аз рушди фирмаҳои маҳаллӣ, ки дар раванди воридотивазкунӣ иштирок мекунанд. |
| Рӯйпӯш (пӯшондан) намудани касри тавозуни пардохт | Ташаккули нобаробарӣ дар суратҳисобҳои баланси пардохт бинобар ҳаҷми зиёди воридоти молҳо барои мақсадҳои саноатӣ (ҳисоботи ҷорӣ) ва содироти фоида ва фоизи сармоя (ҳисоби сармоя). |
| Даромади буҷети давлатӣ тавассути андозбандии фаъолиятҳои марбут ба сармоягузории хориҷӣ | Кам кардани пардохтҳо ба буҷети давлатӣ тавассути истифодаи системаи ҳавасмандгардонии андоз, интиқоли нархҳо, низоми сармоягузорӣ, инчунин, дотатсияҳои пинҳонии давлатӣ ва истифодаи тарифҳои протектсионистӣ. |
| Интиқоли таҷрибаи идоракунӣ ва соҳибкорӣ, технология ва тахассус | Ташаккули мавқеи монополии сармоягузорони хориҷӣ дар бозори дохилии кишвар. |

**Сарчашма:** [48, с.22]

Яке аз бартариҳои асосии воридшавии сармоягузории мустақими хориҷӣ барои кишварҳои қабулкунанда воридшавии сармоягузории дарозмуддат мебошад, ки ба рушди устувори иқтисодиёт мусоидат мекунад. Чунин сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки иқтидорҳои истеҳсолӣ навсозӣ карда шаванд, технологияҳои нав ҷорӣ карда шаванд ва таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот истифода шаванд. Ғайр аз он, сармоягузории хориҷӣ ба тавсеаи заминаи андоз, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандон мусоидат мекунад. Дар натиҷа, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда меафзояд, ки ба суръати умумии рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ин таъсирҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама, ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ, ба монанди рушди ММД, таъминоти шуғли пурмаҳсул, ҷамъоварии андоз ва ҷалби сармоягузорӣ ифода мегарданд. Дар баробари ин, онҳо метавонанд ба иқтисоди кишвари қабулкунанда таъсири дарозмуддат дошта бошанд.

Сармоягузорӣ ба воридшавии маблағҳо ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт такони ҷиддӣ мебахшад, дар ҳоле ки рушди иқтисодӣ ба афзоиши ҳаҷм ва ҳосилнокии иқтисодиёт дар маҷмуъ мусоидат мекунад. Сармоягузории оқилона боиси рушди иқтисодӣ мегардад, зеро маблағҳо ба соҳаҳои истеҳсолӣ, илмталаб ва технологияи баланд равона карда мешаванд, ки ин имкониятҳои шуғлро фароҳам оварда, ба рушди истеҳсолот таҳким мебахшад ва инчунин боиси афзоиши хароҷоти истеъмолӣ мегардад.

Чунин сармоягузорӣ метавонад талаботро ба молу хизматрасониҳо ҳавасманд кунад, ки боиси афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ дар кишвар мегардад. Дар бозори ҷаҳонӣ сармоягузорӣ аз манбаъҳои хориҷӣ метавонад сатҳи зиндагии мардумро беҳтар намояд ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро махсусан дар бозорҳои рӯ ба тараққӣ хубтар созад.

Сармоягузории хориҷӣ дар низоми рушди минтақаҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва яке аз омилҳои калидии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо ба ҳисоб меравад. Ҷалби сармоя дар ин ё он минтақа таъсири мусбат

мерасонад: ӯ рушди иқтисодро метезонад, ба инкишофи сифати зиндагии мардум ва инкишофи рушди соҳибкорӣ, бизнеси хусусӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, соҳаи сохтмон, соҳаи алоқа, савдо, сайёҳӣ, маориф ва тандурустӣ мусоидат мекунад.

Сармоягузорон на танҳо пул, балки технологияи пешрафта, таҷрибаи идоракунӣ ва стандартҳои нави тиҷоратро низ ворид месозанд. Ин дар навбати худ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, минтақа ба рушди устувор ва дарозмуддат такон мегирад..

Сармоягузориҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, манбаи маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо мебошанд. Аксари минтақаҳои кишварҳо, махсусан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз норасоии сармоягузории дохилӣ ранҷ мебаранд, ки барои татбиқи лоиҳаҳои рушд кофӣ нест. Сармоягузории хориҷӣ барои пур кардани холигии мавҷуда тавассути пешниҳоди дастгирии молиявӣ барои самтҳои гуногуни рушд, аз лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва саноатӣ то кишоварзӣ, сохтмон, алоқа, нақлиёт, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ пешбинӣ шудааст.

Сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳо имкон медиҳад, ки ба сармоягузории байналмилалӣ, ки аз бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ҷалб мешаванд, дастрасӣ пайдо кунанд. Фаъолияти онҳо ба навсозии иқтисодиёти минтақавӣ тавассути ҳамгироии технологияҳои навтарин равона карда шудааст. Ин боиси баланд шудани ҳосилнокӣ, беҳтар шудани стандартҳои сифати молҳо ва хизматҳо ва ташаккули соҳаҳои ояндадор мегардад.

Сармоягузориҳои ои хориҷӣ ба эҷоди ҷойҳои кории нав дар минтақаҳо мусоидат мекунад, сатҳи бекориро паст ва даромади аҳолиро зиёд менамояд, ба рушди соҳаҳои нави иқтисодиёт замина мегузорад. Рушди соҳаҳои нав дар иқтисодиёт ба таъсиси ҷойҳои кории нав имкониятҳои хубро фароҳам меоварад. Ин яке аз роҳҳои афзалиятноки рушд аст, зеро он бевосита ба некуаҳволии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Сармоягузории хориҷӣ метавонад ба иҷрои сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди минтақаҳо, аз қабили

рушди соҳаҳои афзалиятнок, дастгирии соҳибкорӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ мусоидат намояд.

Ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт (истеҳсолот, кишоварзӣ, сайёҳӣ, технологияҳои баланд) ба диверсификатсияи иқтисодиёт, коҳиши вобастагӣ аз соҳаҳои алоҳида ва баланд бардоштани устувории он ба бухронҳоро мусоидат мекунад. Сармоягузорӣ боиси афзоиши даромади андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ мегардад, ки ба маблағгузории рушди инфрасохтор, барномаҳои иҷтимоӣ ва дигар лоиҳаҳои муҳим имкон медиҳад.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ як механизми муассир барои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, интиқоли таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, такмили таҷрибаи идоракунӣ ва суръат бахшидан ба табдили рақамии тамоми соҳаҳо ва иқтисоди рақамӣ мебошад. Махсусан, дар баланд бардоштани салоҳиятнокии менеҷерҳои истеҳсолот ва рушди малакаҳои коргарон саҳми беандоза калонро дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки сармоягузориҳои ои хориҷӣ ҳалли онро мусоидат менамояд, рушди инфрасохтор дар минтақаҳо мебошад. Ин масъала махсусан ба мавзеъҳои дурдасти минтақаҳо мубрам мебошад. Масофа ва дастрасӣ душвор, мушкилоти интиқоли бор ва одамон, хароҷоти баланди нақлиёт, дастрасии маҳдуд ба бозорҳо ва таъминкунандагон зарурати рушти инфрасохторро ба вуҷуд меорад. Иқлими шадид, мавсими кӯтоҳи сохтмон, афзоиши хароҷоти гармидиҳӣ ва монанди инҳо ҳалталаб мебошанд. Барои ҳалли ин мушкилот равиши ҳамаҷониба лозим аст, аз ҷумла беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва бо ин роҳ зиёдтар ворид намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳо мебошад.

Яке аз самтҳои муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ сармоягузорӣ ба таҳсилот ва таълими касбӣ, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, рушди соҳаи тиб, фарҳанг ва варзиш мебошад. Муваффақият дар ҷалби сармоягузорӣ ба минтақаҳо омили асосии рушди устувори иқтисодии кишвар мебошад.

Сохтмони роҳҳо, пулҳо, хатҳои интиқоли барқ ва низомҳои обтаъминкунӣ — объектҳое, ки барои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисодии қаламравҳои дурдаст ҳаётан муҳим мебошанд — аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Саҳми сармоягузории хориҷӣ дар ташаккули рақобатпазирии сохторҳои хоҷагидор, маҳсулоти истеҳсол менамудаи онҳо калон аст. Субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси сармоягузориҳои хориҷӣ таъсис ёфта, бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, таъсиси кластерҳоро (гурӯҳҳои корхонаҳо ва соҳаҳои марбута) мусоидат мекунанд, ки баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо ва рушди устуворро таъмин мекунад.

Сифати маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасонии субъектҳои навтаъсис аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ, одатан, бо шарофати ворид шудани техникаву технологияҳои нав, кадрҳои баландихтисос, идоракунии истеҳсолот ва ғайра аз молҳои ватанӣ баландтар мебошад. Ин рушди содирот ва даромади асъорро мусоидат менамояд. Дар шароити имрӯзаи кишвари мо, ки ҳаҷми воридот аз ҳаҷми содирот 2,4 маротиба зиёд мебошад (дар соли 2023), аҳаммияти беандоза калон дорад [15, с.312]. Зиёд намудани ҳаҷми содироти молҳо, махсусан ба вилояти Хатлон, муҳим мебошад.

Хулоса, сармоягузории хориҷӣ омили асосии рушди минтақавӣ мебошад. Ба туфайли онҳо технологияҳои муосир ҷорӣ карда мешаванд, ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд, инфрасохтор беҳтар мешавад, ки дар маҷмуъ ба пешрафт дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад.

## 1.3. Вижагиҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамчун як қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ, Тоҷикистони муосир бо қабули сиёсати кушодашавӣ давраи рушдро аз сар мегузаронад. Ин барои

субъектҳои хоҷагидорӣ шароити бароҳат фароҳам меорад ва барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ заминаи устувор (ҳуқуқӣ ва инфрасохторӣ) мегузорад.

Ташаккули заминаи қонунгузорӣ барои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, баъди ба даст овардани истиқлолияти кишвар рух дод. Аз соли 1991 то имрӯз дар ҷумҳурӣ қонунҳои сершумори танзимкунандаи муносибатҳои бозорӣ таҳия ва қабул гардида, дар ин ҳолат ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ таваҷҷуҳи назаррас карда шудааст.

Зарурати таҳия ва қабули қонунҳои бозорӣ низ аз он иборат аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил шуда, бо мақсади ҳамгироӣ ба раванди иқтисодии ҷаҳонӣ ва бомуваффақият паси сар намудани давраи гузариш маблағҳои иловагӣ ҷалб кардан лозим шуд [22].

Дар даврони истиқлол барномаҳои зиёди иқтисодӣ барои татбиқи афзалиятҳои миллӣ таҳия ва қабул гардидаанд. Инчунин, ҷалби сармоягузорӣ самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ дар кишвар эътироф гашта, оид ба беҳбудии ин самти муҳим меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ қабул гардидаанд.

Ҳамаи ин барномаҳо барои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ равона гашта, дар кишвар барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ заминаи устуворӣ ҳуқуқӣ гузоштаанд.

Дар масъалаи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

- таъминкунии тараққиёти мутавозин ва устувори иқтисодиёти мамлакат;

- муқаррар намудани қоидаҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар мувофиқа ба манфиатҳои стратегии мамлакат ва афзалиятҳои рушди иқтисодиёт;

- дастрасии пурраи сармоягузорони хориҷӣ ба иттилоот, барномаҳои сармоягузорӣ, озмунҳои сармоягузорӣ [126].

Ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ суботи низоми иқтисодии кишвар, татбиқи самараноки манфиатҳои иқтисодии он ва таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин,

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ дар шаклҳои гуногун амалӣ намудани фаъолияти сармоягузориро иҷозат додааст.

Сиёсати сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ба пешбурд ва диверсификатсияи иқтисоди кишвар нигаронида шудааст. Ҳукумати Тоҷикистон барои фароҳам овардани фазои мусоидтар барои соҳибкорӣ барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ислоҳоти гуногунро амалӣ кардааст. Дар кишвар як қатор имтиёзҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла, таътилҳои андоз, озодкунии гумрукӣ ва расмиёти содакардашудаи оғози тиҷорат пешниҳод шудаанд.

Ҳукумат инчунин ба рушди инфрасохтор, аз қабили роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва фурудгоҳҳо афзалият додааст, то иртиботот дар дохили кишвар ва кишварҳои ҳамсояро беҳтар созад. Сарчашмаҳои табиии Тоҷикистон, аз ҷумла, иқтидори бузурги гидроэнергетикии он, ҳамчунин, имкони сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаро фароҳам меорад. Тоҷикистон сиёсати сармоягузориро пеш мебарад, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва диверсификатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ тамаркуз намуда, ба ин васила ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ бо қонунгузории миллӣ ҳамчун қисми танзими умумии сармоягузории хориҷӣ танзим карда мешавад. Ин раванд ба принсипҳои аз ҷониби муассисаҳои молиявии байналмилалӣ таҳияшуда, ба монанди иҷозати сармоягузории мустақими хориҷӣ, набудани табъиз, пешниҳоди ҳимоя ва кафолат ба сармоягузорони хориҷӣ, интиқоли озоди асъор, манъи азхудкунии дороиҳои хориҷӣ ва механизмҳои ҳалли баҳсҳо байни сармоягузори хориҷӣ ва кишвари мизбон, асос ёфтааст. Чунин принсипҳо муҳити пешгӯишаванда ва бехатарро барои сармоягузорӣ фароҳам меоранд, ки ин барои лоиҳаҳои дарозмуддат махсусан муҳим аст. Субот ва шаффофияти қоидаҳо эътимоди сармоягузоронро афзоиш медиҳад ва кишварро дар арсаи байналмилалӣ ҷолибтар мекунад. Дар ниҳоят, он ба таҳкими устувории иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба системаи молиявии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Танзими давлатии сармоягузории хориҷӣ дар расми 1.1 оварда шудааст.




**Расми 1.1. Танзими давлатии сармоягузорӣ.**
**Сарчашма:** [43, с.31]

Аз расм бармеояд, ки танзими давлатии сармоягузории хориҷӣ ҷанбаҳои гуногуни таъсиррасонро доро буда, пеш аз ҳама, барои таъсири мутақобилан судманди иқтисодии дуҷонибаву бисёрҷониба равона гардидааст. Барои танзими давлатии сармоягузории хориҷӣ мақомоти давлатии соҳаи сармоягузорӣ фаъолият мекунад.

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатиро оид ба масъалаҳои сармоягузорӣ таъин менамояд, ки як қатор вазифаҳои асосиро иҷро менамояд. Ин мақомот ба сармоягузорон дар таъмини риояи уҳдадориҳо аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Он инчунин мурочиатҳои сармоягузоронро, ки дар ҷараени фаъолияти онҳо дар кишвар ба вуҷуд меоянд, баррасӣ мекунад ва муошироти байни онҳо ва мақомоти дахлдори давлатиро таъмин мекунад. Вазифаҳои он таҳия ва паҳн кардани иттилоот дар бораи имкониятҳои мавҷудаи сармоягузорӣ, барномаҳо, лоиҳаҳо ва шароити сармоягузорӣ дар Тоҷикистон мебошад [4].

Ин принсипҳо дар қонунгузории миллии кишварҳои қабулкунанда ба таври гуногун амалӣ карда мешаванд. Дар кишварҳои пешрафта дар бораи сармоягузории хориҷӣ қонунҳои махсус вуҷуд надоранд ва фаъолияти

сармоягузорони хориҷӣ тибқи қоидаҳое, ки ба фаъолияти сармоягузорони миллӣ татбиқ мешаванд, тобеъ аст. Дар амалияи ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам миллӣ усулҳои молиявӣ бартарӣ доранд. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ қонунҳои махсуси сармоягузории хориҷиро қабул мекунанд, ки барои мусоидат ба таҷдиди сохтор ва рушди иқтисоди миллии онҳо, аз ҷумла тавассути ҷалби сармоягузории хориҷӣ пешбинӣ шудаанд [43, с.31].

Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот, инчунин, бояд қайд кард, ки сиёсати сармоягузории соҳавӣ низ дар низоми ҷолибияти сармоягузорӣ нақши муҳимро иҷро мекунад. Сиёсати сармоягузории соҳавӣ стратегия ё нақшаест, ки аз ҷониби ширкат ё сармоягузор барои як соҳаи мушаххас таҳия мешавад. Он тавсифи технологияҳо, инфрасохтор ва захираҳоеро дар бар мегирад, ки имкониятҳои сармоягузории фоидаоварро амалӣ менамояд. Мақсади сиёсати сармоягузории соҳа ҷалби сармоягузорон ва ҳадди аксар расонидани фоида дар соҳаи мушаххас мебошад.

Сиёсати соҳавии сармоягузорӣ, қисми сиёсати давлатии сармоягузорӣ буда, бояд муайян намудани мақсад ва самтҳои стратегии фаъолияти сармоягузориро дар соҳа, сохтори оқилона ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ва манбаъҳои фарогирии онҳо, таҷдиди сохтори сармоягузории соҳаро таъмин намояд.

Самти соҳавии фаъолияти сармоягузорӣ дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории давлатӣ нақши муҳим мебозад. Сиёсати соҳавии сармоягузорӣ фаъолиятест, ки ба дастгирии сармоягузории бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронида шуда, рушди он амнияти иқтисодӣ ва мудофиавии кишвар, содироти маҳсулоти саноатӣ, тезонидани пешрафти илмию техникӣ ва динамизми тараққиётро дар оянда таъмин менамояд [65].

Бояд қайд кард, ки марҳилаҳои ташаккулёбии сиёсати сармоягузорӣ ҷузъҳои зиёди фаъолиятро дар бар мегирад, ки татбиқи ҳамоҳанги онҳо барои фаъолгардонии сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунад. Марҳилаҳои амалисозии сиёсати соҳавии сармоягузорӣ дар расми 1.2 оварда шудааст.

Таҳлили сиёсати сармоягузории давлат

Муайянсозии мақсадҳои стратегӣ

Муайянсозии самтҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Арзёбии фаъолият ва тасҳеҳи сиёсати сармоягузории соҳавӣ

Таъмини татбиқи сиёсати сармоягузорӣ. Ташаккули барномаи сармоягузории воқеӣ

Таҳияи сиёсати бо захираҳо таъмини сармоягузории воқеӣ дар соҳа

**Расми 1.2. Марҳилаҳои сиёсати соҳавии сармоягузорӣ.**
**Сарчашма:** [65, с.389]

Ҳукумати кишвар барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ фаъолона кор мекунад. Ин бо таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ, қабули қонунҳое, ки сармоягузориро танзим ва ҳимоя мекунанд, кушодани “равзанаи сармоягузорӣ” ва таъсиси шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фазои сармоягузорӣ тасдиқ карда мешавад.

Сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон метавонанд аз имтиёзҳои мухталиф, аз ҷумла имтиёзҳои андоз, коҳиши боҷи гумрукӣ ва озоди аз андози амвол бархӯрдор бошанд.

**Ҷадвали 1.5. - Усулҳои ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷӣ**

| Самт | Усулҳои ҳавасмандгардонӣ |
|---|---|
| Низоми миллӣ | Ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ дар қаламрави давлати қабулкунанда бо қонунҳои миллии он муайян карда мешаванд, на бо қонунҳои давлати содиркунандаи сармоя. Нисбат ба сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ низом як хел таъсир мерасонад. |
| Низоми бештар мусоидаткунанда | Низоми тиҷоратию сиёсӣ, вақте ки ба молҳо ва хизматрасониҳои сармоягузориҳои кишваре, ки чунин низом дода шудааст, бояд дар бозори кишвари воридкунанда шароите дошта бошад, ки аз ҳама ҷиҳати хизматрасонӣ бадтар набошад. |

*Идомаи ҷадвали 1.5.*

| | |
|---|---|
| Низоми кафолати давлатӣ барои сармоягузорони хориҷӣ | Таъсиси маҷмуи чунин кафолатҳо дар якҷоягӣ бо механизми воқеан коркунандаи татбиқи онҳо вазифаи муҳимтарини фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ҳар кишвар мебошад. |
| Танзими андоз | Қарзи андоз, тахфифҳои сармоягузорӣ, таътили андоз, истеҳлоки тезонидашуда, субсидияҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии андозбандии ғайримустақим, аз ҷумла, кам кардани меъёри боҷҳои гумрукӣ |
| Танзими асъор | Истифода якчанд асъор, таносуби як ва дигар асъор бевосита ҳам ба шартҳои созишномаҳои мушаххаси сармоягузорӣ ва ҳам ба натиҷаҳои умумии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ таъсиррасон. |
| Танзими гумрукӣ | Муқаррар намудани боҷҳои гумрукии содирот ва воридотӣ дар сатҳе, ки ба тағйироти мақсадноки ҳамл ва сохтори содироту воридот мусоидат мекунад. Боҷҳои гумрукӣ манбаи муҳимми даромад мебошанд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани тадқиқоти илмиву назариявӣ

Аз ҷадвал бармеояд, ки имтиёзҳои андоз, субсидияҳо, грантҳо, равандҳои танзимшавандаи танзим ва рушди инфрасохторро дар бар мегиранд.

Ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ на танҳо барои таъмини рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, балки мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои васеътари иҷтимоӣ, аз қабили рушди устувори иқтисодиёт ва ноил шудан ба баробарии иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.

Нуқтаи марказии ин бахш муайян кардани табиат ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ташкилотҳои ҳудудии кишвар нигаронида шудааст. Мақсади ин сиёсат аз он иборат аст, ки сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои кишвар мақсаднок ҷалб карда шаванд. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои кишвар як қисми сиёсати умумии сармоягузорӣ дар кишвар мебошад ва ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии қаламравҳои мушаххас равона карда шудааст.

Сиёсати давлатии минтақавии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои ақибмонда ва камтар рушдёфта нигаронида мешавад. Ин имконият медиҳад, ки рушди баробари иқтисодӣ дар саросари кишвар таъмин карда шавад.

Сиёсати давлатӣ ба хусусиятҳои инфиродии минтақаҳо мутобиқ шуда, кӯшишҳоро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳое равона мекунад, ки барои рушди онҳо афзалият доранд.

Бояд қайд кард, ки ҳар як минтақа новобаста аз ҷуғрофия, рушди иқтисодӣ, шумораи аҳолӣ, муҳити институтсионалӣ ё ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангии он беназир аст. Ташаккули ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо ҳамчун проблемаи илмӣ ба талаботи амалияи таҳия ва татбиқи нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди минтақаҳо ба таври кофӣ ҷавобгӯ мебошад [133, с.47].

Дар адабиёти илмӣ ба омилҳои ташаккули ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо диққати махсус дода мешавад. Инак, дар кори А.В. Бабанов ин омилҳо аз рӯйи хусусиятҳои инфиродӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки ба мо имкон медиҳанд, ки таъсири ҳар як омилро ба ҷузъҳои ҷудогонаи ҷолибияти сармоягузории минтақа ба таври мунтазам таҳлил намоем.

**Ҷадвали 1.6. - Таснифи омилҳое, ки ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсиррасонанда**

| Таснифот аз рӯйи нишонаҳо | Омилҳои ҷолибияти сармоягузорӣ |
|---|---|
| Сарчашмаи рӯйдод | - беруна (глобалимиллӣ)<br>дохила(минтақавӣ) |
| Вобаста аз фаъолияти одамон | - объективӣ, субъективӣ |
| Ҷузъи ҷолибияти сармоягузорӣ | - иқтидори сармоягузорӣ<br>- таваккали сармоягузорӣ |
| Самти таъсирот | - мусоид, номусоид |
| Таъсироти давомнокӣ | - дарозмуддат, миёнамуҳлат,<br>кӯтоҳмуҳлат |
| Соҳаи ташаккул | - институтсионалӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ, ҳуқуқӣ, инноватсионӣ, экологӣ ва ғ. |
| Пешгӯӣ | - Пешгӯишаванда<br>пешгӯинашаванда |
| Идоракунӣ | - идорашаванда (танзимшаванда),<br>идоранашаванда (танзимнашаванда) |
| Тарзи ифода | - шуморавӣ, босифат |
| Дараҷаи тафсилот | - тартиби якум, тартиби дуюм, тартиби сеюм ва ғ. |
| Аҳаммиятнокӣ | - муҳим, на он қадар муҳим |
| Дараҷаи тағйироти баланд | - тез тағйирёбанда, муътадил тағйирёбанда, суст тағйирёбанда, тағйирнашаванда |

**Сарчашма:** [70, с.88]

Омилҳои муҳимтарини сармоягузорӣ суботи иқтисодии кишвар, суботи сиёсӣ ва сиёсати мусоиди тиҷорат мебошанд. Суботи иқтисодӣ маънои доштани сатҳи пешбинишавандаи таваррум, бозорҳои устувори молиявӣ, сатҳи пасти фасод ва системаи боэътимоди ҳуқуқро дорад. Суботи сиёсӣ доштани муҳити осоиштаи сиёсиро дар бар мегирад, ки дар он тағйироти куллии сиёсӣ, терроризм ва ноустувории сиёсӣ хеле кам мушоҳида мешавад.

Барои зиёд намудани сармоягузорӣ на танҳо шароити мусоид барои пешбурди тиҷорат (ба монанди имтиёзҳои андоз, субсидияҳо ва танзим), балки мавҷудияти кадрҳои баландихтисос, ҷойгиршавии стратегӣ ва захираҳои бойи табиӣ низ муҳим аст.

Дар баробари мавҷудияти шароит ва заминаҳои объективии фаъолияти сармоягузорӣ (масалан, мавқеи ҷуғрофӣ, инфрасохтори табиӣ ва иҷтимоӣ, дараҷаи устувории сиёсӣ ва ғайра) фаъолияти сармоягузоронро дар ин шароит ба назар гирифтан лозим аст, ки раванд ва натиҷаҳои он бо мавқеъ ва манфиати худи сармоягузорон хос аст.

Аз ин рӯ, дараҷаи фазои мусоиди сармоягузориро дар минтақа метавон бо таъсири омилҳои объективӣ ва субъективии раванди сармоягузорӣ муайян кард. Илова бар ин, натиҷаи фаъолияти сармоягузории минтақа дар соҳаи рушди инфрасохтор метавонад афзоиши ҷолибияти сармоягузории он бошад [83, с.300].

Ба маънои васеъ, ҷолибияти сармоягузории минтақа системаи иқтисодии онро дар маҷмуъ тавсиф мекунад. Он маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективӣ, аз қабили имкониятҳои мавҷуда, захираҳои мавҷуда, маҳдудиятҳои мавҷуда ва афзалиятҳои сармоягузорони эҳтимолӣ мебошад. Ғайр аз он, суботи сиёсӣ, сатҳи монеаҳои маъмурӣ ва сифати муҳити институтсионалӣ нақши муҳим доранд. Сармоягузорони эҳтимолӣ инчунин дастрасии нақлиёт, вазъи инфрасохтор ва мавҷудияти қувваи кории баландихтисосро арзёбӣ мекунанд. Ҳамаи ин ҷанбаҳо дар маҷмуъ дарки умумии минтақаро ҳамчун минтақаи мусоид ё баръакс хатарнок барои сармоягузорӣ ташаккул медиҳанд [83, с.300].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, аз ҷумла, кишоварзӣ, сайёҳӣ, энергетика, истихроҷи маъдан ва нақлиётро муайян кардааст. Ҳукумат инчунин сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба корхонаҳои хурду миёна ва беҳтар намудани инфрасохторро амалӣ кардааст.

Мувофиқи консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ бояд ба ҷиҳатҳои зерин асос ёбад.

**Ҷадвали 1.7. - Афзалиятҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ**

| Самти афзалият | Тавсифи афзалият |
|---|---|
| Афзалиятҳои соҳавӣ | Ҳавасмандгардонии фаъолиятҳое, ки барои иқтисодиёти кишвар муҳиманд, аз ҷумла, содироти маҳсулоти рақобатпазир ва воридоти технологияҳои нав, ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятнок, ки номгӯи онҳо бояд мунтазам баррасӣ карда шавад. |
| Афзалиятҳо нисбати ширкатҳо | Дар баробари ҳавасмандгардонии сармоягузории ширкатҳои бузург ба ҷалби сармоягузории ширкатҳои хурду миёнаи хориҷӣ, ки бештар ба такмили заминаи қонунгузории ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таъмини кафолати устувории шароит эҳтиёҷ доранд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. |
| Афзалиятҳои рушди минтақавӣ | Дар баробари амалияи фароҳам овардани шароити махсусан мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои алоҳидаи озоди иқтисодӣ, истифодаи ташаббус ва иқтидори захиравии ҳудудҳоро бо дарназардошти рушди инфрасохтор ва институтҳои маъмурӣ барои ҷалби сармоягузорониояндадор зарур аст. |
| Афзалиятҳои кишвар ва минтақа | Пурзӯр намудани раванди ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар диверсификатсияи манбаъҳои воридоти сармоягузории кишварро ҳам аз ҳисоби кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ва ҳам кишварҳои дорои бозорҳои босуръат рушдёбанда бо дарназардошти талабот ва тамоюли рушди тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ талаб мекунад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси: [3]

Ҳавасмандгардонии сармоягузории ширкатҳои бузург ба ҷалби сармоягузории ширкатҳои хурду миёнаи хориҷӣ, фароҳам овардани шароити махсусан мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои алоҳидаи озоди иқтисодӣ ва пурзӯр намудани раванди ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар аз сатҳҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории ҳар як кишвар дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

Барои фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ ва суръат бахшидан ба гузариш аз модели истеъмолӣ ба сармоягузорӣ, таҳия ва қабули қонунҳои дахлдор, татбиқи чораҳо оид ба беҳтар намудани муҳити иқтисодӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҷалби технологияҳои пешрафта хеле муҳим мебошанд. Инчунин тақвияти институтҳое, ки ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон ва шаффофияти танзимро таъмин мекунанд, муҳим аст. Ғайр аз он, барои ҷалби сармоягузории дарозмуддат ва мубодилаи таҷриба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ бояд тақвият дода шавад. Тоҷикистон, ҳарчанд дар роҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ бо монеаҳо рӯ ба рӯ мешавад, аммо бартариҳои геополитикӣ ва сарватҳои назарраси табиӣ дорад, ки барои сармоягузорони ба бозори минтақавӣ нигаронидашуда дурнамои ҷолиб фароҳам меорад. Кишвар метавонад ҳамчун пули логистикӣ байни Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Наздик ва кишварҳои ИДМ баромад кунад, ки аҳамияти стратегии онро тақвият медиҳад. Дар баробари ин, рушди инфрасохтор, такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани шаффофияти муҳити корӣ метавонад таваҷҷуҳи сармоягузорони байналмилалиро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Мақсади асосии сиёсати давлатӣ оид ба ҷалби сармоягузориҳои дар минтақаҳо, пеш аз ҳама, баробар кардани рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо, рушди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ мебошад. Муайян кардани соҳаҳои афзалиятнок барои ҳар як минтақа бо назардошти иқтидори захиравии он, мавқеи ҷуғрофӣ, ашёи хом барои саноат, мавҷудияти қувваи корӣ, имкониятҳои сайёҳӣ ва дигар омилҳо корбарӣ карда мешавад.

Сиёсати давлатӣ дар ин ҳолат ба самти сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои минтақавӣ, ки барои пешрафти онҳо муҳимтарин эътироф шудаанд, тамаркуз мекунад. Ин соҳаҳо метавонанд энергетика, кишоварзӣ, саноати коркард, туризм, инфрасохтор ва ғайраро дар бар гиранд.

Мавқеи давлат дар муаррифии иқтидорҳои сармоягузории хориҷии минтақавӣ калон мебошад. Маркетинг ва пешбурди имкониятҳои

сармоягузории минтақаҳоро таъмин намудан зарур аст. Иштироки роҳбарони маъмуриятҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар намоишгоҳҳо ва форумҳои байналмилалӣ аҳамияти калидӣ дорад, ки онҳо метавонанд иқтидори минтақаҳои худро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ нишон диҳанд.

Ташкили форумҳои минтақавии сармоягузорӣ яке аз роҳҳои ҷалби таваҷҷуҳи сармоягузорон ба имкониятҳои сармоягузории минтақаҳо мебошад. Шиносномаҳои сармоягузории минтақаҳо бояд таҳия карда шуда, дар сомонаҳои интернетии ҳукуматҳои вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо гузошта шаванд. Дар давраи ҳозираи рушди иқтисодии давлатҳои ҷаҳон омода намудани маводи иттилоотӣ, ки дорои маълумоти муфассал дар бораи фазои сармоягузорӣ, имкониятҳо ва шароити ҷалби сармоягузориҳои ба минтақа мебошанд, сохтани вебсайтҳо ва платформаҳои онлайнӣ тақозои замон мебошанд.

Давлат бояд доимо бо сармоягузорони хориҷӣ муколама дошта бошад, то мушкилоти онҳоро ҳал намуда,  барои фаъолияти муваффақ шароит фароҳам оварад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат муайян кардани минтақаҳое, ки ба сармоягузорӣ ниёз доранд, мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳимтарин содагардонии расмиёти маъмурии  ворид намудани сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад. Кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки  муҳлатҳо ва шумораи мувофиқаҳое, ки барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба минтақаҳо заруранд камтар бошанд. Ин ба он вобаста аст, ки аксари сармоягузорон бештар ба пойтахтҳои кишварҳо, шаҳрҳои тараққикарда, мавзеъҳои ободро интихоб мекунанд.

Рушди инфрасохтори минтақавӣ омили асосии баланд бардоштани таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ба минтақаҳо, аз ҷумла ба қаламравҳои музофотии онҳо мебошад.

Барои қонеъ кардани дархостҳои сармоягузорони хориҷӣ давлат ба тайер кардани кадрҳои баландихтисоси серталаб, аз ҷумла дар соҳаҳои муҳандисӣ, технологӣ ва корӣ, инчунин мутахассисони дараҷаи миёна

мусоидат мекунад. Ин ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки ба занҷирҳои истеҳсолии ҷаҳонӣ самараноктар ворид карда шавад. Инчунин рушди низоми таҳсилоти касбӣ ва ташкили шарикӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва тиҷорат муҳим аст. Барои тайёр намудани ин гуна мутахассисон аз ҳисоби буҷети давлатӣ бояд маблағҳои муайян ҷудо карда шаванд. Ин ба он вобаста аст, ки қисми ҷавони лаёқатманд, ки дар минтақаҳои дурдаст истиқомат мекунанд, барои таҳсил ва соҳиби касби муайян шудан, маблағ пайдо карда наметавонанд. Аксари кадрҳои тайёршудаи дипломдор, ки аз пойтахти кишвар ва шаҳрҳои калон мебошанд, барои ҷалб гаштан барои фаъолияти корӣ дар минтақаҳои дурдаст хоҳиш надоранд. Таҳия ва амалисозии барномаҳои минтақавии омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳоро аз ноҳияҳои дурдасти кишвар, ки ба талаботи сармоягузорон ҷавобгӯ мебошанд, тақозои замон мебошад.

Барои сармоягузорони хориҷӣ додани имтиёзҳои минтақавӣ муҳим аст. Паст кардани меъёрҳои андозҳои минтақавӣ (аз амволи ташкилотҳо, андоз аз нақлиёт), додани қарзҳои андози сармоягузорӣ, пасттар муайян намудани боҷҳои гумрукӣ барои сармоягузорони хориҷӣ, додани қитъаҳои замин ба иҷора бо меъёрҳои имтиёзнок, сода кардани тартиби ба расмият даровардани ҳуқуқи замин ва ғайра барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар минтақаҳо бояд технопаркҳо таъсис дода шаванд, ки барои рушди ширкатҳои инноватсионӣ ва тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Онҳо марказҳои махсус мебошанд, ки барои дастгирии рушди инноватсионӣ ва фаъолияти соҳибкории технологӣ пешбинӣ шудаанд. Вазифаҳои асосии технопаркҳо фароҳам овардани муҳити мусоид барои муошират ва мубодилаи таҷриба байни ширкатҳо ва ғайра мебошанд.

Мусоидати давлат барои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз роҳҳои ҳарчи бештар ҷалб намудани сармоягузориҳо ба минтақаҳо мебошад. Имтиёзҳои андоз дар асоси тартиботи содакардашудаи маъмурӣ, сабукии

боҷҳои гумрукӣ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ бештар мувофиқ мебошанд.

Сиёсати давлатӣ дар эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ, устувории макроиқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, сатҳи пасти таваррум, устувории қурби асъори миллӣ заминаҳо барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳо мебошад. Онҳо барои пешбурди тиҷорат муҳити хуб фароҳам меоранд ва хавфҳои марбут ба сармоягузориро коҳиш медиҳанд. Суботи сиёсӣ ва волоияти қонун, кафолати низоми устувори сиёсӣ, риояи ҳуқуқи моликият, мустақилияти низоми судӣ ва мубориза муассир бо коррупсияро давлат бояд таъмин намояд, ки онҳо шартҳои муҳимми воридшавии сармоягузориҳо ба минтақаҳо мебошанд.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, риояи талаботи экологӣ ва таъмини шаффофият, давлат фаъолияти сармоягузории хориҷиро дар сатҳи минтақавӣ мунтазам назорат мекунад.

Давлат аз сармоягузорони хориҷӣ ҳисоботдиҳиро талаб мекунад, то маълумотро дар бораи фаъолияти онҳо ҷамъоварӣ намояд ва таъсири сармоягузории хориҷиро ба иқтисодиёт арзёбӣ кунад.

Ҳамин тавр, стратегияи давлатии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои Тоҷикистон ҳадафҳои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ, дастгирии давлатӣ, тамаркуз ба рушди қаламравҳо ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалиро дорад. Ҳадафи асосии ин сиёсат ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои Тоҷикистон мебошад.

## Хулосаи боби якум

Сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ворид намудани сармоягузориҳоро бо мақсади ба даст овардани фоида дар назар доранд. Сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳаи иҷтимоию иқтисодии кишвар, навсозии инфрасохтор, таъсис ё васеъ кардани корхонаҳо, хариди дороиҳо ва маблағгузории лоиҳаҳои гуногун равона карда мешавад. Чунин вуруди

сармоягузорӣ ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва татбиқи технологияҳои нав мусоидат мекунад. Сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯи се намуди асосӣ тасниф карда мешаванд. Аввалан, ин сармоягузории мустақимест, ки барои таъсис ё ба даст овардани ширкатҳо бо мақсади идоракунии минбаъдаи онҳо анҷом дода мешавад. Дуюм, сармоягузориҳои ҷомадонӣ мавҷуданд, ки хариди саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар дороиҳои молиявиро бидуни ҳадафи назорати ширкат дар бар мегиранд. Ва сеюм, сармоягузориҳои дигареро, ки шаклҳои маблағгузорӣ, аз қабили қарзҳо, сармоягузорӣ ба саҳмияҳо ва вомбаргҳо (ба ғайр аз портфелҳо) ва дигар намудҳои сармоягузориро дар бар мегиранд, ҷудо мекунанд. Ҳар яке аз ин намудҳои худро дорад ва сатҳи иштироки сармоягузор дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ки таъсир хавф ва даромаднокии онро дорад. Интихоби шаклҳои сармоягузорӣ, одатан, вобаста ба ҳадафҳои сармоягузор, вазъи иқтисодии кишвар ва сатҳи рушди бозорҳои молиявӣ.

Моҳияти сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳо дар қобилияти онҳо барои баланд бардоштани рушди иқтисодии маҳаллӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва такмили инфрасохтор, инчунин мусоидат ба мубодилаи технология ва дониш зоҳир мешавад. Ин боиси афзоиши истеҳсолот, афзоиши даромад ва андозҳо дар минтақа, беҳтар шудани некуаҳволии аҳолӣ тавассути ҷойҳои нави корӣ мегардад. Сармоягузорӣ ба сохтмони иншооти асосии инфрасохторӣ (роҳҳо, неругоҳҳо, шабакаҳои алоқа) равона карда шудааст, технологияҳои нав ва таҷрибаи пешқадамро меорад, ки рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавиро баланд мебардорад ва ба ҳамгироии он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ накши калидӣ ва мавқеи муҳим доранд. Онҳо захираҳои молиявиро ҷалб карда, ба рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани шуғлнокии аҳолӣ, интиқоли технологияҳо ва беҳтарсозии инфрасохтор равона мешаванд. Омили муҳимми пешрафти иқтисодӣ буда, воридшавии иқтисодиёти миллиро ба низоми ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобатпазирӣ мусоидат менамоянд.

Сиёсати давлатии сармоягузории хориҷӣ дар сатҳи мамлакат ва минтақа маҷмуи чорабиниҳо ва қонунҳоест, ки ҳадафи онҳо ҷалб, ҳавасмандгардонӣ, танзим ва ҳимояи сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад. Ин сиёсат ба эҷоди муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст. Дар сатҳи минтақаҳо сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба муайян намудани афзалиятҳои рушди онҳо, дастгирии сармоягузорон дар сатҳи маҳалҳо, рушди инфрасохтори минтақавӣ, таъсиси кластерҳо ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо шароити имтиёзнок барои ҷалби сармоягузорон ва баробаркунии сатҳи тараққии иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои мамлакат равона карда мешавад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ТАМОЮЛИ РУШД ВА ҲОЛАТИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Ҷолибияти вилояти Хатлон барои сармоягузориҳои хориҷӣ

“Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”, ки соли 2016 қабул шудааст, бахши алоҳидаеро дар бар мегирад, ки ба рушди минтақавӣ бахшида шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки амалҳои ҳукумат ба сатҳи марказӣ нигаронида шудаанд, ки дар минтақаҳо масъалаҳои ҳалношуда боқӣ мемонанд. Инро он далел низ тасдиқ мекунад, ки аксари Ҳадафҳои рушди устувори Тоҷикистон асосан дар Душанбе ба даст оварда шудаанд.” [8, с.42].

Бинобар муайян намудани соҳаҳои ҷолибиятноки минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон, ки яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ мебошад, муҳим мебошад. Ин коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд намудани даромадҳои пулии аҳолиро мусоидат менамояд.

Яке аз омилҳои асосии ҷолибияти сармоягузории соҳа афзоиши босуръати шумораи аҳолии он мебошад. Ҳамзамон, дар минтақа зарурати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2.1. – Шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 (дар охири сол, ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 8551,2 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10288,3 | 120,3 | 105,9 |
| Вилояти Хатлон | шумора | 3047,8 | 3459,7 | 3530,0 | 3611,2 | 3697,8 | 121,3 | 106,9 |
| | бо % ба ҷамъи аҳолии кишвар | 35,64 | 35,61 | 35,70 | 35,83 | 35,94 | | |

**Сарчашма:** [10, с.19]

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки шумораи аҳолӣ дар минтақа дар солҳои 2015-2023 он 21,3% ва дар солҳои 2020-2023 – 6,9% афзудааст. Чӣ тавре рақамҳо нишон медиҳанд, аҳолии вилоят зиёда аз се ҳиссаи аҳолии

кишварро ташкил менамояд. Дар соли 2023 ин нишондиҳанда 35,94 % - ро ташкил намуд. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ Ҳукумати кишвар ва ҳукумати вилоятро водор месозад, ки дар минтақа ҳарчи бештар ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд ва шумораи аҳолии қобили меҳнат ба иқтисодиёт бештар ҷалб карда шавад.

Аммо шумораи миёнаи машғулин дар иқтисодиёт дар вилояти Хатлон дар соли 2015 ҳамагӣ 404,6 ҳазор нафарро, ё ки 12,85%, дар соли 2020 мутаносибан 476,4 ҳазор нафар ва 13,77% ва дар соли 2022 489,7 ҳаз. нафар ва 13,24% -ро ташкил дод, ки ин нишондиҳандаҳо бисёр ҳам паст мебошанд [12].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 28 декабри соли 2024 қайд карда шуд, ки “идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад” [5].

Ҳамин тавр, масъалаи бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат дар маркази диққати роҳбарияти олии кишвар мебошад. Роҳи ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, дастгирии бахши хусусӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ мебошад.

Масъалаи таъсиси корхонаву коргоҳҳои нав ва мутаносибан ҷойҳои корӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар, аз ҷумла, дар вилояти Хатлон муҳим мебошад. Бинобар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар баробари ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ (давлатӣ ва хусусӣ) ба иқтисодиёти минтақаҳо муҳим мебошад.

Барои нишон додани эҳтиёҷоти зиёди вилояти Хатлон ба сармоягузории хориҷӣ, бояд таъкид кард, ки вилоят бузургтарин минтақаи ҷумҳурӣ мебошад ва аҳолии он, тавре ки аллакай қайд карда шуд, ба 36% нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ наздик мешавад. Аммо ҳиссаи минтақа

дар ташаккули маҷмуи минтақавии маҳсулоти дохилии кишвар ба ҳисоби миёна дар соли 2023 29,31%-ро ташкил намуд (ҷадвали 2.2.).

**Ҷадвали 2.2. - Саҳми вилояти Хатлон дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023 (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2015 | 2020 |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ | 43745,9 | 73870,5 | 91932,0 | 108831,0 | 123026,8 | 2,81 б. | 166,54 |
| Аз ҷумла, дар вилояти Хатлон, ҳамагӣ | 12855,2 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 | 36064,7 | 2,81 б. | 163,3 |
| Бо % ба МММ ҷумҳурӣ | 29,39 | 29,89 | 29,33 | 31,09 | 29,31 | | |

**Сарчашма:** [15, с.214]

Ин ҷо қайд менамоем, ки вилояти Суғд, ки масоҳаташ қариб ба масоҳати вилояти Хатлон баробар буда, шумораи аҳолии он 28,36%-и аҳолии ҷумҳуриро, яъне аз ҳиссаи вилояти Хатлон 7,0% камтарро ташкил медиҳад, ҳиссааш дар маҷмуи маҳсулоти минтақавии кишвар 28,59% баробар мебошад, ки қариб ба ҳиссаи вилояти Хатлон баробар аст [15, с.214].

Истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиии минтақа, таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ ва табиию иқлимӣ ба ҷолибият ва фаъолшавии равандҳои сармоягузорӣ дар минтақа таъсир мерасонанд [64].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон иқтидори сарватҳои табиии калон мавҷуд мебошад, ки дар сурати пурра аз худ кардани он ва истифодаи самаранок барои таъмини рушди устувори на фақат минтақа, балки умуман кишвар заминаи устувор мегузорад.

Мувофиқи таҳлилҳо дар минтақа кони намак-45 миллиард тонна, газу нафти Бештентак - 2,7 миллион тонна, захираҳои нафт 63% тамоми захираҳои нафти кишвар, конҳои ангишти Шурообод - 638 миллион тонна, захираи оҳаксанг дар кони Пӯстхӯр барои 300 сол кифоя, захираи оби

маъданӣ дар як шабонарӯз - 993 метри мукааб, захираи намак барои рушди саноат- 2,6 миллиард тонна, захираҳои обии дарёҳои хурд - 49 миллиард Квт/с, захираҳои обии дарёи Вахш - 43% тамоми захираҳои гидроэнергетикии кишвар мавҷуд мебошад.

Барои татбиқи чунин иқтидор сармоягузории калон, технология ва мутахассисони ба талаботи муосир ҷавобгӯбуда лозим меояд.

Дар баробари мавҷудияти нафту газ, вилоят, инчунин, дар самти тавлиди неруи барқ низ шароитҳои калонро доро мебошад.

Иқтисодиёти вилояти Хатлон аграрӣ-саноатӣ мебошад. Дар соли 2023 таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот 17,9% ва 82,1%-ро ташкили дод [10, с.33]. Саҳми соҳаи саноат дар иқтисодиёти ҳар як кишвар ва ҳар як минтақа нақши калидӣ дорад. Муҳиммияти ин соҳаро дар рушди иқтисодиёти кишвар ба назар гирифта, Президенти ҷумҳурӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати мамлакатро Ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд. Инчунин, масъалагузорӣ карда шудааст, ки гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ таъмин карда шавад.

Бинобар яке аз соҳаҳои ҷолибиятноки сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон соҳаҳои саноати минтақа мебошанд. Минтақа яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Масоҳати он 24,7 ҳазор км мураббаъ буда, 17,5% ҳудуди ҷумҳуриро дар бар мегирад. Аз рӯйи сатҳи табиӣ минтақаи кӯҳсор ба ҳисоб меравад. Аммо саноати кӯҳӣ дар вилоят ба таври бояду шояд тараққӣ накардааст. Вилоят бо чунин захираҳои маъданӣ, ба монанди сангҳои оҳакӣ, гаҷ, намак, қум ва шағал бой мебошад. Зери замини вилоят то ҳол пурра кашф нашудааст. Бинобар ин, рушди саноати истихроҷи маъдан яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар иқтисодиёти вилоят мебошад ва ба сармоягузориҳо, аз ҷумла, сармоягузориҳои хориҷӣ ниёзи калон дорад.

Бояд қайд намуд, ки саноати истихроҷи маъдан дар вилоят ба таври бояду шояд рушд накардааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ, ҳиссаи саноати

истихроҷи маъдан дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят дар соли 2023 ҳамагӣ 4,2% -ро, аз ҷумла, дар истихроҷи маводи энергетикӣ - 0,3% ва дар истихроҷи маъданҳои ғайриэнергетикӣ - 3,9% -ро ташкил намуд, ки нокифоя буда, ба талаботи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат ҷавобгӯ намебошад [15, с.258].

Ҳиссаи саноати коркард бошад, 57,7% –ро ташкил намуд. Ин соҳаи саноат низ барои рушд дар вилоят ниёзи калон дорад. Бинобар ҷалби бештари сармоягузориҳо, аз ҷумла, сармоягузориҳои хориҷӣ ба ин соҳа низ зарур аст. Дар вилояти Хатлон саноате, ки бо истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об машғул аст, бештар рушд кардааст, ки ин бо ҳиссаи он дар 38,1% ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатӣ тасдиқ карда мешавад. Ин нақши калидии онро дар иқтисодиёти минтақа таъкид намуда, онро як самти муҳим барои сармоягузории минбаъда мегардонад.

Минтақа дар рушди гидроэнергетика, энергетикаи офтобӣ ва дигар манбаъҳои барқароршаванда дорои имкониятҳои бузурги истифоданашуда мебошад. Дарёҳои кӯҳии зиёд барои сохтмони неругоҳҳои калон ва хурди барқӣ мутобиқанд. Минтақа дорои иқлими офтобии мусоид аст, ки барои сохмони неругоҳҳои офтобӣ ва насби панелҳои офтобӣ дар хонаҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ мутобиқ мебошад. Дар баъзе навоҳии вилоят барои имконияти истеҳсоли неруи барқ аз энергияи шамол вуҷуд доранд. Бинобар ин, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди энергетикаи вилоят аҳаммияти беандоза дорад.

Агар дар вилоят истеҳсоли таҷҳизоти энергетикӣ, аз ҷумла турбинаҳо, генераторҳо, панелҳои офтобӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад, вобастагии Тоҷикистон аз воридоти онҳо кам мешавад.

Барои бештар ҷолибият доштани вилояти Хатлон барои рушди саноат боз як факту далелеро меорем. Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар соли 2023 дар вилояти Суғд 15 намуди маҳсулоти саноатӣ, дар ш. Душанбе -12 намуд ва дар вилояти Хатлон бошад, ҳамагӣ 8 намуди маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст [15, с.261-263]. Дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон

назар ба дигар минтақаҳои кишвар маҳсулоти бештари кишоварзӣ ва чорводориро истеҳсол карда мешаванд. Бинобар ин, минтақа барои рушди саноати коркард бештар имкониятҳоро доро мебошад.

Дар соли 2023 дар ҷумҳурӣ 861,46 ҳазор га заминҳои кишт ба ҳисоб гирифта шудааст, ки аз он 434,36 ҳаз. га, ё ки 50,42%, яъне зиёда аз ними онҳо дар вилояти Хатлон мебошад.

Дар 4 соли охир (солҳои 2020-2023) дар вилоят дар ҳар як сол дар ҳудуди 229,1 - 277,2 ҳаз. тоннагӣ пахта ҷамъоварӣ карда шуд. Дар соли 2023 229,1 ҳазор тонна пахтаи хом гирифта шуд, ки 66,52% аз ҷамъи умумии ҳосили он дар мамлакат мебошад.

**Ҷадвали 2.4. – Истеҳсоли пахтаи хом ва маҳсулоти пахтагин дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 (ҳазор тонна)**

| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2015 | 2020 |
| Ҷамъи ҳосили пахта, ҳаз. тонна | 188,3 | 277,2 | 270,0 | 273,2 | 229,1 | 121,7 | 82,6 |
| Нахи пахта, ҳаз. тонна | 64,3 | 75,6 | 75,1 | 81,9 | 78,7 | 122,4 | 104,1 |
| Калобаи пахтагин, ҳаз. тонна | 0,4 | 14,1 | 17,8 | 17,4 | 15,7 | 3925,0 | 111,3 |
| Равғани растанӣ, ҳаз. тонна | 5,0 | 12,8 | 14,5 | 15,0 | 16,5 | 330,0 | 128,9 |

**Сарчашма:** [15, с.261-263]

Шумораи корхонаҳо ва коргоҳҳои пахтатозакунӣ зиёда аз 177 ададро ташкил менамояд. Аммо дар вилоят шумораи корхонаҳо ва коргоҳҳои дӯзандагӣ бениҳоят кам мебошад (ҳамагӣ 35 корхона), шумораи корхонаҳои ресандагӣ бошад, ҳамагӣ 6 воҳидро ташкил менамояд. Кам будани миқдори корхонаҳои ресандагӣ ва бофандагӣ имконият намедиҳад, ки нахи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили минтақа коркард карда шавад ва он бо миқдори калон ба хориҷи кишвар экспорт карда мешавад.

Сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз 1 тонна пахтаи хом 330-360 кг нах, 560-580 кг чигит мегиранд. Аз ин миқдор нах 3,5-4 ҳазор м$^2$ матоъ ва аз чигити он 100-112 кг равған, 225-270 кг кунҷора ва 15-20 кг собун истеҳсол кардан мумкин аст [25].

Аз ҳисоботи оморӣ бармеояд, ки аз пахтаи хоми истеҳсолшуда, тибқи меъёрҳои дар боло овардашуда, нахи пахта истеҳсол карда мешавад. Аммо миқдори калобаи пахтагин, ки бояд аз 330-370 кг нахи пахта тақрибан 300-350 кг калоба истеҳсол кардан мумкин аст, ба роҳ монда нашудааст. Дар минтақа миқдори корхонаҳои ресандагӣ, бофандагӣ ва дӯзандагӣ бениҳоят кам буда, таъсиси онҳо барои то минимум кам намудани содироти нахи пахта бояд мусоидат намояд.

Дар вилояти Хатлон, коркарди пахтаи хом, инчунин таъсиси истеҳсолоти дӯзандагӣ ва нассоҷӣ, истеҳсоли равғани растанӣ, собуни хоҷагидорӣ, коғаз ва дигар маҳсулоти пахтаи хом самтҳои асосии иқтисодиёт мебошанд, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ниёз доранд. Ин ба иқтидори назарраси минтақа дар пахтакорӣ вобаста аст, аммо дар айни замон амиқии нокифояи коркарди ашёи хом дар ҷои худ ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ин бахшҳо эҷоди арзиши иловашуда ва ҷойҳои нави кориро таъмин мекунад. Минтақа ба садҳо ин гуна коргоҳҳо ва корхонаҳо эҳтиёҷот дорад.

Дар вилоят ҳамасола ҳосили дилхоҳи маҳсулоти кишоварзӣ гирифта мешавад (ҷадвали 2.5.).

**Ҷадвали 2.5. – Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 (ҳазор тонна)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2015 | 2020 |
| Зироати ғалладона | 839,3 | 985,3 | 1032,7 | 1115,6 | 1086,2 | 129,4 | 110,2 |
| Картошка | 242,0 | 193,1 | 213,8 | 224,5 | 227,3 | 93,9 | 117,7 |
| Сабзавот | 903,9 | 1469,8 | 1548,1 | 1644,8 | 1788,2 | 197,8 | 121,7 |
| Полезиҳо | 440,4 | 589,1 | 645,3 | 676,8 | 764,3 | 173,5 | 129,7 |
| Меваҷот | 148,2 | 209,1 | 216,3 | 237,8 | 276,2 | 186,4 | 132,1 |
| Ангур | 96,7 | 107,5 | 108,4 | 125,5 | 92,6 | 95,8 | 86,1 |

**Сарчашма:** [10, с.164-177]

Дар солҳои 2015-2023 дар вилоят истеҳсоли сабзавот қариб 2 баробар, меваҷот – 1,86 баробар, полезиҳо – 1,86 баробар, зироати ғалладона - 29,4 %

афзудааст. Гарчанде истеҳсоли ангур дар соли 2023 назар ба соли 2022 кам шуда бошад ҳам, аммо таҳлили рақамҳои солҳои пеш нишон медиҳад, ки ҳама дар афзоиш буд. Истеҳсоли картошка назар ба соли 2015 коҳиш ёфта бошад ҳам, вале назар ба солҳои пешин дар афзоиш буд. Ҳамин тавр, истеҳсоли намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят дар афзоиши доимӣ мебошад. Дар баробари он ки аҳолии вилоят ба намудҳои номбаршудаи маҳсулот пурра таъмин мебошад, ҳамасола қисми маҳсулоти истеҳсолшуда ба давлатҳои хориҷӣ экспорт карда мешаванд. Аммо коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба таври бояду шояд ба роҳ мода нашудааст.

Дар вилоят чунин соҳаҳои саноати коркардро тараққӣ додан зарур аст:

А. Коркарди сабзавот ва мева:

- консерваҳо (мевагӣ, сабзавотӣ, мураббоҳо);
- шарбатҳо (нектарҳо, афшураҳо);
- хушккунии меваҳо;
- хӯришҳо ва хӯрокҳои тайёр аз сабзавот.

Б. Коркарди ғалладонагиҳо:

- орд, нон, маҳсулоти қаннодӣ;
- макаронҳо ва дигар маҳсулоти ордӣ.

В. Коркарди ғалла, мева ва дигар маҳсулот:

- истеҳсоли машруботи алкоголӣ.

Агар коркарди саноатии сабзавоту мева ва ғаллагиҳо дуруст ба роҳ монда шавад, имконият пайдо мешавад, ки маҳсулоти тайёри ин соҳаро дар баробари истеъмоли дохилӣ барои экспорт низ пешниҳод карда шавад. Коркарди саноатии орд, нон, маҳсулоти қаннодӣ онро мусоидат менамояд, ки импорти онҳо кам карда шуда, худтаъминкунии вилоят ба ин намудҳои молҳо беҳтар гардонида шавад.

Дар минтақа, умуман, шумораи корхонаҳои коркард кам буда, дар оянда дар ин соҳа корбарӣ намудан зарур мебошад.

Дигар муаммое, ки дар масъалаи содироти мевагиҳо ва сабзавот дар минтақа ва таъмини мунтазами аҳолӣ ба онҳо мавҷуд аст, ин нокифоя

будани сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулот мебошад. Аммо дар ин самт як қатор муаммоҳо вуҷуд доранд, ки рушди сардхонаҳоро маҳдуд мекунанд. Ин, пеш аз ҳама, норасоии сармоягузории чи дохилӣ ва чи хориҷӣ мебошад. Ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гаронииии арзиши баланди сохтмон ва таҷҳизот имконият намедиҳад, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ онҳоро бунёд намоянд. Инчунин, ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хонаводаҳо қарзҳои бонкӣ камтар дастрас мебошанд. Бонкҳо қарзҳои дарозмуддатро бо фоизи паст ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла, барои сохтмони сардхонаҳо хеле кам пешниҳод мекунанд.

Яке аз масъалаҳо кам будани мутахассисони ботаҷриба оид ба сохтмон, насб, идоракунӣ ва нигоҳдории сардхонаҳо мебошад. Идоракунии нодурусти сардхонаҳо, аз ҷумла риоя накардани қоидаҳои нигоҳдорӣ ва танзими ҳарорат, ба талафи маҳсулот оварда мерасонад. Ҳалли ин масъалаҳо низ ба кам будани маблағҳо вобастагӣ доранд. Дар баъзе минтақаҳои вилоят қатъи неруи барқ мушоҳида мешавад, ки кори мунтазами сардхонаҳоро халалдор мекунад. Хароҷоти баланди неруи барқ ва арзиши неруи барқ низ арзиши нигоҳдории маҳсулотро дар сардхонаҳо гарон мекунад.

Бинобар ин, дар минтақа барои рушди сардхонаҳо дар солҳои наздик бояд ба чунин масъалаҳо диққати бештар дода шавад:

- ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои сохтмони сардхонаҳо;
- пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба хоҷагиҳои деҳқонӣ барои сохтмони сардхонаҳо;
- омода кардани мутахассисон дар соҳаи нигоҳдории маҳсулот;
- дастгирии ташкили кооперативҳо истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо ва фурӯшандагони ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ барои муттаҳид кардани захираҳо ва коҳиш додани хароҷот;
- таҳия ва татбиқи стандартҳои ягона барои сардхонаҳо;
- таъмин намудани дастрасии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хонаводаҳо ба иттилооти маркетингӣ оид ба бозорҳо.

Дар вилояти Хатлон, ки минтақаи аграрию саноатӣ аст, чорводорӣ хуб тараққӣ кардааст. Шумораи чорвои гӯштию ширӣ дар вилоят сол аз сол меафзояд (ҷадвали 2.6.).

**Ҷадвали 2.6. – Саршумори чорво ва паранда дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015 – 2023 (ҳазор сар)**

| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2015 | 2020 |
| Чорвои калони шохдор | 898,1 | 1011,0 | 1033,4 | 1054,6 | 1119,6 | 124,7 | 110,7 |
| Аз ҷумла модаговҳо | 459,6 | 514,6 | 528,3 | 541,0 | 581,0 | 126,4 | 112,9 |
| Гӯсфандҳо ва бузҳо | 2095,2 | 2400,2 | 2483,6 | 2557,9 | 2808,4 | 134,0 | 117,0 |
| Аспҳо | 56,5 | 59,1 | 60,3 | 60,8 | 62,2 | 110,1 | 105,2 |
| Паранда | 116,9 | 172,5 | 185,8 | 201,3 | 236,7 | 202,5 | 137,2 |

**Сарчашма:** [10, с.178-188]

Дар солҳои 2015-2023 дар минтақа шумораи чорвои калони шохдор 24% зиёд гардида, ба 1119,6 ҳазор сар расид. Шумораи модаговҳо мутаносибан – 26,4% афзоиш ёфта, 581,0 ҳазор сарро, гӯсфандҳо ва бузҳо – 34,0% ва 2808,4 ҳаз. сарро, аспҳо – 10,1% ва 60,8 ҳазор сарро ва паранда – 236,7 ҳаз. сар, аз ҷумла 581,0 сар модагов, 1903,3 сар гӯсфанд, 905, 0 ҳазор буз, 62,1 ҳазор асп ва 2715,9 ҳазор сарро, парандаҳо – 2,03% ва 236,7 ҳазор сарро ташкил ташкил намуданд. Шумораи ҳайвоноти парваришшаванда, ғайр аз паранда дар ин минтақа назар ба минтақаҳои дигари кишвар, аз ҷумла аз вилояти Суғд, зиёд мебошад. Дар натиҷа, истеҳсоли маҳсулоти чорво ва паранда дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 хуб тараққӣ кард.

**Ҷадвали 2.7. - Истеҳсоли маҳсулоти чорво дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 (ҳазор тонна)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2015 | 2020 |
| Гӯшти чорво ва паранда (бо вазни зинда) | 116,9 | 172,4 | 185,8 | 201,3 | 236,7 | 202,5 | 137,3 |
| Шир | 2095,2 | 2400,2 | 2483,6 | 2557,9 | 2808,4 | 134,0 | 117,0 |
| Тухм | 64,8 | 102,7 | 108,6 | 121,9 | 134,1 | 206,9 | 130,6 |
| Пашм | 4,70 | 5,47 | 5,6 | 5,74 | 5,97 | 127,0 | 109,1 |

**Сарчашма:** [10, с.189-196]

Умуман, минтақа имконият дорад, ки на танҳо аҳолии худи вилоятро бо маҳсулоти чорводорӣ таъмин намояд, балки ба дигар минтақаҳо маҳсулоти чорворо пешниҳод кунад. Вилоят ба рушди соҳаи парандапарварӣ бештар ниёз дорад.

Дар вилояти Суғд дар солҳои охир, дар натиҷаи ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи парандапарварӣ ва дастгирии давлатии соҳа парандапарварӣ хуб тараққӣ кард. Вилоят бо гӯшти мурғ ва тухм талаботи дохилии худро пурра қонеъ гардонида, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ онҳоро мефурушад. Ин таҷрибаро дар вилояти Хатлон пиёда намудан аҳаммияти калон дорад. Барои ҳалли ин масъала лозим меояд, ки коркарди маҳсулоти чорво, аз ҷумла истеҳсоли гӯшт, шир ва тухм хуб ба роҳ монда шавад. Коркарди пурраи саноатии пашм ва пӯстро бояд ба роҳ монд. Корхонаҳо барои коркарди пӯст ва пашми маҳаллӣ доир ба истеҳсоли пойафзол ва либосҳо таъсис дода шаванд. Ҳалли масъалаҳои номбаршуда, албатта, ба сармоягузориҳо талаботи калон дорад.

Умуман, вилояти Хатлон дар соҳаи коркарди маҳсудоти чорводорӣ ва мурғпарварӣ ба чунин корхонаҳои коркарди маҳсулоти чорво ниёз дорад:

А. Коркарди шир:

- шир, йогурт, кефир;
- равған, панирҳо (чеддер, бринза ва ғайра).

Б. Коркарди тухм:

- маҳсулоти тухмӣ (хушкида, консервшуда);
- соусҳо ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ бо истифода аз тухм.

Минтақаи Хатлон инчунин барои асалпарварӣ ва гирифтани асали тоза имкониятҳои хуб дорад. Ин соҳа метавонад, ки яке аз самтҳои сармоягузории хориҷӣ гардад.

Талаботи шадид ба сармоягузории хориҷӣ инчунин дар соҳаи пиллапарварӣ ва истеҳсоли маҳсулоти абрешим (матоъҳо, либосҳо, рӯйпӯшҳо ва дигар матоъҳо) мушоҳида мешавад, ки дар аҳолии минтақа, ҷумҳурӣ ва хориҷа талаботи зиёд доранд.

Вақте ки сухан дар бораи саноати коркард меравад, бояд қайд намуд, ки рушди саноати кимиё яке аз талаботи замона мебошад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи истеҳсоли нуриҳои органикӣ аз партовҳои кишоварзӣ ва боқимондаҳои маҳсулот меравад. Ин аз он лиҳоз мебошад, ки минтақа ҳамчун ҳудуди кишоварзӣ ба нуриҳои минералӣ эҳтиёҷи калон дорад ва дар сурати бо миқдори зарурӣ истеҳсол намудани онҳо, воридоти онҳоро коҳиш додан мумкин мебошад.

Дар баробари рушд додани соҳаҳои саноат, ки дар боло оварда шуданд, инчунин ба рушди истеҳсоли спирти этил аз ғалладонагиҳо, ҳар гуна маводи рангу боркунанда ва дигар маҳсулот, биодизел аз равғани растанӣ ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра диққати ҷиддӣ бояд дод.

Дар минтақа истеҳсоли коғаз аз селлюлозаи растанӣ (аз ҷумла, аз партовҳои саноати кишоварзӣ, ба монанди пахол), масолеҳи ҷӯбиро низ коркард намудан мумкин аст.

Дар минтақаи Хатлон саноати мошинсозӣ дар мисоли истеҳсоли трансформаторҳои қуввагӣ рушд ёфтааст. Дар соли 2023 ҳамагӣ 54,7 ҳазор молҳои номбурда истеҳсол карда шуд, ки ин нисбат ба солҳои гузашта 53,2%, соли 2022 – 49,4% кам мебошад. Барқарор намудани ҳаҷми истеҳсоли трансформаторҳо ба дараҷаи солҳои пешин талаботи замон мебошад. Ин мисол аз он шаҳодат медиҳад, ки дар вилоят дигар намудҳои саноати мошинсозиро низ ташаккул додан лозим аст.

Бо сабаби он ки дар вилояти Хатлон хоҷагии қишлоқ рушди бемайлон дорад, ташкил намудани монтажи мошинҳо, техникаи кишоварзӣ ва дигар намудҳои техника манфиатовар мебошад. Ин соҳа метавонад вобастагиро аз воридот кам кунад ва ҷойҳои кории навро эҷод кунад.

Коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар баробари истеҳсоли маҳсулоти серталабро таъмин намудан, метавонад, ки партовҳои кишоварзиро низ самаранок истифода барад, ки ба талаботи иқтисоди сабз ҷавобгӯ мебошад.

Рушди минтақаҳо ба коҳиш ёфтани нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар байни онҳо меоварад. Сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар, умуман,

накши муҳим дар рушди иқтисодӣ, беҳбудии иҷтимоӣ ва рушди минтақавӣ мебозад.

Дар радифи фикрҳои баёнгашта, боз якчанд масъалаҳоро баррасӣ менамоем, ки аз эҳтиёҷоти калон доштани вилоят ба сармоягузориҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳанд.

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳое мебошад, ки вилояти Хатлон ба рушди он ниёзи калон дорад. Минтақа табиати зебо, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии зиёд, имкониятҳои фароғатии хубро дорад. Дар қатори маъмултарин ҷойҳои сайёҳии минтақа номбар намудани мавзеъҳои зер мувофиқи мақсад мебошад.

Маҷмааи таърихии Ҳулбук (боқимондаҳои шаҳри қадимаи Ҳулбук ба монанди қалъа, қасри ҳоким ва дигар иншоот), ки пойтахти давлати Хутталон дар асрҳои IX-XII буд ва осорхонаи Ҳулбук, ки дар он экспонатҳои бостоншиносӣ, этнографӣ ва таърихӣ нигоҳ дошта мешаванд, барои сайёҳонро ҷалб намудан беандоза мутобиқанд.

Мавзеъҳои кӯли Данғара, ки бисёр ҳам зебо ва гуворо барои истироҳат ва моҳидорӣ мебошад, маҷмааи чашмаҳои Чилучорчашма, ки пур аз моҳиҳои гуногун буда, оби онҳо шифобахш аст. “Бешаи Палангон”, ки дорои намудҳои зиёди нодири ҳайвонот ва растаниҳо мебошад, минтақаи археологии Тиллотеппа, ки дорои бозёфтҳои қадима мебошад ва дигар ҷойҳои диққатҷалбкунанда барои тамошои сайёҳон хеле гуворо мебошанд.

Мақбараҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ - шахсияти маъруфи динӣ ва фарҳангӣ, Султон Увайси Қаранӣ - яке аз шахсиятҳои таърихӣ ва муҳимми дини ислом, Носири Хусрав - шоир, файласуф ва сайёҳи маъруф, Эмомаскара шахси таърихӣ ва нотакрор ва ғайра ҷойҳои зиёратгоҳи мусулмонон ва сайёҳон мебошанд.

Осорхонаи вилоятии таърихӣ-кишваршиносии ба номи Беҳзод дар ш. Бохтар (дорои экспонатҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва этнографӣ мебошад), боғи фарҳангию фароғатии шаҳри Бохтар ва монанди инҳо барои рушди сайёҳӣ дар вилоят мутобиқ мебошанд.

Имкониятҳои зиёд барои сайёҳӣ дар кӯҳҳо, аз ҷумла кӯҳнавардӣ, сайёҳии экологӣ ва дидани манзараҳои зебо дар фермаҳои кишоварзӣ ва ғайра зиёданд.

Умуман, минтақаи Хатлон дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ буда, ба меҳмонони сайёҳ метавонад хотираҳои зиёди фаромӯшнашаванда пешниҳод кунад. Аммо дар вилоят барои рушди сайёҳӣ шароитҳои мусоид мавҷуд нестанд. Пеш аз ҳама, инфрасохтори муносибро ташаккул додан лозим аст, ки ба он шабакаи интернетии маҷмааҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо, сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои хуб ба ҷойҳои сайёҳӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Дигар соҳаи ҷолибиятноки сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ рушди инфрасохтори муносиб дар минтақа мебошад. Дар мадди аввал роҳҳои автомобилгардро ёдрас мешавем. Роҳҳои бадсифат мушкилоти интиқоли маҳсулотро ба сардхонаҳо ва аз онҳо ба бозорҳо ба вуҷуд меоранд. Бинобар ба васеъ намудан ва таъмири роҳҳо диққати бештар додан зарур мебошад. Сармоягузориҳои хориҷӣ нақш ва аҳаммияти калонро дар обтаъминкунии аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, гузаронидани хати барқ ба ноҳияҳои дурдаст доранд.

Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоии минтақа нақши калонро мебозад:

- барои сохтмон ва таҷҳизонидани мактабҳо, боғчаҳо, яслиҳо, донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва таъмин намудани онҳо технологияҳои пешқадам, усулҳои таълим ва барномаҳои нави таълимӣ. Ба мушкилоти муассисаҳои олии касбӣ ва муассисаҳои илмии кишвар дастрас набудани маблағҳои кофӣ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад, барои барномаҳои табодули донишҷӯён ва омӯзгорон низ дохил мешаванд;

- барои рушди фарҳангӣ, таъмири ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва дастгирии осорхонаҳо, дастгирии театрҳо, барномаҳои табодули фарҳангӣ,

муаррифии вилоят  дар хориҷа ва шиносоии аҳолӣ бо фарҳанги дигар кишварҳо.

Ҳамин тавр, нақш ва ҷолибияти сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди вилояти Хатлон беандоза калон мебошад.

## 2.2. Таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилоят

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки рушди минтақаҳои кишвар, умуман, барои таҳкими ташаккулёбии иқтисодиёти муосири кишвар, дар умум, заминаи устувори молиявию иқтисодӣ мегузоранд.

Ҷалби сармоягузорӣ барои татбиқи ҳадафҳои дарпешистода шарти муҳим арзёбӣ мегардад. Аҳаммияти ҷалби сармоягузории хориҷиро дарк карда, дар кишвар барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ чораҳои зарурӣ пиёда гашта истодаанд. Маҳз онҳо барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро ба минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон  имкониятҳои васеъ медиҳанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки маблағи сармоягузориҳои хориҷии ба вилоят воридгашта, дар солҳои 2015-2023 гуногун буда, дар рушди онҳо тамоюли муайяне нест. Барои равшан нишон додани ин фикр диаграммаи сармоягузориҳои хориҷиро ба минтақа тартиб медиҳем (диаграммаи 2.1).

**Диаграммаи 2.1. - Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023  (ҳазор долл. ИМА)**




**Сарчашма:** [13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Дар соли 2015 маблағи аз ҳама солҳои нишондодашуда зиёдтар дар ҳаҷми 1872,6 млн доллар ҷалб гашта буд. Ҳисобҳо аз рӯйи рақамҳои диаграмма нишон медиҳанд, ки дар соли 2020 воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамагӣ 15,1% -и соли 2015-ро ташкил намуд. Ин асосан ба пандемияи COVID-19 вобаста буд. Соли 2021-ро низ соли хуби воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ номидан мумкин аст. Дар он сол 1154,4 млн сармоягузориҳо аз мамлакатҳои хориҷӣ ворид гардиданд. Аммо дар солҳои 2022 ва 2023 воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ коҳиш ёфта, мутаносибан то ба 115,8 млн доллар ва 22,6 млн доллар коҳиш ёфт.

Дар муқоиса ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 2015, 2020-2021 вилояти Хатлон дар ҳаҷми воридоти сармоягузориҳо баъд аз ш. Душанбе дар ҷои дуюм меистод. Дар солҳои 2022-2023 бошад, дар ҷои сеюм баъд аз ш. Душанбе ва вилояти Хатлон (ҷадвали 2.8.) меистад.

**Ҷадвали 2.8. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармояҳо, ҳамагӣ | | 5436637,2 | 428454,2 | *6602094,7* | 2576796,7 | 2783975,2 | 51,2 | 6,5 м. |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | *100,0* | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| ВМКБ | ҳаз. долл. | 93674,9 | 1557,62 | *143997,5* | 52,2 | | - | - |
| | бо % | 1,72 | 0,36 | *2,18* | 0,00 | | - | - |
| Вилояти Суғд | ҳаз. долл. | 891528,8 | 147517,4 | *1033503,3* | 818174,2 | 586103,4 | 65,7 | 3,9 м. |
| | бо % | 16,40 | 34,43 | *15,65* | 31,75 | 21,05 | - | - |
| Вилояти Хатлон | ҳаз. долл. | 1872551,1 | 28232,92 | *1154431* | 115835,5 | 22626,7 | 1,2 | 80,1 |
| | бо % | 34,44 | 6,59 | *17,49* | 4,50 | 0,81 | - | - |
| Ш. Душанбе | ҳаз. долл. | 2310576,5 | 233250,47 | *3994425,4* | 1606834,2 | 2168988 | - | 9,3 м. |
| | бо % | 42,50 | 54,44 | *60,50* | 62,36 | 77,91 | - | - |
| НТҶ | ҳаз. долл. | 268305,9 | 17300,7 | *275737,5* | 35900,6 | 6257,1 | 2,3 | 36,2 |
| | бо % | 4,94 | 4,04 | *4,18* | 1,39 | 0,22 | - | - |

**Сарчашма:** [13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Дар соли 2015 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 5436,6 млн доллар, соли 2020 - 428,8 млн доллар, соли 2021 – 6602, млн доллар, соли 2022 – 2576,8 млн доллар ва соли 2023 – қариб 278,4 млн доллар сармоягузориҳои

хориҷӣ ворид гардидаанд. Дар соли 2020 воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ дар сатҳи пасттарин буд ва 428,5 млн долларро ташкил намуд. Агар ҳаҷми сармоягузориҳои воридгашта ба мамлакат дар соли 2023 бо соли 2015 муқоиса намоем, маълум мегардад, ки он 649,8 коҳиш ёфтааст, нисбат ба соли 2020 бошад, 6,5 баробар афзудааст. Чӣ тавре қайд намудем, ин ба пандемияи COVID-19 алоқаманд буд. Рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2022-2023 назар ба соли 2021 сатҳи сармоягузориҳои хориҷӣ коҳиши калон ёфтааст. Омӯзиши сабабҳои кам гаштани рақамҳои таҳлилӣ нишон медиҳад, ки методологияи ҳисобу китоби воридоти сармоягузориҳо такомул дода шудаст, аз ҷумла, баъзе бандҳои сармоягузориҳои дар солҳои пешин ба кишвар воридгашта, ки солҳои пешин ҳисоб карда мешуданд, хориҷ карда шудаанд. Аз ҷумла, сармоягузориҳои каммаблағе, ки дар сатҳи шахсони инфиродӣ ворид мешуданд. Инчунин, бо сабаби тезутунд гаштани муносибатҳои Федератсияи Россия ва Украина давлатҳои Ғарб дар солҳои охир ҳаҷми содироти сармоягузориҳоро ба кишварҳои ИДМ коҳиш додаанд.

Дар сохтори сармоягузориҳои хориҷӣ минтақаи Хатлон мавқеи муайянро дорад. Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки дар солҳои таҳлилӣ ба вилоят сармоягузориҳои хориҷӣ бо ҳаҷмҳои ҷуногун ворид гаштаанд. Аз ҳама зиёдтар, дар соли 2015 маблағи зиёдтар дар ҳаҷми 1872, 6 млн доллар ҷалб гашта буд. Дар соли 2020 воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамагӣ 15,1% -и соли 2015-ро ташкил намуд. Соли 2021-ро низ соли хуби воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ номидан мумкин аст. Дар он сол 1154,4 млн сармоягузориҳо аз мамлакатҳои хориҷӣ ворид гардиданд. Аммо дар солҳои 2022 ва 2023 воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ коҳиш ёфта, мутаносибан то ба 115,8 млн доллар ва 22,6 млн доллар коҳиш ёфт. Ба коҳиш ёфтани ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба вилоят инчунин мукаммал ёфтани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он хусус, ки сармоягузорон дар соҳаи истихроҷи маъдан ва коркарди конҳо бояд то истеҳсоли маҳсулоти охиронро, ки таъиноти истеҳсолӣ доранд, бурда расонанд низ, таъсир расонид. Бояд қайд намуд, ки саҳми ш. Душанбе ва вилояти Суғд дар ҷалби

сармоягузориҳои хориҷӣ зиёдтар мебошад. Инчунин, қайд менамоем, ки ҳиссаҳои ВМБК ва НТҶ дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ кам мебошанд.

Барои равшантар инъикос намудани мавқеи минтақаи Хатлон диаграммаи воридоти сармоягузориҳои хориҷиро ба минтақаҳои кишвар тартиб медиҳем (**Диаграммаи 2.2**).

**Диаграммаи 2.2. - Муқоисаи сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023**




**Сарчашма:** [15, с.245; 16].

Ин диаграмма возеҳ нишон медиҳад, ки вилояти Хатлон дар солҳои 2022-2023 дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ баъд аз ш. Душанбе ва вилояти Суғд меистад.

Сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармоягузориҳои мустақим, портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо тақсим карда мешавад. Ба сармоягузориҳои мустақим сармоягузориҳое дохил мешаванд, ки сармоягузор дар идоракунии корхонаи мавриди сармоягузорӣ қароргирифта бевосита, ширкат мекунад ва ё назорати онро ба даст меорад. Ҳадафи асосӣ дастрасӣ ба фоидаи доимӣ ва афзоиши арзиши корхона мебошад. Онҳо бештар ба соҳаҳои воқеии иқтисод, ба монанди саноат, кишоварзӣ, энергетика ва инфрасохтор равона карда мешаванд. Сармоягузориҳои ҷомадонӣ маҷмуи дороиҳои молиявиро дар бар мегиранд, ки бо мақсади ба даст овардани даромад аз сармоягузорӣ ва идоракунии хавфҳо харидорӣ карда мешаванд. Ин сармоягузориҳо одатан

дар бозорҳои молиявӣ хариду фурӯш мешаванд ва ба сармоягузор назорати бевоситаи оперативиро бар корхона намедиҳанд. Ба сармоягузориҳои портфелӣ саҳмияҳои ширкатҳои гуногун, ки дар биржаҳои фондӣ савдо мешаванд, ба вомбаргҳо, саҳмияҳо, ки ба сармоягузор даромади муқаррарӣ дар шакли фоизҳо медиҳад, хариду фурӯши асъори хориҷӣ бо мақсади ба даст овардани фоида аз тағйирёбии қурби асъор, сертификатҳои пасандозӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Хусусияти асосии сармоягузориҳои портфелӣ дар он аст, ки сармоягузор назорати бевоситаи идоракунии корхонаро надорад ва ҳадафи асосӣ ба даст овардани даромад аз ҳисоби афзоиши арзиши дороиҳо ва гирифтани дивиденд ё фоизҳо мебошад. Ҳаҷми сармоягузориҳои портфелӣ метавонад ба иқтисодиёт таъсири назаррас расонанд, махсусан ба бозорҳои молиявӣ.

Сармоягузориҳои дигар он сармоягузориҳоеро дар бар мегиранд, ки ба категорияҳои сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ дохил нашудаанд. Онҳо сармоягузориҳо ба амволи ғайриманқул, аз қабили биноҳои истиқоматӣ, тиҷоратӣ ва саноатӣ, иншооти таъиноташон ғайриистеҳсолӣ, ба монанди мактабҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, масҷидҳо ва монанди инҳо равона карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқоти мо, таҳлили сохтори сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаи Хатлон аҳаммияти махсус дорад (ҷадвали 2.9.).

**Ҷадвали 2.9. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 (хаз. долл.)**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоягузориҳо-ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 1872551,4 | 28232,9 | 1154431,0 | 115835,5 | 22626,7 | 1,2 | 80,1 |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | | |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| сармоягузориҳои мустақим | ҳаз. долл. | 1270837,0 | 14688,6 | 1089436,6 | 75036,8 | 16852,3 | 1,3 | 114,7 |
| | бо % | 67,9 | 52,0 | 94,4 | 64,8 | 74,5 | | |

*идомаи ҷадвали 2.9.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| сармоягузорихои дигар | хаз. долл. | 601714,4 | 13519,29 | 64994,4 | 40798,7 | 5651,8 | 0,9 | 41,8 |
| | бо % | 32,1 | 47,9 | 5,6 | 35,2 | 25,0 | | |
| сармоягузорихои ҷомадонӣ | хаз. долл. | - | 25,0 | - | - | 122,6 | - | 490,4 |
| | бо % | - | 0,1 | - | - | 0,5 | | |

**Сарчашма:** [13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Дар таркиби сармоягузориҳои воридгашта ҳиссаи сармоягузориҳои мустақим аз ҳама зиёд мебошад. Дар соли 2015 он рақам 69,7%, соли 2020 – 52,0%, 2022 – 52,0%, 2021 – 94,4%, 2022 – 64,8% ва соли 2023 – 74,5%-ро ташкил намудааст (Диаграммаи 2.3).

**Диаграммаи 2.3. - Таркиби сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2022-2023**




**Сарчашма:** [13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Дар ҳаҷми воридоти сармоягузориҳо дар ҷои дуюм дигар намудҳои сармоягузориҳо меистад. Ҳиссаи онҳо дар соли 2015 32%, соли 2020 – 47,9%, 2021 – 5,6%, 2022 – 64,8% ва 2023 – 25,0%-ро ташил намуд. Ҳиссаи сармоягузориҳои ҷомадонӣ ба вилояти Хатлон ночиз мебошад ва дар соли 2020 ҳамагӣ 0,10%, ва дар соли 2023 0,50%-ро аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ташкил намудааст

Дар ҷадвали 2.10. динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои асосии сармоягузор дар солҳои 2015-2024 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоягузориҳои - ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 1872551,4 | 28232,92 | 1154431 | 115835,5 | 22626,7 | 1,2 | 80,1 |
| | бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| ИДМ | ҳаз. долл. | 734,4 | 150 | 150 | | 1437,1 | 195,7 | 958,1 |
| | бо % | 0,04 | 0,53 | 0,01 | | 6,35 | - | - |
| Мамлакатҳои хориҷи дур | ҳаз. долл. | 1871817 | 28082,92 | 1154281 | 115835,5 | 21189,6 | 1,1 | 75,5 |
| | бо % | 99,96 | 99,47 | 99,99 | 100,00 | 93,65 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| Чин | ҳаз. долл. | 150336,8 | 14240,5 | 15171,4 | 52335,1 | 8061 | 5,4 | 56,6 |
| | бо % | 8,03 | 50,44 | 1,31 | 45,18 | 35,63 | - | - |
| Ҷопон | ҳаз. долл. | | 1064,65 | | 2573,58 | 936,7 | - | 88,0 |
| | бо % | | 3,77 | | 2,22 | 4,14 | - | - |
| Олмон | ҳаз. долл. | 174,6 | 2053,78 | 645,09 | 690,42 | 200 | 114,5 | 9,7 |
| | бо % | 0,01 | 7,27 | 0,06 | 0,60 | 0,88 | - | - |
| ИМА | ҳаз. долл. | | 370 | 500 | 415,75 | 800 | - | 216,2 |
| | бо % | | 1,31 | 0,04 | 0,36 | 3,54 | - | - |
| Канада | ҳаз. долл. | 100 | 471,17 | 282,15 | 300 | 300 | 300,0 | 63,7 |
| | бо % | 0,01 | 1,67 | 0,02 | 0,26 | 1,33 | - | - |
| Сингапур | ҳаз. долл. | | | 150 | 8195,76 | 7777,7 | - | - |
| | бо % | | | 0,01 | 7,08 | 34,37 | - | - |
| Люксембург | ҳаз. долл. | | | 821,58 | 1000 | 2038,5 | - | - |
| | бо % | | | 0,07 | 0,86 | 9,01 | - | - |
| Швейт-сария | ҳаз. долл. | 19,7 | 109,84 | 105 | 7,9 | 122,6 | 622,3 | 111,6 |
| | бо % | 0,001 | 0,39 | 0,01 | 0,01 | 0,54 | - | - |
| Покистон | ҳаз. долл. | 1800,3 | | | 82,41 | 451,1 | 25,1 | - |
| | бо % | 0,10 | | | 0,07 | 1,99 | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Саҳми мамлакатҳои ИДМ дар сармоягузорӣ ба вилояти Хатлон на он қадар назаррас аст. Дар соли 2015 онҳо ба минтақа ҳамагӣ 734,4 ҳазор доллар сармоя ворид намуданд. Дар солҳои 2020 ва 2021 мамлакатҳои ИДМ бо ҳаҷми 150,0 ҳазор долларӣ сармоягузорӣ намудаанд, ки ба назари мо нокифоя мебошад. Дар соли 2022 аз онҳо тамоман сармоя ворид нашудааст. Соли 2023 маблағи сармоягузории давлатҳои номбурда ба 1437,1 ҳазор сомонӣ расид, ки ин як қадами калоне ба пеш мебошад.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, дар сатҳи мамлакатҳои ИДМ дар соли 2015 Ҷумҳурии Қазоқистон ба маблағи 3734,4 ҳазор доллар, дар солҳои 2020 ва 2021 Ҷумҳурии Қирғизистон ва дар соли 2023 Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳаҷми 1392,6 ва Ҷумҳурии Қазокистон дар ҳаҷми 45,0 ҳазор доллар маблағҳо ворид намудаанд. Рақамҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳукумати вилояти Хатлон дар оянда барои ҷалби бештари сармоягузориҳо аз мамлакатҳои ИДМ бештар корбарӣ намояд.

Дар сатҳи мамлакатҳои ҷаҳон саҳми мамлакатҳои хориҷи дур дар сармоягузории вилояти Хатлон калон мебошад. Дар соли 2015 аз онҳо 99,96%-и сармоягузориҳо, дар соли 2020 – 99,47%, дар соли 2021 -99,99%, дар соли 2022 -100%-и сармоягузориҳо ворид гаштаанд. Фақат дар соли 2023 дараҷаи сармоягузориҳои хориҷӣ аз мамлакатҳои дур ба вилояти Хатлон каме коҳиш ёфта, то 93,65% поён фаромад. Афзудани ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ, ба назари мо, равияи мусбат мебошад.

Аз давлатҳои хориҷӣ саҳмиягузори беҳтарин ба вилояти Хатлон Ҷумҳурии Халқии Чин мебошад. Ин мамлакат дар баъзе солҳо то аз ним зиёдаи ҳамаи сармоягузориҳои хориҷиро таъмин намудааст. Масалан, дар соли 2020 ҳиссаи Ҷумҳурии Халқии Чин дар сармоягузориҳо ба минтақа 50,44 %-ро ташкил намуд. Дар соли 2022 бошад, ин нишондиҳанда ба 45,18 %, дар соли 2023 -35,63% баробар буд.

Олмон яке аз давлатҳое мебошад, ки дар вориди сармоягузориҳои ба минтақаи Хатлон саҳми хоссае дорад. Дар соли 2020 ба вилоят дар ҳаҷми

2053,78 ҳазор сомонӣ сармоягузорӣ намуд, ки 7,27%-ро дар ҷамъи умумии маблағҳои воридгашта ташкил менамояд. Дар солҳои дигари таҳлилӣ низ аз тарафи кишвари Олмон маблағҳои на он қадар калон бошанд ҳам (дар доираи 174,6-690,42 ҳазор сомонӣ), ворид карда шудаанд.

Давлати Ҷопон яке аз мамлакатҳои фаъол дар сармоягузорӣ ба вилояти Хатлон мебошад. Дар соли 2020 Ҷопон ба минтақа бо маблағи 1064,65 ҳазор доллар, соли 2022 -2573,76 ҳазор доллар ва соли 2023 936,7 ҳазор доллар сармоягузорӣ намудааст.

Дар солҳои охир мамлакати Сингапур дар сармоягузорӣ ба вилояти Хатлон фаъол гаштааст. Дар соли 2020 бо маблағи 150 ҳазор доллар сармоя ворид намуда бошад, дар соли 2022 бошад, дар ҳаҷми 8195,76 ҳазор доллар ва дар соли 2023 ба миқдори 7777,7 ҳазор доллар сармоягузорӣ намудааст.

Дар байни солҳои 2020 ва 2023, ИМА ҳамасола аз 370 ҳазор то 800 ҳазор доллар сармоягузорӣ мекард, дар ҳоле ки Канада дар як сол аз 100 ҳазор то 471,17 ҳазор доллар сармоягузорӣ мекард.

Люксембург дар солҳои охир дар сармоягузорӣ фаъол гардидааст. Соли 2021 ба маблағи 821,58 ҳазор доллар, дар соли 2022 – 1 млн доллар ва дар соли 2023 – 2038,5 ҳазор доллар сармоягузорӣ намудааст.

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар саҳмиягузорӣ ба минтақа Швейтсария ва Покистон саҳмдор ҳастанд. Дар қатори дигар мамлакатҳои сармоягузор ба вилояти Хатлон ИМА, Англия (Британияи Кабир), Белгия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Швейтсария, Филиппин, Фаронса, Туркияро номбар намудан мумкин аст, ки дар солҳои гуногун маблағҳои муайянро ворид намудаанд.

Ҳамин тавр, маълум гашт, ки давлатҳои зиёд ба минтақаи Хатлон сармоягузорӣ менамоянд. Ҳамзамон, муҳим аст, ки худи минтақаҳо фаъолтар бошанд, зеро маҳз сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Таъсири онҳо метавонад махсусан дар рушди босуръати саноатӣ, такмили низомҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди мактабҳо ва дармонгоҳҳо, инчунин дар таъсиси корхонаҳои ёрирасон ба назар расад. Сармоягузории хориҷӣ метавонад ба навсозии инфрасохтор,

таъсиси истеҳсолоти муосир ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо такон бахшад.

Яке аз масъалаи муҳимтарин самтҳои воридоти сармоягузориҳо ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат мебошад (ҷадвали 2.11).

**Ҷадвали 2.11. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоягузориҳо - ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 1872551,4 | 28232,9 | 1154431,0 | 115835,5 | 22626,7 | 1,2 | 80,1 |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| Бохтар (Қӯрғон-теппа) | ҳаз. долл. | 90037,3 | 2109,15 | 8237,0 | 2840,7 | 3702,6 | 4,1 | 175,5 |
| | бо % | 4,81 | 7,47 | 0,76 | 2,45 | 16,36 | - | - |
| Ёвон | ҳаз. долл. | 141510,1 | 1772,36 | 182373,0 | | 9395,9 | 6,6 | 530,1 |
| | бо % | 7,56 | 6,28 | 15,80 | - | 41,53 | - | - |
| Данғара | ҳаз. долл. | 1536811,7 | 5737,25 | 836037,1 | 84364,5 | 5391,5 | 0,4 | 94,0 |
| | бо % | 82,07 | 20,32 | 72,42 | 72,83 | 23,83 | - | - |
| Қубодиён | ҳаз. долл. | 434,4 | 1064,63 | 646,1 | 28630,3 | 936,7 | 215,6 | 88,0 |
| | бо % | 0,02 | 3,77 | 0,06 | 24,72 | 4,14 | - | - |
| Ҷайҳун | ҳаз. долл. | | | 41914,0 | | | - | - |
| | бо % | - | - | 3,63 | - | - | - | - |
| Кӯлоб | ҳаз. долл. | 6151,6 | | 12024,8 | | | - | - |
| | бо % | 0,33 | - | 1,04 | - | - | - | - |
| Леваканд (Сарбанд) | ҳаз. долл. | 26913,3 | | 12557,5 | | | - | - |
| | бо % | 1,44 | - | 1,09 | - | - | - | - |
| Дӯстӣ | ҳаз. долл. | | | 50320,0 | | | - | - |
| | бо % | | | 4,36 | | | - | - |
| Ш. Шоҳин (Шуро-обод) | ҳаз. долл. | 48834,6 | | 539,8 | | | - | - |
| | бо % | 2,61 | - | 0,05 | - | - | - | - |
| Хуросон | ҳаз. долл. | 18752,0 | 11280,0 | | | 3200,0 | 17,1 | 28,4 |
| | бо % | 1,00 | 39,95 | - | - | 14,14 | - | - |
| Дигар шаҳру ноҳияҳо | ҳаз. долл. | 3106,9 | 6269,51 | 9781,7 | - | - | - | - |
| | бо % | 0,17 | 22,21 | 0,85 | - | - | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки ноҳияҳои Ёвон ва Данғара дар воридоти сармоягузориҳо пешқадамтар мебошанд. Ба ноҳияи Ёвон дар соли 2015 ба миқдори 141,5 млн доллар (7,56% аз ҷамъи умумии сармоягузориҳои ба минтақа воридгашта), дар соли 2020 -1,77 млн доллар (6,28%), соли 2021 - 182,4 млн доллар (15,8%), соли 2023 9,4 млн доллар (41,53 %) сармоягузориҳои хориҷӣ ворид гаштаанд.

Барои равшантар инъикос намудани ҳиссаи шаҳру навоҳии вилоят дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ диаграммаи таркиби сармоягузориҳои хориҷии воридшударо ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2022-2023 тартиб медиҳем (диаграммаи 2.4).

**Диаграммаи 2.4 - Таркиби сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2022-2023**




**Сарчашма:** [9; 16]

Ба ноҳияи Данғара ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ дар соли 2015 1536,8 млн долларро, ки 82,07%-и ҷамъи умумии сармоягузориҳои ба вилоят дохил- гардидаро ташкил медиҳад, ворид гашта буд. Рақамҳои овардашуда мутаносибан дар соли 2020 5,7 млн доллар ва 20,32%, соли 2021 - 836,0 млн доллар ва 72,42%, соли 2022 – 84,4 млн доллар ва 72,42%, соли 2023 - 5,4 млн доллар ва 23,83%-ро ташкил намуданд.

Ҷалби ҳамасолаи сармоягузориҳои хориҷӣ ба ноҳияҳо имкониятҳои васеъи рушди саноат, инфрасохтор, муассисаҳои таълимиву илмӣ, тандурустӣ ва ғайраро мусодат намуд.

Маркази вилояти Хатлон - ш. Бохтар (собиқ ш. Қӯрғонтеппа) дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ фаъол мебошад. Ҳамасола ба ин шаҳр миқдори муайяни сармоягузориҳо ворид мегарданд.  Ба ин шаҳр дар соли 2015 90,04 млн доллар сармоягузорӣ амалӣ гашт, ки ин нишондиҳандаи калонтарин дар давраи таҳлилӣ мебошад. Дар соли 2020 2,11 млн доллар, соли 2021- 8,24 млн доллар, соли 2022 – 2,84 млн доллар, соли 2023 – 3,70 млн доллар сармоягузориҳо ба шаҳр ворид гардиданд, ки дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии он саҳми муносиб гузоштанд. Маркази вилоят аз ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ баъд аз ноҳияҳои Данғараву Ёвон дар ҷои сеюм меистад.

Дар қатори ноҳияҳои фаъоли сармояҷалбкунанда инчунин, ноҳияи Қубодиёнро номбар намудан мумкин аст, ки ба он ҳамасола ба миқдори назаррас ва ё камтар сармоягузориҳои хориҷӣ ворид мегарданд. Бо назардошти динамикаи сармоягузорӣ, дар соли 2022 ноҳия 28,6 миллион доллар ҷалб кард, ки ба 24,72% сармоягузории умумивилоятӣ мувофиқат мекард. Ин нишондиҳандаҳо аз маълумоти соли 2020, вақте ки ноҳия 1,06 миллион доллар (3,77%) ва соли 2023 аз 0,94 миллион доллар (4,14%) гирифтааст, фарқ мекунад.  Дар соли 2015 ба ноҳия 0,43 млн доллар ва соли 2021 0,65 млн доллар сармоягузориҳои хориҷӣ амалӣ гаштанд, ки дар рушди ноҳия саҳми муносибе доштанд.

Як қатор ноҳияҳои минтақа тавонистанд, ки дар солҳои ҷудогонаи таҳлилӣ миқдори муайяни сармоягузориҳоро ҷалб намоянд. Ноҳияи Дӯстиро қайд намудан ҷоиз аст, ки дар соли 2021 дар ҳаҷми 50,32 млн доллар сармояро ҷалб намуд, ки 4,36%-и маблағи умумии сармоягузориҳои ба вилоят ҷалбгаштаро ташкил намуд. Ба ноҳияи Ҷайҳун дар соли номбаршуда 49,91 млн доллар ва ё 3,63% аз ҷамъи умумии сармоягузориҳои ба вилоят воридгашта, сармоягузорӣ гардид.

Ба ноҳияи Ш. Шоҳин дар соли 2015 48,83 млн доллар ва дар соли 2021 0,54 млн доллар сармоягузориҳо ворид гаштанд. Ба ноҳияи Хуросон дар соли 2015 18,75 млн доллар, соли 2020 - 11,28 млн доллар ва соли 2023 -3,2 млн доллар сармоягузориҳо карда шуданд. Шаҳри Леваканд (собиқ Сарбанд) дар соли 2015 26, 91 млн доллар ва дар соли 2021 - 12,56 млн доллар сармоягузориҳои хориҷиро ворид намуд.

Ба шаҳри Кӯлоб, ки яке аз марказҳои иқтисодиву фарҳангии минтақа мебошад ва шаҳри қадимтарини минтақа мебошад, фақат дар соли 2021 12,02 млн доллар сармоягузориҳои хориҷӣ ворид гардиданд, ки ба фикри мо, нокифоя мебошад. Инчунин, қайд менамоем, ки ба дигар шаҳру ноҳияҳои минтақа сармоягузориҳо бо миқдорҳои бениҳоят кам ворид гардидаанд. Ба онҳо н. Кӯшониён, Вахш, Ҷ. Балхӣ, А. Ҷомӣ, Панҷ, Н. Хусрав, Муъминобод, Восеъ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Темурмалик, Балҷувон дохил мешаванд. Ба ҳукумати вилояти Хатлон ва ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳои номбаршуда лозим аст, ки доир ба масъалаи ҷалбкунанда мубаддал гардонидани онҳо ба маконҳои сармояҷалбкунанда кӯшишҳои зиёдро ба харҷ диҳанд. Маҳз сармоягузориҳои хориҷӣ дар баробари сармоягузориҳои дохилӣ барои рушду нумӯи иқтисодиву иҷтимоии онҳо асос мегузоранд.

Умуман, барои минтақаҳои кишвар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ афзалият доранд. Онҳо барои бахши воқеии иқтисодиёт заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ ва технологӣ гузошта, ба соҳаҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар равона мегарданд. Онҳо рушди соҳаҳои иҷтимоиро низ мусоидат менамоянд.

## *2.3.* Таъсири сармоягузориҳои мустақим ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа

Якчанд намудҳои сармоягузории хориҷӣ мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо фарқиятҳои худро доранд. Ба категорияҳои асосӣ сармоягузориҳои мустақим дохил мешаванд, ки ҳадафи онҳо ба даст овардани назорати

идоракунӣ дар ширкати қабулкунанда мебошад. Онҳо одатан тавассути сармоягузорӣ ба ширкатҳои мавҷуда ё ташкили ташкилотҳои нав амалӣ карда мешаванд. Мақсади асосӣ - ба даст овардани назорати идоракунӣ ва ё иштирок дар фаъолияти корхонаҳо буда, давомнокии дарозмуддатро бо тамоюли мунтазам нигоҳ доштани сармояро дар кишвари қабулкунанда доранд. Онҳо саҳми калон дар рушди иқтисодӣ тавассути интиқоли технологияҳо дошта, дар эҷоди ҷойҳои корӣ саҳми калон доранд.

**Намунаҳои сармоягузории мустақим** таъсиси филиалҳои ширкатҳои хориҷӣ, хариди саҳмияҳо дар ширкатҳои маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани назорати идоракунӣ ва сармоягузориҳо дар лоиҳаҳои сохтмонӣ, истеҳсолӣ, энергетикӣ ва ғайра.

**Сармоягузориҳои ҷомадонӣ,** ки дар коғазҳои қиматнок, ба монанди саҳмияҳо ва вомбаргҳо мебошанд, мақсади ба даст овардани даромад аз дивидендҳо, фоизҳо ё афзоиши арзиши дороиҳои худиро доранд. Бо роҳи хариди саҳмияҳо дар биржаҳо, хариди вомбаргҳои давлатӣ ё корпоративӣ, сармоягузорӣ дар фондҳои сармоягузорӣ амалӣ мешаванд.

**Сармоягузориҳои дигар,** ки дигар намудҳои сармоягузориро дар бар мегирад, ки ба сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ дохил намешаванд. Ба онҳо қарзҳо аз ҷониби ҳукуматҳо, бонкҳо ё ташкилотҳои байналмилалӣ, пасандозҳо ва амонатҳо дар бонкҳои хориҷӣ, сармоягузориҳо барои сохтмонҳои объектҳои ғайриистеҳсолӣ дохил мешаванд.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар шароити кунунӣ дар рушди муносибатҳои бозорӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо метавонанд сарчашмаи асосии сармояе бошанд, ки барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, таъсиси корхонаҳои нав, тавсеаи тиҷорат ва рушди инфрасохтор зарур ҳастанд. СМХ ба афзоиши иштирокчиёни нав дар бозор мусоидат мекунад, ки рақобатро байни ширкатҳо афзоиш медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки СМХ метавонад тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтор ва ҷалби сармоягузории иловагӣ рушди иқтисодиро дар минтақа ҳавасманд кунад, дастрасӣ ба бозорҳои нави

маҳсулот ва хизматҳоро таъмин кунад ва ба ин васила савдо ва табодули мол байни кишварҳоро беҳтар созад. СМХ ба идоракунии корхонаҳои муосир тағйирот ворид менамояд ва қабули таҷрибаҳои беҳтаринро дар идоракунии корпоративӣ ва умуман, фаъолияти хоҷагидории кишвар сафарбар менамояд.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ сармоягузории аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ ё шахсони воқеӣ ба тиҷорат ва дороиҳои дигар кишварҳо гузошташуда мебошад. Тавре ки қаблан зикр гардид, ин ҷанбаҳо ба иқтисодиёти минтақа таъсири назаррас доранд. Онҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, афзоиши истеҳсолот, пайдоиши ҷойҳои нави корӣ ва мубодилаи самараноки технология мусоидат мекунанд. Илова бар ин, ҷолибияти сармоягузории кишвар беҳтар шуда, барои рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. Афзоиши фаъолияти тиҷоратӣ инчунин ба тавсеаи иқтидори содиротӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки минтақаҳои дорои сиёсати оқилонаи иқтисодӣ ва институтҳои устувор аксар вақт сармоягузории бештарро ҷалб мекунанд. Шароити мусоид барои соҳибкорӣ, аз қабили набуди бюрократизм, андозҳои кам ва дастрасӣ ба маблағгузорӣ низ сармоягузоронро ҷалб мекунад.

Бо иртибот ба масъалаи баррасишаванда қайд кардан зарур аст, ки ҳар як минтақа хусусиятҳо ва афзалиятҳои рақобатии худро дорад, ки ҷараёни сармоягузории хориҷиро муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, таҳлили воридоти намудҳои сармоягузориҳои ба вилояти Хатлон имконият медиҳад, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ҷараёни мазкур ошкор карда шуда, самтҳои рушди сармоягузориҳои хориҷӣ муайян карда шаванд.

Дар ҷадвали 2.12. динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.12. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоягузориҳои мустақим ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 1270837,0 | 14688,6 | 1089436,6 | 75036,8 | 16852,3 | 1,3 | 114,7 |
| | бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| ИДМ | ҳаз. долл. | 743,4 | | | | 16,0 | 2,2 | - |
| | бо % | 0,06 | | | | 0,09 | - | - |
| Мамлакатҳои хориҷи дур | ҳаз. долл. | 1270102,6 | 14688,6 | 1089436,6 | 75036,8 | 16836,3 | 1,3 | 114,6 |
| | бо % | 99,94 | 100,00 | 100,00 | 100,00 | 99,91 | - | - |
| аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Чин | ҳаз. долл. | 147676,8 | 14240,5 | 11595,4 | 52355,1 | 8061,0 | 5,5 | 56,6 |
| | бо % | 11,62 | 96,95 | 1,06 | 69,77 | 47,83 | - | - |
| Покистон | ҳаз. долл. | | | | 82,41 | 451,1 | - | - |
| | бо % | | | | 0,11 | 2,68 | - | - |
| Сингапур | ҳаз. долл. | | | 125 | 8095,8 | 7777,7 | - | - |
| | бо % | | | 0,01 | 10,79 | 46,15 | - | - |
| Дигар мамлакатҳо | ҳаз. долл. | 1122425,8 | 448,1 | 1077841,2 | 22681,7 | 8775,3 | 0,8 | 1958,3 |
| | бо % | 88,32 | 3,05 | 98,94 | 30,23 | 52,07 | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Таҳлили рақамҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки дар солҳои 2015 ва 2021 ба минтақа сармоягузориҳои мустақим мутаносибан 3078,5 млн доллар ва 3789,1 млн доллар ворид гардидаанд. Саҳми ИДМ дар сармоягузории мустақим бениҳоят кам буда, дар соли 2021 ҳамагӣ 734,4 ҳазор доллар (0,06%), дар соли 2023 16 ҳазор (0,09%) - ро ташкил намуд, ки ин бениҳоят кам мебошад.

Дар байни мамлакатҳои дигар сармоягузори фаъолтарин Ҷумҳурии Халқии Чин мебошад. Дар соли 2015 аз ҳисоби мамлакати номбурда 147,68 млн доллар, 11,62% (аз ҷамъи умумии сармоягузориҳои воридгаштаи

мустақим), соли 2020 - 1,42 млн доллар (96,95%), дар соли 2021 – 11,6 млн доллар (69,77%), соли 2022 – 52,36 млн доллар (69,77%) ва дар соли 2023 - 8,06 млн доллар сармоягузориҳои мустақим ворид гардиданд. Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ҳамасола тағйир меёбанд. Дар солҳои 2015 ва 2022 калон буданд. Дар солҳои дигари таҳқиқотӣ нисбатан кам аст. Новобаста ба ин, қайд менамоем, ки Ҷумҳурии Халқии Чин ягона мамлакатест, ки ҳамасола маблағҳои муайянро ҳамчун сармоягузориҳои мустақим ворид намудааст.

Сингапур дар солҳои охир фаъол гардида, дар соли 2022 8,1 млн доллар (10,79%) ва дар соли 2023 -77,78 млн доллар (46,15%) сармоягузории мустақим намудааст.

Аз ҳисоби мамлакати исломии Покистон дар соли 2022 82,41 ҳазор ва дар соли 2023 451,1 ҳазор доллари сармоягузориҳои мустақим дохил гаштаанд.

ИМА, Туркия, Ҷумҳурии Исломии Эрон ба қатори мамлакатҳое дохил мешаванд, ки дар солҳои гуногун ба минтақаи Хатлон маблағҳои гуногуни сармоягузориҳои мустақимро ворид намудаанд.

Бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим ба минтақа ҷолибияти онро барои сармоягузорӣ афзоиш додан аз мамлакатҳои шарик муҳим мебошад, чунки онҳо барои рушди иқтисодии вилоят бештар манфиатовар мебошанд.

Рақамҳои муқоисавии воридоти сармоягузориҳои мустақим дар доираи минтақаҳои кишвар дар ҷадвали 2.13. нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 2.13. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоягузориҳо - ҳамагӣ | | 3078536,6 | 162542,7 | 3789144,2 | 618400,0 | 284076,9 | 9,2 | 174,8 |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |

*идомаи ҷадвали 2.13*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМБК | ҳаз. долл. | 65284,5 | 1557,62 | | 52,2 | | - | - |
| | бо % | 2,12 | 0,96 | 38,97 | 0,01 | | | |
| Вилояти Суғд | ҳаз. долл. | 604708,2 | 79588,03 | 811953,3 | 343085,1 | 128235,7 | 21,2 | 161,1 |
| | бо % | 19,64 | 48,96 | 21,43 | 55,48 | 45,14 | - | - |
| Вилояти Хатлон | ҳаз. долл. | 1270837 | 14688,65 | 1089436,6 | 75036,9 | 16852,3 | 1,3 | 114,7 |
| | бо % | 41,28 | 9,04 | 28,75 | 12,13 | 5,93 | - | - |
| Ш. Душанбе | ҳаз. долл. | 889325,5 | 64904,95 | 1476690,7 | 178108,3 | 138988,9 | 15,5 | 212,8 |
| | бо % | 28,89 | 39,93 | 38,97 | 28,80 | 48,93 | - | - |
| НТҶ | ҳаз. долл. | 24381,6 | 1803,45 | 272916,2 | 22117,5 | | - | - |
| | бо % | 0,79 | 1,11 | 7,20 | 3,58 | | - | - |

**Сарчашма:** [13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Таҳлили рақамҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки минтақаи Хатлон аз рӯйи нишондиҳандаи мутлақи воридоти сармоягузориҳои мустақим дар соли 2021 баъд аз шаҳри Душанбе дар ҷалби сармоягузориҳо мустақим дар ҷои дуюм буд. Солҳои дигари таҳлилӣ минтақаи Суғд дар баробари ш. Душанбе бештар сармоягузориҳои мустақимро ҷалб намудааст. Дар натиҷа дар рейтинги минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷалби сармоягузориҳои мустақим вилояти Хатлон дар ҷои сеюм мебошад.

Барои тасдиқи фикрҳои зикргашта диаграммаи муқоисавии таркиби сармоягузориҳои хориҷии мустақим воридшударо ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 меорем (диаграммаи 2.5.).

**Диаграммаи 2.5. –Муқоисаи таркиби сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023**




**Сарчашма:** [11; 15, с.245; 16]

Дар соли 2022 дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои воридгашта ба ҷумҳурӣ вилояти Хатлон 12,13 % ва дар соли 2023 -5,93 % ҳисса дошт. Ба минтақа омӯзиши таҷрибаҳои ш. Душанбе ва вилояти Суғд дар ҷалби сармоягузориҳои мустақим манфиатовар мебошад.

Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим дар доираи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 дар ҷадвали 2.14. нишон дода шудааст.

Дар байни шаҳру ноҳияҳои минтақа ш. Бохтар ва ноҳияҳои Ёвон, Данғара ва Қубодиёнро номбар намудан мумкин аст, ки дар ҷалби сармоягузориҳои мустақим фаъолтар мебошанд.

**Ҷадвали 2.14. - Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим дар доираи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоягузориҳо - ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 1270837,0 | 14688,6 | 1089436,6 | 75036,8 | 16852,3 | 1,3 | 114,7 |
| | бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| Бохтар (Курғон-теппа) | ҳаз. долл. | 1595,6 | 448,13 | 2217,3 | 359,7 | 250,0 | 15,7 | 55,8 |
| | бо % | 0,13 | 3,05 | 0,20 | 0,48 | 1,48 | - | - |
| Ёвон | ҳаз. долл. | 141510,1 | | 186892,3 | | 8003,3 | 5,7 | - |
| | бо % | 11,14 | | 17,15 | | 47,49 | - | - |
| Данғара | ҳаз. долл. | 984642,3 | | 781137,2 | 74364,5 | 5391,5 | 0,5 | - |
| | бо % | 77,48 | | 71,70 | 99,10 | 31,99 | - | - |
| Қубодиён | ҳаз. долл. | 434,4 | | 176,9 | 311,8 | 7,5 | 1,7 | - |
| | бо % | 0,03 | | 0,02 | 0,42 | 0,04 | - | - |
| Хуросон | ҳаз. долл. | | 11280 | 49186 | | 3200 | - | 28,4 |
| | бо % | | 76,79 | 4,51 | | 18,99 | - | - |
| Дигар шаҳру ноҳияҳо | ҳаз. долл. | 142654,6 | 2960,47 | 937 | | | - | - |
| | бо % | 11,23 | 20,15 | 0,09 | | | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Шаҳри Бохтар ягона воҳиди маъмуриву ҳудудӣ мебошад, ки тавониста аст новобаста ба он, ки ҳаҷми сармоягузориҳо на он кадар бузурганд, дар ҳамаи солҳои таҳлилӣ ба таври бояду шояд маблағҳои мустақимро ҷалб намояд.

Ноҳияи Данғара дар соли 2015 984,64 млн доллар, ё ки 77,48%-и сармоягузориҳои ба вилоят воридгаштаро соҳиб шудааст. Дар соли 2021 ба минтақа 781,14 млн доллар (71,70 %) аз ҷамъи умумии сармоягузориҳои мустақим), соли 2022 – 74,36 млн доллар (99,10%), соли 2023 – 5,39 млн доллар (31,99%) сармоягузориҳои мустақим ворид гаштаанд.

Ноҳияи Ёвон низ дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷии мустақим фаъол мебошад. Дар соли 2015 ба ноҳия 141,51 млн доллар сармоягузориҳои

мустақим ворид гардидаанд, ки 11,14%-и сармоягузориҳои мустақими воридгаштаро ташкил медиҳад. Соли 2021 186,89 млн доллар (17,15%), соли 2023 8,00 млн доллар (47,49%) сармоягузориҳои мустақим ба ноҳия ворид гаштаанд. Дар солҳои 2020 ва 2022 ба ноҳия сармоягузориҳои мустақим умуман ворид нашудаанд.

Ноҳияи Қубодиён низ, новобаста ба он ки маблағҳои нисбатан камро ворид менамояд, дар аксари солҳо маблағҳои муайянро ҷалб менамояд. Дар соли 2015 434,4 ҳаз. доллар, соли 2021 – 176,9 ҳаз. доллар, соли 2022 – 311,8 млн доллар ва соли 2023- 7,5 ҳаз. доллар маблағҳои сармоягузории мустақими мамлакатҳои хориҷ бо ноҳия ворид гаштанд.

Ба дигар ноҳияи фаъоли сармоягузории мустақим вориднамудаи вилояти Хатлон ноҳияи Хуросон дохил мешавад. Ба ноҳия дар соли 2020 - 11,8 млн доллар, дар соли 2021 – 49,19 млн доллар, дар соли 2023- 3,2 млн доллар сармоягузорӣ ворид гаштаанд.

Инчунин, қайд намудан лозим аст, ки дар соли 2021 ба ноҳияи Дӯстӣ ба миқдори 5,03 млн доллар, ба ноҳияи Кӯлоб 6,01 млн доллар ва ба ш. Леваканд – 12,56 млн доллар сармоягузориҳои мустақим ворид гаштаанд, ки маблағҳои назаррас ба ҳисоб мераванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ба шаҳру ноҳияҳое бештар сармоягузориҳо дохил мешаванд, ки инфрасохтори хуб доранд, бештар ҷолибият доранд. Аммо ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят сармоягузориҳо ворид нагаштаанд ва ё ки дар миқдорҳои бениҳоят кам ворид гаштаанд. Бинобар ин, онҳо барои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бояд бештар корбарӣ намоянд. Ин барои рушди иқтисодии онҳо муҳим мебошад.

Сармоягузориҳои ҷомадонӣ дар соли 2020 ҳамагӣ 25,0 ҳазор доллар ва дар соли 2023 – 122,6 ҳазор доллар ҷалб гардидаанд. Нокифоягии воридоти сармоягузориҳои ҷомадонӣ, пеш аз ҳама, ба он вобастагӣ дорад, ки онҳо нисбат ба сармоягузориҳои мустақим ноустувортар мебошанд, ба сатҳи таварруми асъори миллӣ вобастагии зич дорад, аз рушди инфрасохтори минтақа вобастагӣ доранд.

Новобаста ба сабабҳои номбаршуда, воридоти сармоягузориҳои ҷомадонӣ барои иқтисодиёти минтақаҳои кишвар аҳаммияти калон дорад. Онҳо манбаи муҳимми маблағгузорӣ барои ширкатҳои маҳаллӣ ва лоиҳаҳои рушд мебошанд. Бинобар дар минтақа барои ҷалби сармоягузориҳои ҷомадонӣ шароитҳои мусоидро фароҳам овардан зарур мебошад. Барои ҷалби сармоягузорӣ бояд ба устувории иқтисодиёти минтақавӣ, нигоҳ доштани пули устувори миллӣ бо таварруми назоратшаванда, паст кардани сатҳи коррупсия, навсозии инфрасохтор ва рушди иқтидори кадрӣ (баланд бардоштани малака ва салоҳияти кормандон) диққати ҷиддӣ дода шавад. Вилояти Хатлон муҳим аст, ки ин ҷанбаҳоро ба назар гирад ва барои беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ, аз ҷумла пешниҳоди имтиёҳои андоз, субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок ва дигар ҳавасмандкуниҳо фаъолона чораҳо бояд андешад.

Ҳамаи дигар намудҳои сармоягузорӣ, ки ба сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ дохил намешаванд, ба сармоягузориҳои ҳархела (дигар) дохил мешаванд. Барои возеҳтар нишон додани тамоюли рушди ин гуна сармоягузориҳо диаграммаи махсусро тартиб медиҳем (диаграммаи 2.6.)

**Диаграммаи 2.6. – Воридоти сармоягузориҳои хориҷии ҳархела ба вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023 (ҳазор долл. ИМА)**




**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Таҳлили рақамҳои диаграмма нишон медиҳанд, ки сармоягузориҳои ҳархела дар соли 2015 ба минтақа дар ҳаҷми 601,71 млн доллар ворид гардида буданд. Дар соли 2021 ин ҳаҷм то 13,52 млн доллар коҳиш ёфт, ки сабаби асосиаш пандемияи COVID-19 буд. Дар соли 2021 то ба 64,99 млн доллар расид. Дар солҳои оянда боз коҳиш ёфта, дар соли 2022 то 40,8 млн доллар ва дар соли 2023 то 5,65 млн доллар поён рафт.

Таҳлил нишон медиҳад, ки вилояти Хатлон дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар воридоти сармоягузориҳои ҳархелаи хориҷӣ ҷои сеюмро баъд аз ш. Душанбе ва вилояти Суғд ишғол менамояд (ҷадвали 2.15).

**Ҷадвали 2.15. - Динамикаи дигар сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023 (ҳазор доллар)**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| сармоягузориҳо-ҳамагӣ | | 2281709,8 | 265422,2 | 2310267,1 | 1958179,4 | 2499775,7 | 109,6 | 941,8 |
| | бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| ВМКБ | ҳаз. долл. | 28390,4 | | | | | - | - |
| | бо % | 1,24 | | | | | - | - |
| Вилояти Суғд | ҳаз. долл. | 285764,5 | 67891,53 | 219758,1 | 474871,8 | 457867,7 | 160,2 | 674,4 |
| | бо % | 12,52 | 25,58 | 9,51 | 24,25 | 18,32 | - | - |
| Вилояти Хатлон | ҳаз. долл. | 601714,3 | 13519,29 | 64994,4 | 40798,7 | 5651,8 | 0,9 | 41,8 |
| | бо % | 26,37 | 5,09 | 2,81 | 2,08 | 0,23 | - | - |
| Ш. Душанбе | ҳаз. долл. | 1345916,3 | 168514,05 | 2016951,3 | 1428725,8 | 2029999,1 | 150,8 | 1204,6 |
| | бо % | 58,99 | 63,49 | 87,30 | 72,96 | 81,21 | - | - |
| НТҶ | ҳаз. долл. | 19924,3 | 15497,33 | 2821,3 | 13783,1 | 6257,1 | 31,4 | 40,4 |
| | бо % | 0,87 | 5,84 | 0,12 | 0,70 | 0,25 | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Дар асоси таҳлили рақамҳои ҷадвал хулоса намудан мумкин аст, ки ҳаҷмҳои воридоти сармоягузориҳои ҳархела ба вилоят умуман қаноатбахш мебошад. Онҳо дар солҳои таҳлилӣ бо ҳаҷмҳои зиёд ба вилоят ворид гардидаанд. Дар соли 2015 601,71 млн доллар ва ё 26,37 % аз ҷамъи умумии

сармоягузориҳои ҳархелаи ба ҷумҳурӣ дохилгардида, дар соли 2020 мутаносибан 13,52 млн доллар ва 5,09%, дар соли 2021 - 64,99 млн доллар ва 2,81%, дар соли 2022 – 40,8 млн доллар ва 2,08 млн доллар ва 2,08%. Аммо дар соли 2023 ҳаҷми воридоти ин гуна сармоягузориҳо то 5,65 млн доллар ва 0,23% коҳиш ёфт.

Дар ҷадвали 2.16 динамикаи дигар сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба минтақа дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.16. - Динамикаи дигар сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Сармоя-ҳои ҳархе-ла, ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 601714,4 | 13519,29 | 64994,4 | 40798,7 | 5651,8 | 0,9 | 41,8 |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | | |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| ИДМ | ҳаз. долл. | | 150 | 150 | | 1421,6 | - | 947,7 |
| | бо % | | 1,11 | 0,23 | | 25,15 | - | - |
| Мамлакатҳои хориҷи дур | ҳаз. долл. | 601714,4 | 13369,29 | 64844,4 | 40798,7 | 4230,2 | 0,7 | 31,6 |
| | бо % | 100,00 | 98,89 | 99,77 | 100,00 | 74,85 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| Чин | ҳаз. долл. | 2660 | | 3576 | 1000 | | - | - |
| | бо % | 0,44 | | 5,50 | 2,45 | | - | - |
| Ҷопон | ҳаз. долл. | | 1064,3 | 2067,76 | 2573,58 | 929,2 | - | 87,3 |
| | бо % | | 7,87 | 3,18 | 6,31 | 16,44 | - | - |
| Олмон | ҳаз. долл. | 50,55 | 2042,28 | 605,53 | 690,42 | 68,9 | 136,3 | 3,4 |
| | бо % | 0,01 | 15,11 | 0,93 | 1,69 | 1,22 | - | - |
| ИМА | ҳаз. долл. | | 370,0 | 500,0 | 315,95 | 370,0 | - | 100,0 |
| | бо % | | 2,74 | 0,77 | 0,77 | 6,55 | - | - |
| Канада | ҳаз. долл. | 70 | 471,17 | 282,15 | 300 | 300 | 428,6 | 63,7 |
| | бо % | 0,01 | 3,49 | 0,43 | 0,74 | 5,31 | - | - |
| Люксем-бург | ҳаз. долл. | | | 821,58 | 1000,0 | 2038,5 | - | - |
| | бо % | | | 1,26 | 2,45 | 36,07 | - | - |
| Дигар мамлакат-ҳо | ҳаз. долл. | 598933,85 | 9421,01 | 56991,38 | 34918,75 | 523,6 | 0,1 | 5,6 |
| | бо % | 99,54 | 69,69 | 87,69 | 85,59 | 9,26 | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Дар сармоягузориҳои дигар намудҳои сармоягузории хориҷӣ саҳми ИДМ кам мебошад. Дар солҳои 2020-2021 аз онҳо дар ҳаҷми 150,0 ҳазор доллари сармоягузориҳо ворид гардидаанд. Дар соли 2023 дар сармоягузории ин намуди сармоягузориҳои хориҷӣ пешрафти калоне ба назар мерасад. Миқдори сармоягузориҳои дигари ИДМ ба 1,42 млн доллар расид, ки 25,15 % аз ҳаҷми умумии онҳо ташкил менамояд. Дар солҳои 2020-2021 ин гуна аз Ҷумҳурии Қирғизистон ва дар соли 2023- 45 ҳазор доллар аз Ҷумҳурии Қазоқистон ва 1392,6 ҳазор доллар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид гардидаанд. Мо боварӣ дорем, ки Ӯзбекистон як самти ояндадор барои сармоягузорӣ ба Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, дар оянда барои ҷалби сармоя аз ин ҷумҳурӣ мақсаднок кор кардан лозим аст.

Саҳми Ҷопон дар сармоягузориҳои ҳархела ба минтақа калон мебошад. Ин мамлакат дар соли 2020 бо маблағи 1064,3 ҳазор доллар, ки 7,87 % ҷамъи ин намуди сармоягузориҳои хориҷиро ташкил менамояд, сармоягузорӣ намуд. Ин рақамҳо мутаносибан дар соли 2021- 2067,76 ҳазор доллар ва 3,18%, дар соли 2022 – 2573,58 ҳазор доллар ва 6,31%, дар соли 2023 – 929,2 ҳазор доллар ва 16,44 %-ро ташкил намуданд.

Чӣ тавре аз ҷадвал бармеояд, мамлакатҳои ИМА ва Канада дар солҳои 2020-2023 дар доираи 282,15- 5000,0 ҳазор долларӣ сармоягузориҳои ҳархела ворид намудаанд, ки махсусан дар рушди соҳаҳои иҷтимоии вилоят саҳми калон доштанд.

Давлати Люксембург дар солҳои охир дар ворид намудани сармоягузориҳои хархела ба минтақа хеле фаъол гардид. Дар соли 2021 аз ин мамлакат дар ҳаҷми 821,58 ҳазор доллар ин намуди сармоягузориҳо ворид гардид. Дар соли 2022 то ба 1 млн ҳазор доллар расид. Дар соли 2023 бошад, 2038,5 ҳазор долларро ташкил намуд, ки 36,07%-и воридоти сармоягузориҳои дигарро ташкил медиҳад.

Дар қатори дигар мамлакатҳои воридкунандаи сармоягузориҳои ҳархела кишварҳои АМА, Арабистони Саудӣ, Белгия, Британияи Кабир (Англия), Сингапур, Швейтсария, Шветсияро номбар менамоем, ки онҳо дар

солҳои гуногун ба соҳаҳои ғайри истеҳсолии вилоят сармоягузорӣ намуда, дар рушду нумӯи он саҳми арзанда гузоштаанд.

Акнун динамикаи сармоягузориҳои дигарро дар доираи шаҳру ноҳияҳои вилоят баррасӣ менамоем (ҷадвали 2.17).

**Ҷадвали 2.17. - Динамикаи дигар сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023**

| | | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2015 | 2020 |
| сармоягузориҳо - ҳамагӣ | ҳаз. долл. | 601714,4 | 13519,29 | 64994,4 | 40798,7 | 5651,8 | 0,9 | 41,8 |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз ҷумла | | | | | | | | |
| Бохтар (Қӯрғон-теппа) | ҳаз. долл. | 710,3 | 1636,02 | 6019,7 | 2481 | 3330,0 | 468,8 | 203,5 |
| | бо % | 0,12 | 12,10 | 9,26 | 6,08 | 58,92 | - | - |
| Ёвон | ҳаз. долл. | | | 1666,7 | | 1292,6 | - | - |
| | бо % | | | 2,56 | | 22,87 | - | - |
| Данғара | ҳаз. долл. | 548069,4 | 1672,36 | 49799,9 | 10000,0 | | - | - |
| | бо % | 91,08 | 12,37 | 76,62 | 24,51 | | - | - |
| Қубодиён | ҳаз. долл. | | 1064,63 | 469,2 | 28217,7 | 929,2 | - | 87,3 |
| | бо % | | 7,87 | 0,72 | 69,16 | 16,44 | - | 208,8 |
| Ҷайҳун | ҳаз. долл. | | | 728 | | | - | - |
| | бо % | | | 1,12 | | | - | - |
| Кӯлоб | ҳаз. долл. | | | 6012,4 | | | - | - |
| | бо % | | | 9,25 | | | - | - |
| Ш. Шоҳин (Шурообод) | ҳаз. долл. | 48834,6 | | | | | - | - |
| | бо % | 8,12 | | | | | - | - |
| Дигар шаҳру ноҳияҳо | ҳаз. долл. | 4000,1 | 9046,28 | 198,5 | | | - | - |
| | бо % | 0,66 | 66,91 | 0,31 | | | - | - |

**Сарчашма:** [9; 13; 14; 15, с.245; 16; 17]

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки ш. Бохтар, ноҳияҳои Данғара, Қубодиён, Ёвон дар ҷалби сармоягузориҳои ҳархела фаъол ҳастанд. Ба ш. Бохтар дар соли 2015 0,71 млн доллар сармоягузориҳои ҳархела ворид шуда буданд. Аммо баъд аз соли 2020 ҳаҷми воридоти ин намуди сармоягузориҳо

хеле афзуд. Дар соли 2023 ҳаҷми онҳо назар ба соли 2020 2,04 баробар зиёд шуд ва 3,33 млн долларро ташкил намуд. Дар солҳои 2020-2021 ҳаҷми воридоти ин намуди сармоягузориҳо дар доираи 1,64- 6,02 млн доллар буд.

Воридоти сармоягузориҳои ҳархела ба ноҳияи Данғара дар соли 2015 548,1 млн доллар, дар соли 2021- 49,78 млн доллар ва дар соли 2023 – 10,0 млн долларро ташкил намуд, ки қобили қайд мебошад.

Дар асоси таҳлили рақамҳои ҷадвал хулоса намудан мумкин аст, ки ноҳияҳои Ёвон, Қубодиён, Кӯлоб, Ш. Шоҳин, Ҷайҳун дар солҳои гуногун тавонистанд, ки маблағҳои гуногуни сармоягузориҳои хориҷии ҳархеларо ворид намоянд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки вилояти Хатлон ва якчанд шаҳру навоҳии он дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ фаъол мебошанд. Дар натиҷа дар давраи таҳлилӣ лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ дар минтақа амалӣ гардонида шуданд (Замимаи 2).

Ба қатори лоиҳаҳои аҳаммияти калони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта чунин лоиҳаҳоро дохил намудан мумкин аст: Лоиҳаи "Обтаъминкунӣ ва корези шаҳри Кӯлоб ", Лоиҳаи "Кам намудани талафоти неруи барқ дар вилояти Хатлон", Лоиҳаи системаи обёрии ба тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ тобовар ва навсозии заҳкашу заҳбурҳо дар ҳавзаи дарёи Вахш, Лоиҳаи барқарорсозии неругоҳи барқи обии Норак (марҳилаи II), Лоиҳаи “Барқарорсозии роҳи Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ” (марҳилаи I), Лоиҳаи “Барқарорсозии неругоҳи барқи обии Сарбанд бо иқтидори 240 МВт – маблағгузории иловагӣ”, Лоиҳаи “Беҳтаркунии низоми обтаъминкунӣ дар шаҳри Бохтар”, Лоиҳаи “Беҳтаркунии низоми обтаъминкунӣ дар шаҳри Данғара” ва ғайра.

Қайд менамоем, ки барои вилояти Хатлон лоиҳаҳои мустаҳками сармоягузорӣ аҳаммияти калон доранд. Умуман, барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ афзалият доранд. Чунин намуди сармоягузорӣ барои бахши воқеии иқтисодиёт заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ ва технологӣ гузошта, ба соҳаҳои муҳими

фаъолияти хоҷагидории кишвар равона мегарданд. Вай як қатор бартариҳои назаррас, ба монанди интиқоли технологӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, диверсификатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии соҳаҳо, устуворнокии молиявӣ ва табодули афкору баланд бардоштани сатҳи касбият дорад.

СМХ ба рушди иқтисодиёти минтақа тавассути ворид намудани сармоя, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, навсозии истеҳсолот ва инфрасохтор мусоидат мекунад. Ин метавонад боиси афзоиши даромади миллӣ ва баланд шудани дараҷаи зиндагонии аҳолии минтақа гардад.

СМХ метавонад ба рушди инфрасохтор, аз қабили роҳҳо, энергетика равона карда шавад, ки шароити тиҷорат ва ҷомеаро, дар маҷмуъ, беҳтар мекунад. СМХ барои таҳкими робитаҳои иқтисодии байни дигар минтақаҳои кишвар, эҷоди шарикӣ ва афзоиши мубодилаи байналмилалии технология, таҷриба ва фарҳанг дар вилоят мусоидат мекунад.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ метавонад ба диверсификатсияи иқтисоди минтақа тавассути коҳиш додани вобастагӣ аз бахшҳо ва захираҳои мушаххас мусоидат кунад. Инчунин, сармоягузориҳои ширкатҳои хориҷӣ метавонанд суботи молиявии минтақаро тавассути афзоиши заминаи молиявӣ ва ҷалби манбаъҳои нави сармоя беҳтар месозанд. Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки мубодилаи таҷриба, дониш ва интиқоли таҷрибаи пешқадам ба баланд шудани сатҳи касбият ва такмили идоракунӣ мусоидат мекунад. Чунин бартариҳо сармоягузории мустақими хориҷиро дар минтақа ба воситаи муҳимми рушди иқтисодӣ ва ҳамкории байни минтақаву кишварҳо табдил медиҳанд.

Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, ҳавасмандгардонии инноватсия, шарикӣ бо бахши хусусӣ, пешбурди муносибатҳои байналмилалӣ ва монанди инҳо аҳаммияти беандоза калон дорад.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳлили ҷолибияти сармоягузории минтақа барои сармоягузорони хориҷӣ якчанд ҷанбаҳои калидиро ошкор кард. Аввалан, афзоиши босуръати аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии қобили меҳнат, зарурати фаврии таъсиси ҷойҳои нави кориро таъкид мекунад. Дуюм, иқтидори назаррас дар захираҳои табиии минтақа аст, ки ҷалби онҳо ба фаъолияти истеҳсолӣ ба афзоиши шуғл мусоидат мекунад. Инчунин зарурати таъсиси иқтидорҳои саноатӣ барои истихроҷ ва коркарди ашёи хом, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ муҳим аст. Рушди инфрасохтор: роҳҳо, алоқаи мобилӣ, системаҳои таъминоти энергия, инчунин иқтидорҳои хунуккунӣ барои нигоҳ доштани маҳсулот диққати ҷиддӣ талаб мекунад. Самтҳои иловагии ояндадор барои сармоягузорӣ соҳаи сайёҳӣ, савдои байналмилалӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ, ки маориф, тандурустӣ ва фарҳангро фаро мегирад, мебошанд. Илова бар ин, минтақа мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ дорад, ки ба бозорҳои хориҷӣ баромаданро осон мекунад. Доштани қувваи кории арзон метавонад барои ҷойгиркунии истеҳсолот ҳавасмандии иловагӣ бошад. Дастгирии давлат ва мавҷудияти режимҳои имтиёзнок дар минтақаҳои алоҳида таваҷҷуҳи сармоягузорони эҳтимолиро афзоиш медиҳад. Дар маҷмуъ, ин омилҳо барои рушди дарозмуддат ва устувори иқтисодии минтақа заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Таҳлили раванди сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақа тамоюлҳои рушди воридоти сармоягузориҳои муайяннамуд:

1). Ҷалби сармоягузориҳо дар солҳои 2015-2023 тамоюли муайне надошта, ҳарсола пасту баланд мешаванд ва дар солҳои охир ҳаҷми сармоягузориҳои ба вилоят воридгардида коҳиш ёфтааст;

б). Саҳми ИДМ дар сармоягузорӣ бениҳоят кам буда, ҳиссаи асосии сармоягузориҳо асосан аз мамлакатҳои дур ба монанди Ҷумҳурии Халқии Чин, Олмон, Ҷопон, Люксембург, Сингапур ва дигар мамлакатҳои дур ворид мешаванд;

в). Дар муқоиса бо ш. Душанбе ва вилояти Суғд ҷалби сармоягузориҳо дар минтақа беҳбудиро металабад;

г). Дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ноҳияҳои Ёвон, Данғара, Қубодиён, ш. Бохтар фаъол буда, фаъолиятнокии дигар шаҳру навоҳии минтақа тақозои замон мебошад;

ғ). Сохтори сармоягузориҳои ба минтақа ҷалбгардида асосан аз сармоягузориҳои мустақим ва дигар сармоягузориҳо иборат буда, ҳиссаи сармоягузориҳои ҷомадонӣ нокифоя мебошад;

Ба минтақа асосан сармоягузориҳои мустақим ва ҳархела бештар ворид мешаванд. Ҷалби сармоягузориҳои ҷомадонӣ ба минтақа тамоман ночиз мебошад. Дар воридшавии сармоягузориҳои мустақим ва ҳархела ҳамон равияҳое ба назар мерасанд, ки дар воридшавӣ ва истифодабарии ҷамъи умумии сармоягузориҳо ошкор гардиданд.

Барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ корбарии зиёд намудан лозим аст, махсусан, барои воридоти ҳарчи бештари сармоягузориҳои мустақим. Афзун намудани сармоягузориҳои ҳархела ва ҷомадонӣ низ тақозои замон мебошад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақа

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди муносибатҳои молиявию сармоягузорӣ таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо кишварҳои дуру наздик, пеш аз ҳама, бо шарикони рушд шарти муҳим ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, барои ташаккули фазои ҷолиби сармоягузорӣ ва беҳтар намудани некуаҳволии умумии кишвар, масъалаҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодии муосир ҳамчунон аҳамият ва аҳамияти баланди худро нигоҳ медоранд.

Ташаккул ва татбиқи фаъолияти пурсамари минтақаи озоди иқтисодӣ яке аз принсипҳои муҳимми фаъолияти вилояту шаҳру ноҳияҳо ба ҳисоб меравад. МОИ рушди босуръати иқтисодиро тавассути тақвияти робитаҳои тиҷоратии байни кишварҳо, сафарбар кардани сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии мубодилаи технология ва иттилоот ва рушди равандҳои амиқи ҳамгироӣ таъмин мекунад [95, с.65].

Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ маъмулан барои ҷалби сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии рушд ва рушди иқтисодӣ шароиту чораҳои муайянро пешбинӣ менамояд. Таъмини озодкуниҳо аз андози даромад, андоз аз амволи ғайриманкул ё андоз аз арзиши иловашуда ба муддати муайян барои ширкатҳое, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, омили ҳавасмандкунандаи рушди фаъолият мебошад ва бекор кардани боҷҳо бошад, барои ширкатҳое, ки дар минтақа фаъолият мекунанд, омили афзоиши молу хизматрасониҳо мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври бояду шояд рушд накардаанд. Тибқи маълумотҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОИ, “Данғара” 34 субъекти хоҷагидориро

дар бар мегирад ва фаъолтар мебошад. Минтақаҳои дигар тараққиёти суст доранд. Ба МОИ “Кӯлоб” 8 субъект, МОИ “Панҷ” 14 субъект рост меояд, ки нокифоя мебошад.

Бинобар рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҷолибиятнокии онҳо, дар вилоят ба қатори масъалаҳои мубрамтарин шомил мешаванд. Ҳалли масъалаҳои номбаршуда метавонад, ки рушди воридоти сармоягузориҳои хориҷиро фаъолноктар гардонад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки бақайдгирии босуръат, иҷозатномадиҳӣ ва дигар расмиёти содакардашудаи маъмурӣ барои ҷалби сармоягузорон низ заминаи устувор мегузорад. Инчунин, содасозии расмиёти мубодилаи асъор ва аз байн бурдани маҳдудиятҳои табдили асъор барои иштирокчиёни МОИ дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ шарти муҳимми таҳкими фаъолият ба шумор меравад. Дар ин ҷо инчунин сухан низ дар бораи таъмини инфрасохтори босифати роҳҳо, энергетика, коммуникатсия ва монанди инҳо барои ҷалби сармоягузорӣ меравад.

Ба ширкатҳое, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, муқаррар намудани қоидаҳо ва қоидаҳои тағйирпазири меҳнат метавонанд ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунанд ва кафолати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ фароҳам меорад. Албатта, чунин шароит ва тадбирҳо вобаста ба кишвар ва ҳадафҳои таъсиси як минтақаи озоди иқтисодӣ метавонанд фарқ кунанд.

Яке аз шартҳои муҳимми ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсиси заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ мебошад.

**Ҷадвали 3.1. - Заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Мақоми давлатӣ ва тавсифи ҳавасмандгардонӣ** | **Заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ** |
|---|---|
| Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, Корхонаҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба қайд гирифташуда аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз, ба истиснои андози даромад ва андози иҷтимоӣ озод карда мешаванд | Кодекси андози ҶТ, Моддаи 325. Низоми андоз дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ |
| Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, Воридоти молҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд | Кодекси гумруки ҶТ, моддаи 270. Ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва истифодаи тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ |
| Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, Воридоти молҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти ААИ озод карда мешаванд | Кодекси гумруки ҶТ, моддаи 270. Имтиёзҳои гумрукие, ки ба аъзои ҳайати дипломатии намояндагии давлати хориҷӣ, ба аъзои ҳайати маъмурӣ–техникӣ ва хизматрасонӣ пешниҳод карда мешаванд. Кодекси андози ҶТ, моддаи 324. Асосҳои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ |
| Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, Воридоти молҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти аксиз озод карда мешаванд | Кодекси гумруки ҶТ, моддаи 270. Ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва истифодаи тадбирҳои мамнуият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ Кодекси андози ҶТ, моддаи 324. Боби 49. Асосҳои андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2]

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ шароити ҳуқуқӣ накши муҳим мебозад, зеро онҳо қоидаҳои фаъолият, ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон ва иштирокчиёни минтақаро муайян карда, барои онҳо имтиёзҳои мушаххасро пешниҳод менамоянд. Қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии махсус, ки мақоми, фаъолият, имтиёзҳо ва идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодиро (МОИ) танзим мекунанд, барои иштирокчиёни бозор сигнали возеҳи амал хоҳад буд. Ин барои фаъолгардонии фаъолияти

иқтисодӣ ва ташаккули фазои ҷолиби сармоягузорӣ дар минтақа ҳавасмандии қавӣ хоҳад буд.

Таъмини махфияти маълумоти ширкатҳое, ки дар минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият мекунанд ва ҳифзи маълумоти тиҷоратии онҳо таъмин мегардад, барои субъектон ҷолиб мебошад. Инчунин, таъсис додани механизмҳо ва воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорон ва ширкатҳо кафолати устувории меъёрҳои ҳуқуқӣ ва шаффофияти шароити сармоягузорӣ ва пешбурди тиҷорат дар минтақа ба шумор меравад.

Тавре ки таҳлил нишон медиҳад, барои фаъолияти самараноки МОИ, заминаи меъёрию ҳуқуқии онҳо бояд танзими самтҳои гуногун, аз ҷумла андозбандӣ, масъалаҳои замин, ҷанбаҳои меҳнатӣ ва дигар нуқтаҳои муҳимро таъмин намояд. Чунин шартҳои ҳуқуқӣ барои бунёди сохторе асос мебошанд, ки устуворӣ ва ҷолибияти минтақаи озоди иқтисодиро барои сармоягузорону соҳибкорон таъмин намояд.

Дар вилояти Хатлон барои рушди устувори минтақаҳои иқтисодӣ тамоми шароитҳои мусоид мавҷуд мебошанд. Инфрасохтори минтақа шабакаи тараққикардаи роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва ҳавоӣ ба ҳисоб меравад. Саноати хӯроквории сабук, кимиё, электротехника ва коркарди металл рушд ёфта истодааст.

Захираҳои номаҳдуди гидроэнергетикӣ дар дарёҳои асосӣ, ба монанди Панҷ ва Вахш, инчунин дар якчанд обанборҳо мутамарказ шудаанд [28].

Барои таъмини рушди МОИ дар вилоят таҳлили имкониятҳои ҳар яки онҳо аҳаммияти калон дорад. Яке аз минтақаҳои озоди иқтисодии вилоят, ки метавонад бо  имкониятҳои васеъ ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсир расонад, МОИ “Кӯлоб” мебошад. Минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, таҳти рақами 97 таъсис дода шудааст. Дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» минтақаи озоди иқтисодии шакли саноатӣ ва инноватсионӣ бо масоҳати умумии 309,32 гектар ба мӯҳлати 25 сол таъсис дода шудааст [7].

**Ҷадвали 3.2. -Имкониятҳои МОИ “Кӯлоб”**

| Оғоз ва муҳлати фаъолият | Шакли фаъолият ва масоҳат | Имкониятҳо |
|---|---|---|
| аз 1 марти соли 2019, 25 сол | Саноатӣ ва инноватсионӣ 309,32 гектар | Шароити мусоид барои таъсиси корхонаҳои саноатӣ; коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; истихроҷи канданиҳои фоиданок; роҳи байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой; наздики бо фурудгоҳи байналмилалӣ; магистралӣ автомобилӣ ва шабакаҳои барқӣ; маркази маъмурии вилояти Хатлон |

**Сарчашма.** таҳияи муаллиф

Минтақаи озоди иқтисодии (МОИ) Кӯлоб, ки модели саноатӣ-инноватсионӣ мебошад, 309,32 гектарро ишғол мекунад ва барои фаъолият ба муҳлати 25 сол тасдиқ шудааст. Яке аз ҳадафҳои асосии таъсиси он ҳавасмандгардонии иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тавассути ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ мебошад. Илова бар ин, МОИ "Кӯлоб" барои пешбурди тиҷорат, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ шароити мусоид фароҳам меорад, ки онро барои татбиқи лоиҳаҳои ояндадори истеҳсолӣ ва технологӣ майдони ҷолиб месозад.

Ҳадафҳои асосии Минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) Кӯлоб ба ошкор кардани ҳамаҷонибаи иқтидори иқтисодии минтақа равона карда шудаанд. Ин пеш аз ҳама тавассути муттаҳид кардани сармоягузориҳои хориҷӣ бо захираҳои моддӣ ва молиявии ширкатҳои ватанӣ дар шаклҳои гуногуни моликият ба даст оварда мешавад.

Таваҷҷуҳи махсус ба ҷалби ҳам сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳам маҳаллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи байналмилалии идоракунӣ, инчунин таҷрибаҳои муосири тиҷоратӣ равона карда шудааст. Самти муҳим ҳамгироии инноватсияҳои илмӣ-техникӣ (ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ) ба истеҳсолот мебошад. Илова бар ин, МОИ "Кӯлоб" ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа, кам кардани арзиши маҳсулот ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва

дигар захираҳои маҳаллӣ барои истеҳсоли молҳое, ки барои бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ пешбинӣ шудаанд, кӯшиш менамояд [6].

Дар минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” 7 субъект, аз ҷумла, ҶДММ “Тоҷик Алмос”, ҶДММ “Кӯлоб Агросаноат”, ҶДММ “Кӯлоб Пласт”, ҶДММ “Растани Инно”, ҶДММ “Сомон Трейд”, ҶДММ “Ваҳдат Металл” ва “Саноат Сино” ба қайд гирифта шудаанд.

Аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Кӯлоб Агросаноат», ки субъекти дуюми минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» мебошад, дар корхонаи истеҳсоли равған, набот, коркард ва бастабандии намаки ошӣ корҳои сохтмонӣ оғоз гардид. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар сохтмони корхона 3,4 миллион сомонӣ буда, иқтидори солонаи он 60 тонна набот, 150 тонна равған ва 5 ҳазор тонна намак мебошад [23].

Инчунин, дар вилояти Хатлон дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” фаъолият самаранок ба роҳ монда шудааст. Фаъолияти муътадили МОИ “Данғара” имкониятҳои сармоягузории минтақаи Хатлонро беҳтар менамояд. Якум, он рушди иқтисодии минтақаро таъмин дар асоси ба раванди истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои нав таъмин менамояд. Дуюм, он соҳибкории саноатӣ ва истеҳсолиро рушд медиҳад, ки асоси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мебошад. Сеюм, барои фароҳам овардани фазои муътадили сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтидори он, инчунин, барои ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ хизмат мекунад [79].

Дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ" № 700 аз 25 марти соли 2011 ва қарори 20 январи соли 2010, минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" таъсис дода шуд. Ин қитъаи махсус ҷудошудаи қаламрави Тоҷикистон барои сармоягузорон шароити имтиёзноки иқтисодиро пешниҳод менамояд. Тафсилот дар бораи шакл ва ҳадафҳои МОИ "Данғара" дар ҷадвали зер дастрас аст. Минтақа ба рушди бахши истеҳсолӣ, аз ҷумла саноати сабук ва хӯроквcovorӣ, инчунин ҷалби корхонаҳои баландтехнологӣ равона карда шудааст.

Ба сармоягузорон имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ, расмиёти соддакардашудаи маъмурӣ ва кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ дода мешаванд.

Бо сабаби мавқеи ҷуғрофӣ ва дастгирии давлатии худ, МОИ "Данғара" ҳамчун яке аз марказҳои ояндадори ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар минтақа баррасӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 3.3. - Шакл ва ҳадафи минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”**

| Таъсиси МОИ | Намуди МОИ | Мақсади асосии таъсиси МОИ | Ҳадафи умумииқтисодӣ |
|---|---|---|---|
| МОИ “Данғара” 20 январи соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст. | “Данғара” саноатӣ – инноватсионӣ буда, ба муҳлати 25 сол (тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” то 49 сол) дар масоҳати 521,32 гектар ташкил шудааст. | таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа | ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи неруи корӣ, захираҳои табиӣ ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар |

Сарчашма: [21]

Яке аз ҷузъҳои ҷолибияти сармоягузории ноҳияи Данғара сатҳи баланди захираҳои меҳнатӣ ва омӯзиши амалиётии мутахассисони зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ин маънои онро дорад, ки дар айни замон ноҳияи Данғара барои татбиқи лоиҳаҳои баландтехнологии сармоягузорӣ омодагии бештар дорад. Маъмурияти МОИ “Данғара” дастгирии ҳамаҷонибаро, аз ҷумла, дар ҳалли масъалаҳои бақайдгирӣ, ки имкон медиҳад, бо истифода аз принсипи «равзанаи ягона» аз идеяи кушодани сармоягузорӣ то бақайдгирии корхона ҳамчун субъекти соҳибкорӣ аз 3 то 15 рӯз, ҳамчун субъекти МОИ аз 7 то 15 рӯз амалӣ менамояд [27].

Меъёрҳои асосии татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар МОИ “Данғара” ба таври зерин ба роҳ монда шудааст.

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои фаъолияти истеҳсолӣ на камтар аз 500 ҳазор доллари ИМА;

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои фаъолияти содироту воридот на камтар аз 50 ҳазор доллари ИМА;

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои фаъолият дар соҳаи хизматрасонӣ на камтар аз 10 ҳазор доллари ИМА;

-ташкил ё рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ё воридотивазкунанда.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузориҳо дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” хеле афзоиш ёфтаанд. Дар нимсолаи аввали соли 2022 ҳаҷми сармоягузорӣ 10 маротиба афзуда, 61 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешина 10,3 баробар зиёд мебошад. Қобили зикр аст, ки аз оғози фаъолият дар вилоят 431 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст, ки 59-тои онҳо ба 6 моҳи соли 2022 рост меояд [18].

**Ҷадвали 3.4. - Шакл ва ҳадафи минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”**

| **Таъсиси МОИ** | **Намуди МОИ** | **Мақсади асосии таъсиси МОИ** | **Ҳадафи умумииқтисодӣ** |
|---|---|---|---|
| Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” ” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25.03.2011 ва бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №1545 аз 29 октябри соли 2008 тасдиқ шудааст. | Намуди МОИ “Панҷ” комплексӣ буда, ба муҳлати 25 сол (тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” то 49 сол) дар масоҳати 401,6 гектар ташкил шудааст. | Яке аз мақсадҳои асосии таъсиси МОИ «Панҷ» ин афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, беҳтар кардани сифати идоракунӣ, таъмини самараноки истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир ва фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо мебошад. | Ҳадафи умуми иқтисодӣ – ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи неруи корӣ, захираҳои табиии ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар вилояти Хатлон инчунин, дар баробари МОИ “Данғара” ва “Кулоб” МОИ-и “Панҷ” низ фаъолият дорад. Намуди МОИ “Панҷ” комплексӣ буда, мақсади асосии он ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ ҷойгиршавии ҷуғрофии минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) дар интихоби ҷой барои оғози тиҷорат ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ нақши калидӣ мебозад. Масалан, МОИ "Панҷ" махсусан барои корхонаҳое, ки маҳсулоти онҳо ба содирот нигаронида шудааст, мусоид аст. Инфрасохтори хуби нақлиётии ноҳия, мавҷудияти шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, инчунин густариши фаъолонаи робитаҳои сармоягузорӣ бо шариконии хориҷӣ барои рушд дурнамои назаррас фароҳам меорад. Хусусан муҳим аст, ки шоҳроҳи байналмилалӣ бевосита дар даромадгоҳи асосии минтақаи озоди иқтисодӣ ҷойгир аст, ки дастрасии қулайи логистикиро таъмин мекунад ва ҳаракати молҳоро суръат мебахшад. Ин имкон медиҳад, ки ба занҷирҳои савдои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ самаранок ҳамгиро шаванд. Илова бар ин, мавҷудияти дастрасии нақлиётӣ ба кам шудани хароҷоти интиқоли маҳсулот мусоидат мекунад ва рақобатпазирии корхонаҳои маҳаллиро баланд мебардорад. Ин диққати сармоягузоронеро ҷалб мекунад, ки ба оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ ва фурӯш манфиатдоранд. Дар оянда, ин метавонад ба ташаккули кластери пурқудрати саноатӣ ва логистикӣ дар атрофи МОИ мусоидат кунад.

Наздик будан ба марз бо Афғонистон ва дигар кишварҳои минтақа барои тиҷорат ва ҳамкории фаромарзӣ дурнамои иловагӣ фароҳам меорад.

Илова бар ин, мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ ва режими мусоиди пешбурди тиҷорат МОИ "Панҷ" - ро барои сармоягузороне, ки ба зудӣ ба бозорҳои хориҷӣ ворид шудан мехоҳанд, ҷолиб месозад.

Ин имкон медиҳад, ки аз мавқеи логистикии минтақа самаранок истифода шуда, хароҷоти марбут ба интиқоли маҳсулот коҳиш дода шавад.

Фаъолияти муътадили МОИ «Данғара» ва «Панҷ», воқеъ дар вилояти Хатлон, аз як тараф, имкон медиҳад, ки мушкилоти минтақа, аз ҷумла, суръат

бахшидан ба суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва ғайра ҳал карда шавад ва аз тарафи дигар бошад, ҳалли вазифаҳои миллиро аз қабили ба мамлакат ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ, технологияи пешқадам таъмин менамояд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки кори устувори минтақаҳои озоди иқтисодии "Данғара" ва "Панҷ" иқтидори сармоягузории вилояти Хатлонро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Аввалан, он метавонад рушди иқтисодии минтақаро тавассути татбиқи технологияҳои пешрафта ҳавасманд кунад. Дуюм, имкониятҳои бузург барои рушди истеҳсолоти саноатӣ кушода мешаванд, ки ба эҷоди маҳсулоти ивазкунандаи воридот мусоидат мекунанд. Сеюм, ин ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва афзоиши ҷолибияти сармоягузорӣ барои ҷалби ҳам сармоягузорони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ мусоидат мекунад. Чунин таъсири комплексии МОИ ба иқтисодиёти вилоят на танҳо иқтидори дохилии онро тақвият медиҳад, балки онро дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазиртар мекунад. Чунин минтақаҳо як навъ "нуқтаҳои рушд" мебошанд, ки захираҳо ва навовариҳоро мутамарказ мекунанд, ки дар ниҳоят ба таъсири домино барои тамоми иқтисодиёти минтақавӣ оварда мерасонанд. Дар дарозмуддат, ин ба рушди устувор, диверсификатсияи истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои кории баландихтисос мусоидат мекунад [29].

Кишварҳои асосие, ки ба МОИ кишвар ба ҳайси сармоягузор баромад мекунанд, шарикони рушди иқтисодии минтақа мебошанд. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои рушди фаъолияти минбаъдаи МОИ ҳамчун сарчашмаи иловагӣ маҳсуб ёфта, дар таҳкими муносибатҳои судманди сармоягузориву тиҷоратӣ пояи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад.

Ҳамин тариқ, сармоягузории хориҷии МОИ-и минтақа барои баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии он ва рушди иқтисодиёти вилоят нақши муҳимро иҷро мекунад. Сармоягузории хориҷӣ ба МОИ ба воридшавии сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунад, ки барои маблағгузории инфрасохтор, рушди иқтидори истеҳсолӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ворид

намудани технология ва донишҳои пешрафта, мусоидат ба навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар ин минтақаҳо мусоидат мекунад.

Сармоягузории хориҷӣ дар МОИ метавонад иқтисоди минтақаи Хатлонро тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини аҳолии минтақа ва кишварро бо афзоиши талабот ба хизматҳо ва молҳо ҳавасманд кунад, содироти маҳсулоти хушсифатро таъмин кунад. Минтақаҳо ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ки одатан ба содирот нигаронида шудаанд, ниёз доранд. Ин ба афзоиши содироти минтақ ва ва рушди иқтисоди он мусоидат мекунад.

Сармоягузориҳо аз кишварҳои хориҷа, инчунин, метавонанд ба беҳбуди инфрасохтор, аз қабили роҳҳо, бандарҳо, фурудгоҳҳо ва монанди инҳо равона карда шаванд, ки ин МОИ-ро барои соҳибкорон ва сармоягузорони минтақаи Хатлон ҷолибтар мегардонад. Дар баробари ин, дар байни ширкатҳои хориҷӣ ва ватанӣ рақобати озод роҳандозӣ мешавад, ки самаранокӣ ва сифати маҳсулотро беҳтар созанд.

Бояд дуруст дарк кард, ки муваффақияти МОИ дар баробари ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз идоракунии самаранок, стратегияи дурусти рушд, устувории вазъи иқтисодию таҳкими равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ вобастагии калон дорад. Татбиқи якҷоя ва ҳамоҳанги онҳо барои рушди фаъолияти кишвар, дар умум, заминаи устувор хоҳад гузошт.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят дар байни минтақаҳои озоди иқтисодӣ МОИ “Данғара” фаъолтар буда, фаъолияти МОИ “Панҷ” нимфаъол мебошад. МОИ “Кӯлоб” бошад, фаъолияташ тамоман суст аст.

Бо мақсади муайян намудани сабабҳои суст рушд ёфтани фаъолияти МОИ-ҳо муаллифи диссертатсия дар давоми қариб даҳ рӯз, бевосита ба менеҷерон ва мутахассисони онҳо, суҳбатҳои шифоҳӣ намуд. Дар натиҷа, сабабҳои рушди сусти МОИ, омилҳо, монеаҳои ба рушди онҳо таъсиррасонанда муайян карда шуданд, ки қисми онҳо характери объективӣ дошта, қисми дигарашон характерҳои субъективӣ доранд.

Омӯзиш нишон дод, ки сабабҳо, омилҳо ва монеаҳои рушди сусти МОИ инҳо мебошанд:

**Камбудиҳо дар инфрасохтор:**

- норасоии роҳҳои хушсифат, шабакаҳои энергетикӣ ва коммуникатсионӣ метавонад сармоягузоронро аз фаъолият дар МОИ-ҳо дилсард намояд;

- инфрасохтори суст хароҷоти истеҳсолӣ ва интиқолро зиёд мекунад, ки ин рақобатпазирии МОИ-ро коҳиш медиҳад.

**Камбудиҳо дар захираҳои молиявӣ:**

- камии маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ барои рушди инфрасохтор ва дастгирии соҳибкорон метавонад рушди МОИ-ро суст намояд;

- бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ на ҳама вақт барои маблағгузории лоиҳаҳои дар МОИ-ҳо амалишаванда имтиёзҳо медиҳанд.

**Маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва бюрократӣ:**

- раванди тӯлонии бақайдгирии ширкатҳо ва гирифтани иҷозатномаҳо метавонад сармоягузоронро аз фаъолият дар МОИ-ҳо дилсард кунад;

- қонунгузории номукаммал ва тағйирёбанда метавонад номуайяниро барои сармоягузорон эҷод кунад.

**Камбуди кадрҳои баландихтисос:**

- норасоии кадрҳои ботаҷриба ва баландихтисос, махсусан дар соҳаҳои техникӣ ва идоракунӣ, метавонад фаъолияти ширкатҳоро дар МОИ-ҳо маҳдуд кунад;

- сатҳи пасти таҳсилоти касбӣ ва набудани барномаҳои омӯзишии мувофиқ метавонад ин мушкилотро шадидтар кунад.

**Мавҷудияти хавфҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ:**

- сатҳи баланди коррупсия ва набудани кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият метавонад сармоягузорони хориҷиро дур созад;

- тағйирёбии қурби асъор ва маҳдудиятҳои тиҷоратӣ метавонад барои ширкатҳои дар МОИ-ҳо фаъолияткунанда мушкилот эҷод кунад.

**Камбуди тарғибот ва маркетинг:**

- нокифоя будани чорабиниҳои таблиғотӣ ва маркетингӣ барои ҷалби сармоягузорон ба МОИ-ҳои вилояти Хатлон;

- набудани маълумоти дастрас ва муфассал дар бораи имкониятҳо ва бартариҳои сармоягузорӣ дар МОИ-ҳо.

**Рақобат бо дигар минтақаҳои озод:**

- рақобати шадид аз тарафи дигар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ки шартҳои ҷолибтар пешниҳод мекунанд;

- мавҷудияти алтернативаҳои беҳтар барои сармоягузорон дар дигар минтақаҳо метавонад ҷараёни сармояро ба МОИ-ҳои вилояти Хатлон коҳиш диҳад.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъият, ҳукумати маҳаллӣ ва марказӣ бояд чораҳои мушаххаси зеринро барои ҳалли ин мушкилот андешанд:

- беҳтар намудани қонунгузорӣ ва кам кардани бюрократия.
- таъмини кадрҳои баландихтисос.
- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
- гузаронидани маъракаҳои тарғиботӣ ва маркетингӣ.

Ҳалли мушкилоти номбаршуда метавонад, ки дар вилояти Хатлон сармоягузориҳои рушди минтақаҳои озоди иқтисодиро таъмин намуда, устувории потенсиали иқтисодиву иҷтимоии худро баланд бардорад.

## 3.2. Мушкилоти асосӣ ва усулҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар вилоят

Маълум карда шуд, ки бисёр ноҳияҳои минтақа дар солҳои таҳлилии гузаронидашуда натавонистанд, ки сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб намоянд.

Пеш аз ҳама, бояд инфрасохтори нокифоя рушдёфтаро дар қисми зиёди қаламрави вилоят қайд намудан лозим аст. Ҳолати бади роҳҳо, махсусан дар

деҳот, интиқоли молҳо ва хизматҳоро мушкил мекунад. Ноустувории барқ ва норасоии неруи барқ, афзоиши доимии нархи он барои равандҳо ва истеҳсоли муттасил хатар эҷод мекунад. Маҳдудият дар хизматрасониҳои баландсифати телекоммуникатсионӣ ва интернет самаранокии алоқаҳои бурунмарзии ноҳияҳои вилоят ва рушди соҳибкориро коҳиш медиҳад.

Дигар муаммо масофаи ҷуғрофии қисми ноҳияҳои минтақа аз бозорҳои асосӣ ва марказҳои логистикӣ дур буда мебошад, хароҷоти нақлиётро зиёд мекунад. Дар бозори дохилии минтақа қобилияти пасти харидории аҳолӣ мушоҳида мешавад, ки талаботро ба молҳо ва хизматрасониҳо маҳдуд мекунад.

Монеаҳои маъмурӣ, яъне расмиёти аз ҳад зиёди маъмурӣ, ки вақт ва захираҳои зиёдро талаб мекунанд, пешбурди соҳибкориро душвор мегардонанд. Пешгӯинашаванда будан ва тағйироти зуд-зуд дар қонунгузорӣ, махсусан дар системаи андозбандӣ ва қоидаҳои зиёд ба сармоягузорон монеаҳо ба вуҷуд меоранд.

Мушкилоти молиявӣ, аз ҷумла баланд будани фоизҳои қарзҳои бонкӣ ва умуман дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ, ҷолибияти минтақаро барои сармоягузориҳои хориҷӣ коҳиш медиҳад. Фоизи баланди қарзҳо маблағгузориро гарон мекунад ва ҷолибияти сармоягузориро паст менамоянд. Тағйирёбии қурби асъори миллӣ (сомонӣ) нисбат ба доллари ИМА барои сармоягузорон, хусусан барои онҳое, ки бо асъори миллӣ даромад ба даст меоранд ва хароҷот бо асъори хориҷӣ сурат мегирад, хавфҳо ба вуҷуд меорад. Маҳдудияти кафолатҳои давлатӣ ва барномаҳои дастгирӣ барои сармоягузорон ҷолибияти минтақаро коҳиш медиҳад.

Нарасидани мутахассисони донишҳои муосир ва малакаҳои амалидошта, татбиқи технологияҳои нав ва идоракунии самараноки воридшавии сармоягузориҳоро душвор мегардонад. Суст донистан ва надонистани забонҳои хориҷӣ аз тарафи аҳолии маҳаллӣ муошират бо сармоягузорони хориҷиро душвор мегардонад. Сатҳи баланди муҳоҷирати

меҳнатӣ метавонад боиси хуруҷи мутахассисони баландихтисос ва коҳиши қувваи корӣ гардад.

Дастрасии ками маълумотҳои саҳеҳ дар бораи минтақа дар шабакаҳои интернетӣ, набудани маълумоти кофӣ дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ, бозорҳои эҳтимолӣ ва муҳити тиҷорати минтақа бо ҷолибияти он таъсири манфӣ мерасонад.

Мушкилии гирифтани иҷозатнома, раванди тӯлонӣ ва ношаффофи гирифтани иҷозатномаҳо, литсензияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро мушкил ва суст менамояд.

Хатарҳои геополитикӣ низ мавҷуданд. Наздикӣ ба минтақаҳои ноустувори геополитикӣ метавонад барои сармоягузорӣ хатар эҷод кунад ва ҷолибияти онҳоро коҳиш диҳад ва ғ.

Мушкилоти асосии мавҷударо дар ҷалб ва воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ чунин пешниҳод намудан мумкин аст (ҷадвали 3.5.).

**Ҷадвали 3.5. -Мушкилоте, ки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа монеа мешаванд**

| Мушкилот | Тавсиф |
|---|---|
| Ноустувории иқтисодӣ | Таварруми баланд, номуайянии қурби асъор ва дигар мушкилоти иқтисодӣ барои сармоягузорони хориҷӣ хавф ба миён меоранд. |
| Сатҳи коррупсия | Сатҳи баланди коррупсия ва дигар роҳҳои ғайриқонунии аз худ кардани маблағҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ монеаҳо эҷод мекунад. |
| Инфрасохтори суст ташаккулёфта | Мавҷуд набудани инфрасохтори муосир барои рушди муносибатҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ мусоидаткунанда намебошад. |
| Мушкилоти бюрократӣ | Равандҳои мураккаби бақайдгирии тиҷорату дигар амалиёти иқтисодӣ ва инчунин ба даст овардани иҷозатнома ба манфиати сармоягузорон равона нест. |
| Таваккали ҳуқуқӣ | Номукаммалии қонунгузорӣ, ҳифз накардани ҳуқуқи сармоягузорон ва низоми номукаммали ҳамкориҳои судманд барои таҳкими рушди соҳа халал мерасонад. |
| Монеаҳои тиҷоратӣ | Монеаҳои тиҷоратӣ ва дигар маҳдудиятҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҷолиб намебошад. |
| Андози гарон | Низоми андози номукаммал ва боҷи гарон ба коҳиши сатҳи ҷолибияти ҷалби сармоягузории хориҷӣ |

*идомаи ҷадвали 3.5.*

| | |
|---|---|
| Мушкилоти экологӣ | Нигоҳ надоштани муҳити зист ва таъсир расонидан ба иқлим сатҳи ҷолибияти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ таъсири манфӣ дорад. |
| Мушкилоти иҷтимоӣ | Маблағгузории сусти соҳаҳои иҷтимоӣ ва диққати нокифоя ба масъалаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ номувофиқ мебошад. |
| Омилҳои геосиёсӣ | Суст ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо кишварҳои дуру наздик ва дигар иштирокчиёни байналхалқӣ барои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ мусоидат намекунад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ

Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда чораҳои зарурӣ бояд андешида шаванд. Тавре ки таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли гузариш нишон додааст, сармоягузории хориҷӣ метавонад ба рушди иқтисодии кишварҳои қабулкунанда таъсири назаррас ва судманд расонад. Вазифаи асосии онҳо аз таҳияи ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои рушди онҳо, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо корпоратсияҳои байналмилалӣ мебошад [130].

Унсурҳои асосии инфрасохтори индустриалӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти сармоягузорӣ инҳоянд:

1) таъсиси минтақаи махсуси иқтисодӣ, яъне ҳудудҳои маҳдуди кишвар бо сарҳадҳои аниқ, ки дар он барои амалӣ намудани фаъолияти афзалиятнок шароити мусоид фароҳам меоваранд;

2) ташкили минтақаи саноатӣ – заминҳое, ки барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ, ки бо коммуникатсия дода шудаанд, аз ҷониби давлат ба субъектҳои хоҷагидории хусусӣ барои ҷойгир кардан ва ба истифода додани объектҳои саноатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд;

3) таъсиси паркҳои технологӣ – шахсони ҳуқуқӣ ё консорсиумҳо, ки маҷмааи ягонаи моддию техникӣ дошта, самтҳои асосии фаъолияти онҳо барои пешниҳоди корҳо ва хизматрасониҳои барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ равона карда шудаанд [126].

Ҳалли масъалаҳои номбурда, ки дар минтақаи Хатлон ҳалли худро наёфтаанд, ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз нуқтаи назари ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди босуботи фаъолияти хоҷагидории кишвар басо муҳим арзёбӣ мегардад. Онҳо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақа, ки бинобар сабаби пурра аз худ нашудани сарватҳои табиӣ ва истифодаи самараноки онҳо аҳаммияти муҳим дорад, мусоидат менамояд. Инчунин, ба ҳадафҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии кишвар паст намудани сатҳи камбизоатӣ, таъмини рақобатпазирии иқтисодӣ, истифодаи васеи имкониятҳои мавҷудбуда ва рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда дохил мешаванд.

Татбиқи чунин ҳадафҳо дар заминаи рушди босуботи иқтисодӣ, ҷорӣ намудани технологияи илмталаби муосир дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ имконпазир мегардад. Аз ин лиҳоз, барои бартараф намудани омилҳое, ки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ мушкилот эҷод мекунанд, ҳукумату кишвар чораҳои саривақтӣ ва зарурӣ андешида шаванд. Бартараф намудани чунин мушкилот аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати сармоягузории минтақа вобастагии калон дорад.

В. В. Ходус қайд мекунад, ки сиёсати сармоягузории минтақавӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати минтақавӣ буда, пеш аз ҳама, аз ҷониби мақомоти федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ идора карда мешавад. Идоракунии мазкур, пеш аз ҳама, ба сафарбар ва истифодаи самараноки иқтидори сармоягузории минтақа, фаъол ва ҳавасмандгардонии равандҳои сармоягузорӣ дар минтақа аз нуқтаи назари ноил шудан ба ҳадафҳои кишвар ва стратегии рушди минтақа нигаронида шудааст [132].

Дар вилояти Хатлон сиёсати сармоягузорӣ барои таъмини сарчашмаҳои молиявӣ, рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии кишвар сафарбар шудааст. Инчунин таҳияи сиёсати дурусти сармоягузории вилоят барои оянда дар асоси ҳадафҳои рушди кишвар ва минтақа сурат мегирад. Дар минтақа, чун дар дигар вилоятҳо таъсиси

иқтисодиёти аз ҷиҳати сохторӣ ва технологӣ пешрафта ҳадафи стратегии хеш гузошта шудааст.

Ба мушкилоте, ки дар минтақа эҳтимолияти эҷоди хавфҳоро ба вуҷуд меоранд, мунтазам дар зери идоракунии самараноки сиёсати минтақавӣ қарор доранд.

Мавҷудияти инфрасохтори номукаммал, сатҳи коррупсия, номукаммалии базаи ҳуқуқӣ, хавфҳои муосири иқтисодиву молиявӣ, номукаммалии хизматрасонии бонкиву суғуртавӣ, проблемаҳои экологӣ, бори гарони андозу гумрук ва инчунин қафо мондан аз тамаддуни муосир дар самти рушди сармоягузории инсонӣ аз қабили мушкилоти маъмул дар минтақа ба шумор меравананд.

Ноустувории иқтисодиёти минтақа, пеш аз ҳама, дар самтҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории кишвар ифода мегардад. Масалан, агар иқтисодиёти минтақа аз як соҳаи иқтисодиёт сахт вобастагӣ дошта бошад, дар ҳолати тағйироти ин соҳа иқтисодиёти минтақа ба мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Мавҷуд набудани гуногунсамтии фаъолияти иқтисодӣ дар ҳолати хатарҳои муосир иқтисодиётро ба таназзул мебарад. Аз ин лиҳоз, барои минтақаи Хатлон ва умуман, барои иқтисодиёти кишвар таъмини гуногунсамтии фаъолияти хоҷагидорӣ ба миён меояд.

Аз ин лиҳоз, барои бартараф кардани ноустувории иқтисодӣ чораҳои мушаххаси таъмини гуногунсамтии фаъолияти хоҷагидорӣ, таъмини устуворнокии ниҳодҳо, дастгирии соҳибкорӣ ва таҳкими равандҳои сармоягузорӣ зарур меояд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоти дигар барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ мавҷудияти коррупсия ба ҳисоб меравад. Коррупсия на фақат ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ таъсир мерасонад, балки барои таъмини рушди иқтисодӣ монеаҳо эҷод мекунад. Инчунин, коррупсия барои сармоягузорони хориҷӣ хавфҳоро эҷод мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коррупсия рақобати озодро халалдор намуда, самаранокии бозори дохилӣ ва тақсимоти захираҳоро ноадолатона амалӣ менамояд.

Дар шароити мавҷудияти чунин ҳолатҳо инчунин сатҳи хизматрасонии давлатӣ паст мегардад ва ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ на дар асоси касбияти баланди кормандон, балки барои фоидаи шахсони алоҳида сурат мегирад. Ҳамаи ин ҳолатҳо барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар минтақа метавонад омили ғайриманфӣ арзёбӣ гардад. Аз ин лиҳоз, барои бартараф кардани чунин ҳолатҳо ҷоннок намудани мубориза бар зидди коррупсия, таъмини устуворнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва устуворнокии идоракунии маҳалӣ ва инчунин, таъмини рақобатпазирии бозори дохилӣ зарур меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар рушди равандҳои сармоягузории минтақа инфрасохтори суст ташаккулёфта низ метавонад монеаҳоро эҷод кунад. Инфрасохтори муосир дар ташаккули  равандҳои сармоягузорӣ ва таъсиси иқлими мусоиди иқтисодӣ нақши калон дорад ва шарти муҳимми рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Инфрасохтори нақлиётии сусттараққикарда, хароҷоти калони нақлиётӣ, низоми сусти энергетикии минтақа, мавҷуд набудани коммуникатсияи ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ, хизматрасонии сусти иҷтимоӣ, базаи номукаммали сохтмонӣ  ва монанди инҳо барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа мушкилотро эҷод мекунанд. Бинобар ин, беҳтарсозии инфрасохтори минтақа барои ҳокимияти минтақавӣ самти муҳимми фаъолияти хеш ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти бюрократӣ ва номукаммалии қонунгузорӣ, ҳифз накардани ҳуқуқи сармоягузорон ва низоми номукаммали ҳамкориҳои судманд барои таҳкими рушди соҳа халал мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки монеаҳои тиҷоратӣ дар баробари дигар омилҳо метавонанд барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа мушкилоти зиёд эҷод кунанд. Равандҳои сармоягузорӣ дар ҳолати мавҷудияти монеаҳои тиҷоратӣ дар минтақа ба хатарҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Сатҳи баланди боҷи гумрукӣ ва маҳдудияти амалиёти асъорӣ

фаъолияти сармоягузориро мураккаб намуда, барои воридоти он мусоидаткунанда намебошанд.

Дар баробари дигар омилҳо бори гарони андоз метавонад ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ таъсири калон расонад. Меъёри баланди андозбандӣ хароҷоти умумии тиҷоратро зиёд карда, ба таҳкими муносибатҳои судманди иқтисодиву сармоягузорӣ монеаҳои зиёдро эҷод мекунад. Дар баробари ин, сатҳи баланди андозбандӣ рақобатпазирии минтақаро нисбати дигар минтақаҳо коҳиш медиҳад.

Чун анъана, сармоягузорон барои гирифтани фоида ва зиёд намудани сармоягузории хеш кӯшиш менамоянд. Сатҳи баланди андозбандӣ бошад, фоидаи умумии онҳоро паст карда, сармоягузоронро ба тарси аз даст додани фоидаи соф дучор мекунад. Аз ин лиҳоз, сармоягузор дар он минтақае, ки ситонидани андози баландро интихоб кардаанд, дурӣ меҷӯяд, зеро уҳдадории баланди андозӣ метавонад даромади интизории сармоягузориро коҳиш диҳад.

Бинобар ин, зарур аст, ки сиёсати андозбандӣ бо мақсади таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ тавассути андешидани тадбирҳои амиқ такомул дода шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ омилҳои зиёд таъсир расонида метавонанд. Яке аз чунин омилҳо дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти сабз мушкилоти экологӣ ба шумор мераванд. Агар дар минтақа меъёрҳои пешгирии ифлосшавии муҳити зист риоя нагардад ва дар минтақа бо масъалаҳои экологӣ мушкилот вуҷуд дошта бошад, чунин ҳолат сармоягузоронро ҳушдор менамояд. Инчунин, мушкилоти экологӣ метавонад боиси аз даст додани нуфузи минтақа, мушкилоти ҳуқуқӣ ва хатарҳои молиявӣ гардад.

Минтақаҳое, ки дар онҳо мушкилоти экологӣ ҳал намешаванд, зуд ба офатҳои экологӣ дучор мегарданд, ки ин боиси нигаронии сармоягузорон дар бораи бехатарии онҳо мегардад. Бинобар ин, сармоягузорони муосир бештар ба масъулияти иҷтимоӣ ва экологӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Ҳамин тариқ, барои ҳокимияти маҳаллӣ зарурати коҳиш додани хатарҳои экологӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир ва риояи стандартҳои экологӣ ба миён меояд. Маҳз дар амалисозии тадбирҳои зикргардида мо метавонем дар минтақаи Хатлон иқлими мусоиди сармоягузориро таъсис диҳем.

Дар баробари дигар мушкилот, омилҳои иҷтимоӣ низ ба таҳкими равандҳои сармоягузорӣ метавонанд таъсири манфӣ расонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минтақаҳои дорои мутахассисони баландихтисос ва сатҳи баланди касбият барои сармоягузорони хориҷӣ хеле ҳам ҷолиб арзёбӣ мегардад. Минтақаҳо бо сатҳи баланди устуворнокии иҷтимоӣ барои сармоягузорон аз нуқтаи назари пешгирии хавфҳои муосир низ ҷолиб мебошад.

Инчунин, мавҷудияти хизматрасонии иҷтимоӣ аз қабили тиббӣ ва таъмини иҷтимоӣ, ки ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва қобилияти кории шаҳрвандон таъсир мерасонад, барои ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ басо муҳим баҳогузорӣ мешавад. Сатҳи баланди маданият, дастрасӣ ба имкониятҳои иҷтимоӣ ва монанди инҳо барои тиҷорат ва таҳкими равандҳои сармоягузорӣ аҳаммияти калон дорад.

Барои таъмини тадбирҳои зикргардида, барои минтақаҳои кишвар, зарур меояд, ки дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ корҳоро боз ҳам пурзур намуда, барои ҳамкориҳои судманди сармоягузорӣ имрӯзу фардо заминаи устувор гузоранд.

Дар бартараф намудани мушкилоти сармоягузорӣ нақши давлат басо калон мебошад. Маҳз давлат дар шакли дастгирии молиявию инфрасохторӣ ва сиёсати дурусти сармоягузорӣ иқлими мусоиди сармоягузориро бунёд мекунад. Вилояти Хатлон иқтидори калони табииро доро буда, барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дар заминаи он татбиқи ҳадафҳо шароити муосид дорад.

Бояд қайд кард, ки ба воситаи дастгирии давлатӣ масъалаи мазкур имконпазир мегардад. Бинобар ин, дар шароити рушди муносибатҳои

бозорӣ давлат тамоми кӯшишҳоро барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба харҷ медиҳад. Маҳз ба ин хотир, таҳияи барномаҳои дарозмуҳлату миёнамуҳлати рушди минтақа аз тарафи давлат қабул мегардад.

Аз тарафи дигар, дар шароити номуайянии рушд ва маҳдуд будани воситаҳои пулӣ ва иштироки давлат дар равандҳои сармоягузорӣ масъалаҳои ёфтани маблағҳо аз дигар сарчашмаҳо ба миён меояд. Яке аз шаклҳои маъмул дар шароити рушди бозор таҳкими ҳамкориҳо ва бахши хусусӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти ҷалби сармоя низ яке аз роҳҳои барқарорсозии фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор меравад.

Як қатор хислатҳои хоси шарикӣ мавҷуданд, ки истифодаи онҳо дар ҳалли проблемаҳои ҳозиразамон барои таъмини рушди фаъолият мусоидат мекунанд, аз инҳо иборат мебошанд:

- самти иҷтимоию иқтисодии шарикӣ;

- қонеъ гардонидани манфиатҳои ҳам давлат ва ҳам соҳибкорӣ ҳамчун ду субъекти асосии хоҷагӣ;

- ба даст овардани мувозинати манфиатҳо дар шарикӣ тавассути гузоштани саҳми муайяни ҳар як тараф дар лоиҳаҳои муштарак;

- азнавтақсимкунии ваколатҳои соҳибмулк;

- иштироки сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ дар занҷири ҳамкорӣ барои эҷоди арзиши иловашуда [86].

Ба воситаи механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ хизматрасонии давлатӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии минтақа ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ боз ҳам самараи хубтарро медиҳад. Инчунин, бахши хусусиро ҷалб намуда дар заминаи он истифодаи сармоягузории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии кишвар осонтар мегардад.

Татбиқи сиёсати дурусти сармоягузории минтақа, баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ, пешгирии хавфҳои муосир дар самти ҷалби

сармоягузории хориҷиву ватанӣ, истифодаи васеи имкониятҳои содиротӣ мусоидат мекунад. Татбиқ ва рушди ҳамоҳанги онҳо на фақат барои вилояти Хатлон, балки барои тамоми минтақаҳо ва умуман, барои кишвар заминаи устувор хоҳад гузошт [127].

Барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда таҳияи стратегияи сармоягузории минтақа тақозои замон мебошад. Таҳияи чунин стратегия пайвастагии шаклу усулҳои собитшудаи идоракунии сармоягузорӣ ва илова намудани онҳо бо механизмҳои нави дастгирии давлатии сармоягузоронро дар назар дорад, ки аз инҳо иборат мебошад:

– ба сармоягузорон додани шароити имтиёзнок барои истифодаи замин ва дигар сарватҳои табиӣ;

- бо шартҳои имтиёзнок ба сармоягузорон ба иҷора додани бино ва дигар молумулки ба вилоят тааллуқдошта;

– таъмини сармоягузорон аз хисоби бучети вилоят;

- таҷдиди сохтори қарз аз рӯйи пардохтҳо ба буҷети вилоятӣ;

-маблағгузориҳо аз буҷети вилоят барои сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисӣ;

- фароҳам овардани низоми махсуси фаъолияти сармоягузорӣ.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон барои рушди соҳаи мазкур, ба ақидаи мо, иҷрои талаботи дар расм овардашуда зарур меояд. Ичрои чунин тадбирҳо барои рушди фаъолияти минтақа ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ хоҳад гузошт.

Мавҷудияти базаи мукаммали қонунгузорӣ ва барномаҳои иқтисодӣ ва суръат бахшидан ба равандҳои рақамикунонии иқтисодӣ

Рушди инфрасохтори муосир ва ҷорӣ намудани технологияи муосир дар фаъолияти иктисодиёти минтака

Бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ ва дигар ҳуқуқвайронкунӣ дар самти мунасибатхои молиявӣ

Таъсиси фазои мусоиди иқтисодӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва таъсиси низоми самараноки идоракунии маҳаллӣ

Рушди сармояи инсонӣ, рушди инфрасохтори таълимӣ, маблағгузории илму маориф ва корҳои илмии тадқиқотӣ

Мукаммалсозии низоми андозбандӣ, ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз, таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ бо шарикони рушд

Дастгирии соҳибкории хурду миёна ва корхонаҳои маҳаллии минтақа ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ

Таҳияи стратегияи самаранок барои ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ ва тақвияти имкониятҳои содиротии минтақа

Таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо иштирокчиёни бозори дохилӣ ва субъектҳои байналмилалӣ

**Расми 3.1. - Тадбирҳои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ

Тавре ки дар расм нишон дода шудааст, барои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа маҷмуи тадбирҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ зарур аст. Татбиқи ин тадбирҳо, бешубҳа, ҷалби тамоми захираҳои молиявӣ ва иҷрои корҳои назаррасро талаб мекунад.

Барои таҳияи базаи устувори ҳуқуқӣ дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ пеш аз ҳама, барномаи рушди соҳа, таҳияи стратегияи сармоягузорӣ барои солҳои минбаъда, содагардонии тартибот ва бюрократия, ҳимояи

ҳуқуқу моликияти сармоягузорон, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва монанди инҳо зарур меояд.

Бунёди инфрасохтори муосир дар минтақа раванди мураккаб ба шумор рафта, ҷанбаҳои гуногунро аз қабили нақлиёт, алоқа, энергетика ва инчунин, маориф ва тандурустиро дар бар мегирад.

Рушди инфрасохтори муосир аз мавҷудияти рушди ин соҳаҳо вобастагии калон дошта бошад ҳам, аз тарафи дигар, барои истифодаи самаранокии онҳо шарти муҳим арзёбӣ мегардад. Банақшагирии стратегӣ, дастгирии давлатӣ, ҷалби технологияи инноватсионӣ, рушди инфрасохтори нақлиётиву энергетикӣ, рушди соҳибкорӣ ва инчунин, рушди илму маориф ва тандурустӣ дар минтақа, дар маҷмуъ, мавҷудияти инфрасохтори муосирро исбот мекунанд.

Татбиқи тадбирҳо ва ташаккул додани соҳаҳои номбаршуда барои таъмини рушди босуботи минтақа самтҳои асосӣ ба шумор меравнд. Бинобар ин, амалисозии онҳо барои ҳар як кишвари дунё барои фаъолияти хоҷагидории муосир шарти муҳим маҳсуб меёбад.

Аз нуқтаи назари тадқиқот, бояд қайд кард, ки омили муҳимтарин барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақаи Хатлон таъсиси фазои мусоиди иқтисодӣ ба шумор меравад. Таъсиси чунин иқлим дар минтақа аз сиёсати дурусти иқтисодӣ вобастагии калон дорад.

Беҳтарсозии инфрасохтори нақлиётӣ, гузаронидани чорабиниҳои сармоягузорӣ, дастгирии низоми бонкӣ, таъмини шаффофияти идоракунии давлатӣ, ба роҳ мондани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, дастгирии давлатии соҳаи маориф ва тандурустӣ ва инчунин, ташаккули иқтисодиёти сабз дар минтақа воситаҳои муҳимми таъсиси фазои мусоиди иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди илму техника бе рушди сармояи инсонӣ татбиқи ҳадафҳои стратегӣ имконнопазир мебошад. Рушди сармояи инсонӣ на фақат дар минтақа, балки дар кишвар ҷанбаи асосии таъмини устуворнокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Рушди инфрасохтори маориф, бунёди муассисаҳои таълимии муосир, ҷорӣ намудани методикаи нави таълим, таҷдиди барномаҳои таълимӣ, таъсиси марказҳои илмӣ ва маблағгузории онҳо, татбиқи технологияи рақамӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои муосир, таъсиси марказҳои фарҳангӣ ва иштирок дар барномаҳои таълимиву фарҳангии байналмилалӣ барои рушди сармояи инсонӣ пояи устувор мегузорад. Бинобар ин, барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон рушди сармояи инсонӣ омили калидӣ маҳсуб меёбад.

Инчунин, мавҷудияти низоми мукаммали андозбандӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорон аҳамияти муҳим дорад. Паст намудани меъёри андозбандӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ сармоягузоронро ҷалб менамояд.

Ҷорӣ намудани имтиёзҳо барои сармоягузорон, содагардонии расмиёти андозбандӣ барои таҳкими муносибатҳои судманди иқтисодиву тиҷоратӣ ва инчунин сармоягузорӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тариқ, ҳавасмандгардонии андозӣ механизми муҳимми ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар шароити муосир ба шумор меравад.

Фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ ҳам кафолатҳои давлатӣ ва ҳам дастгирии молиявиро талаб мекунад. Инчунин рушди ташаббусҳои таълимӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, эҷоди платформаҳои шабакавӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ муҳим аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар минтақа, инчунин, таҳияи стратегияи самаранок аҳамияти басо калон дорад. Таҳияи стратегияи дуруст на фақат рушди равандҳои сармоягузорӣ, балки истифодаи оқилонаи бойгарии минтақа ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёт дар бозори дохилӣ ва берунӣ ба ҳисоб меравад.

Барои таҳкими муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба ба мақомоти маҳаллӣ зарур меояд, ки ҷустуҷӯи шартномаҳои тиҷоратӣ бо шарикони рушди иқтисодӣ, барномаҳои сармоягузорӣ, мубодилаи афкор дар самти аз худ кардани технологияи муосир, омода намудани кадрҳои баландихтисос бо

ҷалби мутахассисони кишварҳои шарик, таъсиси шабакаи байналмилалии тиҷоратӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва алоқа, иштирок дар таҳияи барномаҳои инноватсионӣ ва ҳамкорӣ дар самти илму тадқиқот самаранок ба роҳ монад.

Ҳамин тариқ, дар раванди таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон мушкилиҳои зиёд мавҷуд мебошанд. Бояд қайд кард, ки минтақа дар баробари мавҷудияти мушкилот имкониятҳои зиёдро низ доро мебошад, ки истифодаи оқилона ва татбиқи ҳамоҳанги онҳо дар қаламрави вилоят фазои мусоиди иқтисодиро фароҳам хоҳад овард.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар заминаи азхудкунии нопурра ва истифодаи бесамари захираҳои мавҷудаи табиӣ диққати ҷиддиро тақозо мекунад. Мушкилоти минтақа аз қабили мавҷудияти инфрасохтори номукаммал, сатҳи коррупсия, номукаммалии базаи ҳуқуқӣ, хавфҳои муосири иқтисодиву молиявӣ, номукаммалии хизматрасонии бонкиву суғуртавӣ, проблемаҳои экологӣ, бори гарони андозу гумрук ва инчунин, қафо мондан аз тамаддуни муосир дар самти рушди сармояи инсонӣ аз қабили мушкилоти маъмул, на фақат барои минтақаи Хатлон, балки барои дигар минтақаҳои кишвар низ хос мебошанд.

Дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта мусоидат намуда, рушди босуботи иқтисодии минтақаро таъмин менамояд. Бинобар ин, беҳтарсозии инфрасохтори минтақа барои ҳокимияти минтақавӣ самти муҳимми фаъолияти хеш ба ҳисоб меравад.

Сиёсати андозбандӣ бо мақсади таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ тавассути андешидани тадбирҳо барои беҳтар кардани фазои иқтисодӣ дар минтақа муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин барои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти иқтисодӣ шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ нақши муҳим дорад.

Механизми шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДБХ) имкон медиҳад, ки доираи хизматрасониҳои давлатӣ васеъ карда шавад, муносибатҳои бозорӣ ҳавасманд карда шаванд, рақобатпазирии минтақа тақвият дода шавад ва

сармоягузории хориҷӣ ҷалб карда шавад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи ин вазифаҳои стратегӣ бе таҳияи стратегияи дақиқи дарозмуддат, ҷудо кардани самтҳои асосии дигаргуниҳои иқтисодӣ, таъмини дастгирии молиявии давлатӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ба фаъолияти минтақавӣ иҷро карда намешаванд..

### 3.3. Роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, такмили равандҳои сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти минтақавӣ аз ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодии он муҳим аст. Афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши калидӣ дорад. Ин метавонад манфиатҳои зиёдеро, аз ҷумла рушди иқтисодӣ, навовариҳои технологӣ, рушди инфрасохтор, афзоиши шуғл, рушди бахши молиявӣ ва диверсификатсияи захираҳоро ба бор орад. Илова бар ин, сармоягузорӣ ба таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ бо шарикони байналмилалӣ ва ташаккули симои мусбати кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Онҳо инчунин рақобатро ҳавасманд мекунанд, ки боиси баланд шудани сифати маҳсулот ва хизматҳо дар бозори дохилӣ мегардад. Дар дарозмуддат, ин барои рушди устувор ва мутавозини иқтисодӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

Сармоягузории хориҷӣ рушди иқтисодиро ҳавасманд мекунад, зеро он барои ширкатҳо ва лоиҳаҳо захираҳои иловагии молиявиро фароҳам меорад. Инчунин, механизми муҳимми баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мегардад. Сармоягузории хориҷӣ  ҷорӣ шудани технологияҳои навро мусодат намуда, ба ин васила равандҳои истеҳсолиро мукаммалтар ва самаранокии онҳоро баланд мебардорад.

Қайд кардан зарур аст, ки барои рушди инфрасохтор, аз қабили роҳҳо, бандарҳо, энергетика ва ғайра сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин, ба шарти муҳимми тараққиёт баромад мекунанд. Воридоти сармоягузории хориҷӣ

аксар вақт бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамроҳ мешавад ва ба коҳиши сатҳи бекорӣ ва беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Сармоягузории хориҷӣ метавонад сарчашмаҳои маблағгузориро диверсификатсия намуда, вобастагӣ аз манбаъҳои дохилии сармояро коҳиш диҳад. Дар баробари ин гуфтаҳо бояд қайд намуд, ки фароҳамоварии фазои мусоиди сармоягузорӣ як қатор тадбирҳо, аз қабили фазои устувори сиёсӣ, сохторҳои муассири ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва шаффофият дар идоракунии давлатро тақозо мекунад.

Дар кишвар барои тақвияти равандҳои сармоягузории хориҷӣ тадбирҳои зиёд андешида шудаанд, инчунин, дар барномаҳои иқтисодии кишвар барои мустаҳкам намудани мавқеи онҳо аҳаммияти махсус дода мешавад.

Барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон самтҳои афзалиятноки зерин тавсия карда мешаванд:

- истеҳсол ва коркарди нахи пахта бо сикли пурраи истеҳсол, коркарди пашм, пилла, истеҳсоли маҳсулоти тайёри бофандагӣ, дӯзандагӣ ва трикотажӣ;
- сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд ва калон;
- рушди саноати коркарди маъдан ва кимиё;
- коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва сохтмони гармхонаҳо;
- инфрасохтор ва хизматрасонии сайёҳӣ.

Дар стратегияи сармоягузории минтақа ҳадафҳои асосии ташаккули он бояд инҳо бошанд:

- кафолати фароҳам овардани шароит барои ташкили воҳидҳои иқтисодии рақобатпазир;
- бештар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти сармоягузории минтақа;
- муайян намудани таъсири ҷолибияти сармоягузорӣ ба ҷараёни сармоягузории дарозмуддат ва рушди иқтисодиёти минтақа;

- таҳияи тадбирҳо оид ба идоракунии танзими ҷолибияти сармоягузории минтақа ҳамчун кафили гардиши дурусти захираҳои сармоягузорӣ;

- шарҳи омилҳое, ки ба ҷолибияти сармоягузории минтақа таъсир мерасонанд;

- мониторинги ҷолибияти сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузории минтақа [127].

Такмилдиҳии қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, татбиқи сиёсати нави мусоидат ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии индустриалию инноватсионии рушди иқтисодиёт, таҳияи механизми оммавии пешниҳоди лоиҳаҳо ба сармоягузорон

Такмилдиҳии механизмҳои мақсаднок ва ҷалби кумакҳои беруна ба афзалиятҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар асоси васеъ ва беҳтар намудани истифодаи низоми идоракунии иттилоотии кумаки беруна, таҳия намудани Барномаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ташаккулёбии амиқи вазифаҳо ва бахшҳои афзалиятноки рушди онро пешбинӣ мекунад

Таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо оид ба рушди сармоягузориҳо ва содирот, таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо оид ба рушди сармоягузориҳо ва содирот, тарҳрезӣ кардани шаклҳои созишномаҳои сармоягузорӣ ва муқаррар намудани тартиби шаффофи бастани онҳо

Ҷорӣ кардани татбиқи пайиҳами сиёсати кам кардани сарбории маъмурии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули низоми дастгирии маъмурии лоиҳаҳои миёна ва калони сармоягузории бахши хусусӣ аз рӯйи принсипи “Равзанаи ягона”, таҳия намудани Барномаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ташаккулёбии амиқи вазифаҳо ва бахшҳои афзалиятноки рушди онро пешбинӣ мекунад

Ташаккулдиҳӣ ва инкишоф додани бозори мукаммали коғазҳои қиматнок, такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳибкории экологӣ ва афзоиши ҷолибияти сармоягузориҳои экологӣ, такмилдиҳӣ ва пурзӯр намудани ниҳоди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ

**Расми 3.2. Самтҳои асосии фаъолияти кишвар дар соҳаи рушди фазои сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [8, с.90-94]

Таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар маҷмуи тадбирҳоро талаб мекунад. Дар байни ин тадбирҳо ташаккул ва рушди бозори пурраи

коғазҳои қиматнок, инчунин такмил ва таҳкими низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳо – ҳам ҷумҳуриявӣ ва ҳам минтақавӣ мебошанд. Кам кардани сарбории маъмурӣ ба соҳибкорӣ ва ташкили системаи муассири дастгирии маъмурӣ барои лоиҳаҳои хурд, миёна ва калони сармоягузории бахши хусусӣ низ муҳим аст. Ғайр аз он, таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои рушди сармоягузорӣ ва содирот, инчунин такмил додани механизмҳои ҷалби мақсадноки кумаки беруна зарур аст. Беҳтар кардани қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва ташкили механизми шаффофи пешниҳоди лоиҳаҳо ба сармоягузорон нақши муҳим мебозад.

Аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқот, бояд қайд кард, ки зарурати ҷалби сармоягузории хориҷӣ на фақат аз рӯйи ҷабҳаҳои молиявӣ муайян карда мешаванд. Дар шароити буҳрони таркибӣ бинобар сабаби кӯҳнашавӣ ва фарсудашавии моддӣ аксарияти иқтидори истеҳсолӣ ба таъмиру таҷдид ва модернизатсия эҳтиёҷ доранд. Дар шароити муосир ҷараёни ҳаракати байналхалқии сармоя ба дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи пешқадам алоқаи зич дорад. Таҷрибаи Хитой ва дигар давлатҳои пасошуравӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки технологияи хориҷӣ барои паси сар кардани ақибмонӣ аз сатҳи техникӣ, баландбардории самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ истифода бурда мешаванд [125, с.49].

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ин ё он кишварро метавон тавассути стратегия ва фаъолиятҳои гуногун ба даст овард. Ба қатори чораҳое, ки афзоиши сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунанд, дохил мешаванд.

Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар воқеиятҳои ҳозира муносибати бисёрҷанбаро талаб мекунад. Он аз такмил додани заминаи ҳуқуқӣ ва фискалӣ оғоз ёфта, ба ин васила заминаи боэътимод ва шаффоф барои пешбурди тиҷорат фароҳам меорад. Ҳамзамон, унсурҳои асосии инфрасохтор, аз қабили артерияҳои нақлиётӣ, системаҳои энергетикӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ бояд фаъолона рушд ва навсозӣ карда шаванд,

зеро ҳолати онҳо бевосита ба самаранокии равандҳои тиҷорат таъсир мерасонад.

**Ҷадвали 3.6. - Роҳҳои мукаммалнамоии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон**

| Усулҳо | Тадбирҳо |
| --- | --- |
| **Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ** | Бартараф намудани омилҳо ва монеаҳои бюрократӣ, кам кардани сарбории маъмурӣ барои сармоягузорони хориҷӣ. Ислоҳоти қонунгузорӣ ва низоми андоз бо мақсади таъмини шаффофият ва устувории фазои сармоягузорӣ. Кафолати ҳуқуқи моликият ва ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон. |
| **Рушди инфрасохтор** | Такмили соҳаи нақлиёт, энергетика, коммуникатсия ва дигар намудҳои инфрасохтор бо мақсади таъмини равандҳои самараноки тиҷорат. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ. |
| **Омода намудани мутахассисон** | Баланд бардоштани сатҳи маълумот ва омодагии қувваи корӣ бо мақсади таъмини дастрасии мутахассисони соҳибхтисос барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ. Таҳияи барномаҳои таълимии касбӣ барои қонеъ гардонидани талаботи сармоягузорон ба кормандони соҳибхтисос. |
| **Маркетинг ва таблиғот** | Пешбурди фаъолонаи имкониятҳои сармоягузории кишвар дар бозори ҷаҳонӣ. Иштирок дар форумҳои сармоягузорӣ, ярмаркаҳо ва конфронсҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ. |
| **Бунёди муносибатҳои шарикӣ** | Рушди шарикии стратегӣ бо ширкатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ. Пешниҳоди сабукиҳо ва имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла, созишномаҳои ҳифзи сармоягузорӣ. |
| **Воситаҳои молиявӣ** | Эҷоди воситаҳои молиявӣ ба монанди кафолатҳо ва суғуртаи сармоягузорӣ барои коҳиш додани хатарҳои сармоягузорони хориҷӣ. Таъмини ҳавасмандгардонии молиявӣ ва субсидияҳо барои тақвияти сармоягузорӣ. |
| **Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ** | Иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ, ки метавонанд таваҷҷуҳ ва дастгирии ниҳодҳо ва созмонҳои байналмилалиро ҷалб кунанд. |
| **Ислоҳоти иқтисодӣ** | Татбиқи ислоҳоти васеи иқтисодӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат дар арсаи ҷаҳон. Мусоидат ба воридшавӣ ба бозор ва равандҳои тиҷорат барои ширкатҳои хориҷӣ. |

**Сарчашма:** [24]

Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ низ муҳим аст: баланд бардоштани сифати таҳсилот ва тахассуси касбии қувваи корӣ, ки ба талабот ва

стандартҳои сармоягузорони муосири хориҷӣ мутобиқ карда шудааст, муваффақият ва устувории дарозмуддати онҳоро таъмин мекунад. Ғайр аз он, зарур аст, ки иқтидори сармоягузории кишвар дар сатҳи байналмилалӣ фаъолона пешбарӣ карда шавад, ба сармоягузорони хориҷӣ имтиёзҳо дода шавад, дар лоиҳаҳои байналмилалӣ иштирок карда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ислоҳоти густурдаи иқтисодӣ гузаронида шавад.

Дар таҳияи стратегияи ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ба назар гирифтани махсусияти ҳар минтақа ва шароити иқтисодии он муҳим мебошад.

Мақомоти кишвар дигаргуниҳои институтсионалиро барои беҳтар кардани муҳити тиҷорат ва сармоягузорӣ идома медиҳанд. Ин тадбирҳо тақвияти қонунгузорӣ, рушди иҷрои шартномавӣ ва идоракунии корпоративӣ, ҳимояи ҳуқуқи моликият, бартараф кардани монеаҳои аз ҳад зиёди маъмуриро дар бар мегиранд, ки дар ниҳоят иқтидори сармоягузориро афзоиш медиҳанд ва хавфҳои алоқамандро коҳиш медиҳанд [8, с.87-88].

Таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷанбаи муҳимми ҷалби сармоягузорон ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мебошад. Сармоягузорон муҳити устувор ва пешбинишавандаи иқтисодиро хуб дарк мекунанд. Муассисаҳои дахлдор бояд барои суботи макроиқтисодӣ, идоракунии таваррум ва нигоҳ доштани масъулияти фискалӣ кӯшиш кунанд. Эҷоди қоидаҳо ва қонунҳои шаффоф барои тиҷорат, инчунин, татбиқи одилонаи онҳо эътимоди сармоягузоронро афзоиш медиҳад. Ин инчунин низоми одилонаи судӣ ва мавҷуд набудани коррупсияро дар бар мегирад. Тартиби мураккаби бақайдгирии тиҷорат ва дигар монеаҳои маъмурӣ барои ҷалби сармоягузорӣ монеаҳо эҷод мекунад ва кам кардани расмиёти бюрократӣ бошад, барои ҷолибтар шудани фазои сармоягузорӣ дар минтақа мусоидат мекунад [31].

Мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз ҳама гуна тадбирҳо бо мақсади ҷалби сармоягузории хориҷӣ, бахусус сармоягузории мустақим, истифода

бурда, барои самараи калон ба даст овардан кӯшиш менамоянд. Ин намуди сармоягузорӣ воридшавии технологияҳо, таҷҳизот, ноу-ҳау, таҷрибаи пешқадам ва ба ин васила рақобатпазирии иқтисоди минтақаро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври назаррас баланд мебардорад. Дар баробари дигар бартариятҳо, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳамчун яке аз намудҳои самараноки сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравcovanд [133, с.142].

Дастгирии соҳибкории хурду миёна муҳаррики рушди иқтисодӣ мебошад. Сиёсати мусоидат ба дастрасӣ ва қарз, имтиёзҳои андоз ва дигар тадбирҳои дастгирӣ ба рушди ин бахш дар вилояти Хатлон мусоидат мекунанд. Сармоягузорон ба макони таваҷҷуҳ доранд, ки дар онҳо рушди илмию технологӣ ва инноватсионӣ фаъол аст. Дастгирӣ ва рушди марказҳои тадқиқотӣ, таҳсилоти олӣ ва стартапҳои инноватсионӣ дар минтақа метавонанд омилҳои муҳимми рушди босубот маҳсуб ёбад.

Мувофиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, дар соҳаи беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ натиҷаҳои зерин интизор мешаванд: бозори молиявӣ, аз ҷумла бозори дуюми коғазҳои қиматнок, инчунин бозорҳои суғуртавӣ озод ва диверсификатсия карда мешаванд. Татбиқи низоми самараноки танзими давлатии иқтисодиёт ва либерализатсияи бахшҳои алоҳида барои ҷалби сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст. Ҷанбаи муҳим такмил додани системаи баҳисобгирии масъалаҳои экологӣ дар ташаккули фазои соҳибкорӣ ва оптимизатсияи муҳити сармоягузорӣ мебошад.

Ҳамчунин, барномаи ҳамаҷонибаи рушди шарикии давлатию хусусӣ (ШДБХ) таҳия ва қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ” қабул карда мешавад. Таъсиси механизмҳои давлатии маблағгузории муштараки лоиҳаҳои ШДБХ пешбинӣ шудааст, ки бояд ба кам шудани хароҷоти соҳибкорон барои иҷрои ӯҳдадориҳои андоз оварда расонад. Ин дигаргуниҳо барои фароҳам овардани муҳити ҷолибтар ва пешгӯишаванда барои сармоягузорон, ки барои рушди устувори иқтисодӣ ва

диверсификатсияи иқтисоди миллӣ муҳим аст, асос мебошанд. Татбиқи ин тадбирҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иқтидори сармоягузории худро пурратар амалӣ намуда, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам намояд [8, с.90].

Эҷоди фазои кушод ва ҷолиб дар кишвар, бахусус, дар вилояти Хатлон барои сармоягузории хориҷӣ метавонад ба воридоти сармоя мусоидат намояд ва содагардонии расмиёти сармоягузорони хориҷӣ ва таъмини ҳуқуқи баробар бо сармоягузорони маҳаллиро дар бар гирад. Бахши молиявии қавӣ ва рушдёфта дар минтақа сармоягузориро ҳавасманд мекунад. Ин мавҷудияти бонкҳои устувор, бозорҳои сармоя, хадамоти суғурта ва дигар институтҳои молиявиро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузорон ба суботи иҷтимоӣ дар кишвар баҳо медиҳанд. Муносибатҳои ҳамоҳанг дар ҷомеа ва сатҳи амният ба тасмими сармоягузорӣ таъсир мерасонанд. Мавҷудияти кадрҳои соҳибихтисос ва соҳибмаълумот ҷолибияти вилояти Хатлонро барои сармоягузорон зиёд мекунад, зеро он дастрасиро ба захираҳои баландихтисоси меҳнатӣ фароҳам меорад. Татбиқи муштараки ин тадбирҳо дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда, ба рушди устувори иқтисодӣ саҳм гузорад.

Аз нуқтаи назари тадқиқот, бояд қайд кард, ки рушди инфрасохтор дар минтақаҳои кишвар барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ заминаи устувор мегузорад. Ин омил ба ҷанбаҳои мухталиф таъсир расонида, барои соҳибкорон, сармоягузорон ва сокинон фазои мусоид фароҳам меорад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки инфрасохтори мукаммали нақлиёт ба монанди роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва бандарҳо имкон медиҳад, ки интиқоли бештари молҳо ва сармоя ба кишвар ворид гардад. Ин хароҷоти нақлиёт ва таъхирҳои вақтро коҳиш медиҳад, ки барои ширкатҳое ҷолиб мебошад, бахусус онҳое, ки логистикаи зуд ва муассир барои онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, рушди энергетикӣ барои истеҳсолоту тиҷорат муҳити устуворро фароҳам

меорад ва барои ҷалби сармоя мусоидат мекунад, чунки ширкатҳо барои фаъолияти пурсамари худ ба таъминоти устувор ва дастраси энергия ниёз доранд [31].

Рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ба рушди технологияҳои иттилоотӣ тақвият бахшида, ширкатҳоеро ҷалб мекунад, ки аз интиқоли маълумот вобастаанд.

Бахшҳое, ки метавонанд ҷолибияти минтақаро баланд бардоранд, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои тиббӣ ва ҷойҳои фарҳангӣ мебошанд. Хизматрасонии босифат дар ин соҳаҳо метавонад мутахассисони баландихтисос ва оилаҳои онҳоро ҷалб кунад, ки дар навбати худ метавонад ба навоварӣ ва рушди тиҷорат дар вилояти Хатлон оварда расонад.

Шароити бароҳати зиндагӣ ва кор мутахассисони боистеъдодро ҷалб мекунад ва ба нигоҳ доштани қувваи корӣ мусоидат мекунад. Ба он манзилгоҳ, ҷойҳои ҷамъиятӣ, тарабхонаҳо, ҷойҳои дилхушӣ ва дигар объектҳои иҷтимоиву маданӣ дохил мешаванд.

Илова бар ин, дар шароити тағйирёбии иқлим рушди технологияҳо ва инфрасохтори аз ҷиҳати экологӣ устувор метавонад як манфиати иловагӣ дар партави таваҷҷуҳи афзоянда ба сармоягузориҳои аз ҷиҳати экологӣ масъул маҳсуб ёбад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоягузорӣ дар кишвар мавҷудияти кормандони дорои сатҳи касбият ба шумор меравад. Омӯзиши кадрҳо дар таъмини воридоти сармоя ба минтақа нақши муҳим дорад. Кормандони соҳибихтисос ва ба бозор мутобиқшуда дар беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии корхона саҳми калон мегузоранд.

Кадрҳои соҳибихтисос омили ҷолиб барои сармоягузорон мебошанд, зеро онҳо метавонанд субот ва самаранокии равандҳои бизнесро таъмин намоянд. Инчунин, онҳо дар фароҳам овардани муҳити инноватсионие саҳм мегузоранд, ки омили муҳимми сармоягузориҳои ба технология нигаронидашуда мебошанд. Минтақаи дорои иқтидори баланди меҳнатӣ аз

ҷумла, вилояти Хатлон дар байни минтақаҳои дигар рақобатпазир мегардад ва таваҷҷуҳи сармоягузорон ва соҳибкоронро ҷалб мекунад. Мавҷудияти шахсони дорои малакаҳои дахлдор метавонад барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои муайян бартарӣ дошта бошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кормандони баландихтисос қодиранд эҳтимолияти хатарҳоро барои сармоягузорон коҳиш диҳанд ва лоиҳаҳоро самаранок идора кунанд, маҳсулнокӣ ва устувории равандҳои тиҷоратро дар минтақа таъмин намоянд. Кормандони омӯзонидашуда ва дорои касбияти баланд ба технологияҳои нав ва талаботи бозор зуд мутобиқ шуда, дар муҳити зудтағйирёбандаи иқтисодӣ самаранок фаъолият менамоянд. Омӯзиши кадрҳо бо таваҷҷуҳ ба рушди малакаҳои технологӣ ба фароҳам овардани муҳити инноватсионӣ дар минтақаи кишвар мусоидат мекунад. Ширкатҳои инноватсионӣ метавонанд дар асоси дурнамои рушд ва тараққиёт сармоягузориҳои бештарро дар вилояти Хатлон ҷалб кунанд.

Кормандони тахассуснок метавонанд дар ташаккули кластерҳои саноатӣ ва экосистемаҳои тиҷоратӣ саҳм гузошта, барои сармоягузорони манфиатдор ба соҳаҳои муайян ҷолибият фароҳам оваранд. Ҳамкории самарабахши байни корхонаҳо, марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Илова бар ин, кадрҳои баландихтисос, ки ба талаботи бозор мутобиқ шудаанд, ба баланд шудани нуфузи минтақа дар байни сармоягузорон ва соҳибкорон мусоидат мекунанд. Кормандони ботаҷриба далели маҳорати касбӣ ва иқтидори рушди тиҷорат дар шароити кунунӣ арзёбӣ мегарданд. Сармоягузорон на танҳо ба фоидаи фаврӣ, балки ба устувории дарозмуддат ва рушди тиҷорат манфиатдор мебошанд ва омӯзише, ки ба ниёзҳои ояндаи бозор нигаронида шудааст, ба муваффақияти дарозмуддати минтақа мусоидат мекунад. Рушди самараноки қувваи корӣ дар якҷоягӣ бо дигар стратегияҳои рушди минтақавӣ барои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ дар минтақа шароити мусоид фароҳам меорад [31].

Дигар воситае, ки барои баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ нақши муҳим дорад, дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ маркетинг ба шумор меравад.

Маркетинг ба эҷоди бренди қавии минтақа, нишон додани хусусиятҳо, афзалиятҳо ва дурнамои рушди он тақвият мебахшад. Чунин тадбирҳо таваҷҷуҳи сармоягузорони эҳтимолиро ҷалб карда, дар бораи минтақа таассуроти мусбӣ ба вуҷуд меорад. Тадқиқоти бозор дар баробари ин маълумотро дар бораи эҳтиёҷоти бозор, шароити рақобат ва тамоюлҳо барои беҳтар мутобиқ кардани пешниҳодҳои минтақавӣ ба сармоягузорон таъмин менамояд.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи воридоти сармоягузории хориҷӣ барои кишвар мустаҳкам намудани шарикӣ дар заминаи ҳамкориҳои судманди дуҷонибаву бисёрҷонибаи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо тамоми кишварҳои дуру наздик ба шумор меравад.

Шарикӣ дар ҷалби сармоя ба минтақа нақши муҳим мебозад. Ҳамкории байни субъектҳои гуногун, аз қабили муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ метавонад барои сармоягузорӣ муҳити мусоид дар минтақа фароҳам оварад.

Кӯшишҳои муштарак маҳз барои рушди инфрасохтор, аз қабили нақлиёт, энергетика, коммуникатсия ва ғайра равона мешаванд. Ин фазои сармоягузориро беҳбуд бахшида, минтақаро барои соҳибкорӣ ҷолибтар мегардонад. Илова бар ин, ҳамкорӣ байни ниҳодҳои давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ метавонад ба таъсиси неруи кории соҳибихтисос мусоидат кунад, ки барои ҷалби сармоягузории технологӣ муҳим аст [20].

Маъракаҳои муштараки маркетингӣ ва таблиғотӣ барои баланд бардоштани нуфузи минтақа дар харитаи сармоягузорӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи сармоягузорони эҳтимолӣ кумак мекунанд. Инчунин, ҳамкории байни тиҷорат ва академия ба навоварӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки сармоягузорон аксар вақт минтақаҳоеро ҷустуҷӯ

мекунанд, ки дар он ҷо иқтидори идеяҳо ва технологияҳои инноватсионӣ вуҷуд дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузорон бештар ба устуворӣ ва масъулияти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Шарикӣ бо ташкилотҳое, ки дар ташаббусҳои иҷтимоӣ ва экологӣ иштирок мекунанд, метавонад ҷолибияти минтақаро барои сармоягузорӣ афзоиш диҳад. Шарикӣ, инчунин, имкони табодули иттилоот ва таҷриба бо минтақаҳои дигарро фароҳам меорад, ки ба ҷалби таҷрибаҳо ва стратегияҳои хубтарини муосир мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, рушди ҳамкории ҷонибҳои мухталиф ва фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузорӣ тақозо мекунад, ки дар навбати худ, ба рушди иқтисодӣ ва рушди устувори вилояти Хатлон тақвият бахшад.

Воситаҳои молиявӣ барои тақвияти ҷалби сармоягузории хориҷӣ низ шарти муҳим ба ҳисоб рафта, барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар сарчашмаи иловагии маблағгузорӣ ба шумор меравад. Ин механизмҳо, воситаҳо ва равишҳои мухталиферо ифода мекунанд, ки ба сармоягузорон субот, шаффофият ва шароити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам меоранд. Самтҳои асосии истифодабарии воситаҳои молиявӣ дар самти маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа дар расм оварда шудааст.




**Расми 3.3. - Самтҳои асосии истифодабарии воситаҳои молиявӣ дар самти маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа**

**Сарчашма:** [20]

Сармоягузорони хориҷӣ мекӯшанд, ки хатарҳои марбут ба сармоягузориро ба ҳадди ақал расонанд. Минтақаҳое, ки суботи молиявиро таъмин мекунанд, бо таварруми паст ва қурби муътадил таъмин гашта, дар ин замина, сармоягузории бештар ҷалб мегардад. Тадбирҳои гуногуни андоз, аз қабили озодкунӣ аз андоз, имтиёзҳои андозӣ, паст кардани меъёрҳо барои сармоягузорони хориҷӣ як ангезаи қавӣ арзёбӣ гашта, минтақаро дар байни дигар самтҳои сармоягузорӣ рақобатпазиртар мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кафолатҳои давлат ва дастгирии молиявӣ метавонад хатарҳоро барои сармоягузорон коҳиш диҳад. Бонкҳои

давлатӣ ва муассисаҳои молиявӣ ба сармоягузорӣ кафолат медиҳанд, ки ин ба афзоиши эътимод мусоидат мекунад. Таҳияи фондҳои рушд ва барномаҳои сармоягузорӣ сарчашмаҳои иловагии маблағгузории лоиҳаҳоро дар минтақа фароҳам меоранд. Ин маблағҳо метавонанд барои дастгирии соҳаҳои калидӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи сармоягузорон дар вилояти Хатлон истифода шаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки рушди бозорҳои муассири молиявӣ, аз қабили бозори коғазҳои қиматнок ва бахши бонкӣ ба эҷоди механизмҳои осон ва устувори сармоягузорӣ заминаи устувор мегузоранд. Шаффофият дар низоми молиявӣ ва идоракунии самараноки хавфҳо барои сармоягузорон фазои мусоид фароҳам меорад. Минтақаҳое, ки маълумоти муътамад дар бораи иқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои молиявии онҳо пешкаш мекунанд, метавонанд сармоягузории бештарро ҷалб кунанд. Таъсири умумии ин механизмҳои молиявӣ аз фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, беҳбуди инфрасохтор ва мусоидат ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар минтақа иборат мебошад.

Дар шароити рушди ҷаҳонишавӣ яке аз омили дигари муҳим барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ таҳкими ҳамкориҳо бо ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ба шумор меравад. Созмонҳои байналмилалии молиявӣ, аз қабили Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва ғайра метавонанд ба минтақаҳо дар шакли қарз, грант ва дигар механизмҳои молиявӣ барои иҷрои тарҳҳои зерсохторӣ ва барномаҳои рушд кумаки молиявӣ расонанд. Инчунин, созмонҳои байналмилалӣ аксар вақт дар таҳияи стратегияи ҷалби сармоягузорӣ, идоракунии иқтисод ва татбиқи таҷрибаҳои беҳтарини идоракунӣ кумак ва маслиҳатҳои коршиносӣ пешниҳод мекунанд.

Созмонҳои байналмилалӣ ба минтақаҳо дар фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ тавассути таҳия ва татбиқиислоҳот, ки ба коҳиши бюрократизм, такмили низоми ҳуқуқӣ, ҳифзи моликият ва таъмини шаффофият нигаронида шудаанд, кумак мерасонанд. Дар баробари ин, онҳо тавассути пешниҳоди маълумот дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ,

хатарҳо ва манфиатҳои эҳтимолӣ ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ кумак расонида метавонанд [26].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки созмонҳои байналмилалӣ лоиҳаҳои омӯзишӣ ва рушди захираҳои инсониро дастгирӣ мекунанд, ки ба баланд бардоштани малакаи кадрҳои маҳаллӣ ва баланд бардоштани иқтидори инноватсионии минтақа мусоидат мекунад. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ба минтақаҳо, аз ҷумла, ба вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои рушди устуворро ба стратегияҳои сармоягузории худ ворид кунанд, ки барои сармоягузорони масъул ҷолиб буда, рушди минбаъдаи иқтисодиро ҳавасманд мекунад.

Барои тақвияти равандҳои сармоягузорӣ ва ташаккулёбии бозори муосири иқтисодӣ ва инчунин боз ҳам самараноктар ба роҳ мондани механизмҳои молиявӣ зарур меояд. Ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақа низ нақши муҳим дорад. Он ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, кам кардани бюрократия ва сода кардани расмиёти соҳибкорон равона карда мешавад. Ин барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад, хатарҳоро коҳиш медиҳад ва шаффофиятро афзоиш дода, дар ин замина, сармоягузории бештарро ҷалб мекунад.

Таҳлилҳо тасдиқ мекунанд, ки ислоҳоте, ки ба кушодани иқтисодиёт ва коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шудаанд, ба воридшавии сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Дар байни чизҳои дигар, такмил додани низоми молиявӣ, бахши бонкӣ ва бозорҳои сармоя шарти асосии дастрасии сармоягузорони хориҷӣ ба маблағгузории зарурӣ мебошад. Барои он ки минтақа воқеан рақобатпазир ва ҷолиб барои ширкатҳое гардад, ки фаъолияташон ба татбиқи технологияҳои навтарин ва таҳияи фаъолонаи қарорҳои инноватсионии худ нигаронида шудааст, татбиқи ислоҳоти амиқ муҳим аст. Ин дигаргуниҳо бояд навовариҳои технологиро дар ҳама сатҳҳо самаранок дастгирӣ кунанд ва рушди ҳамаҷонибаи экосистемаи мусоид барои тиҷорати баландтехнологӣ, аз

ҷумла дастрасӣ ба кадрҳои баландихтисос ва инфрасохтори муосирро таъмин кунанд.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар маҷмуъ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, паст кардани сатҳи коррупсия ва баланд бардоштани шаффофият равона карда шудааст, ки дар навбати худ эътимоди сармоягузорони хориҷиро тақвият медиҳад. Бо фароҳам овардани фазои устувор ва пешгӯишавандаи тиҷорат, ин тағйиротҳо хавфҳоро барои сармоягузории хориҷӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳанд ва минтақаро дар муқоиса бо бозорҳои камтар устувор ҷолибтар мекунанд. Бо ин роҳ роҳ барои ҷалби фаъоли сармоягузориҳои дарозмуддат кушода мешавад, ки бе он рушди устувори иқтисодӣ ғайриимкон аст. Ин сармоягузории дарозмуддат аст, ки ба рушди лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, ташкили соҳаҳои нави баландтехнологӣ ва таъмини афзоиши доимии ММД ва некуаҳволии аҳолӣ имкон медиҳад.

Ин, махсусан, барои онҳое, ки мехоҳанд дар тасмимгириҳои сармоягузории худ аз номуайянӣ ва таваккал канорагирӣ кунанд, муҳим мебошад. Дар маҷмуъ, ислоҳоти бомуваффақияти иқтисодӣ мавқеи минтақаро дар арсаи ҷаҳонӣ таҳким бахшида, онро рақобатпазир ва ҷолибтар барои сармоягузории хориҷӣ мегардонад [30].

Воситаҳои дар боло зикргардида ба самтҳои афзалиятноки фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити муосир дохил мешаванд. Самтҳои афзалиятноки фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ инчунин тадбирҳои зеринро дар бар мегирад.

- бартараф намудани монеаҳои маъмуриву таъсиси шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ;

- мукаммалнамоии қонунгузории кишвар ва кафолату ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон;

- рушди инфрасохтори коммуникатсионӣ, аз ҷумла хизматрасонии босифати интернетӣ;

- ташаккул ва такмили бозори фондӣ, рушди бозори хизматрасонии суғуртавӣ ва гузаронидани сиёсати молиявии мусоидаткунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ;

- ташкили ҳаракати озоди сармоя ва қувваи корӣ, таҳким бахшидан ба рушди тиҷорати беруна;

- имтиёзҳои андозбандӣ ва дигар намуди имтиёзҳо барои сармоягузорони ватаниву хориҷӣ;

-ҳамоҳанг намудани низоми ҳуқуқии кишвар бо меъёрҳои байналмилалӣ [58].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои дар боло зикргардида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сармоягузории хориҷӣ ба рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он таҳким бахшида, барои иштирокчиёни бозор, ширкатҳо ва лоиҳаҳо захираҳои иловагии молиявиро пешниҳод мекунад. Сармоягузории хориҷӣ, тавре таҳлилҳо нишон додаанд, аксар вақт бо интиқоли технология ва дониш алоқамандӣ дорад. Сармоягузорон технологияҳои навро ҷорӣ намуда, ба ин васила равандҳои истеҳсолиро дар минтақа беҳтар ва самаранокии онро баланд мебардоранд.

Омилҳои муҳимтарини рушди вилояти Хатлон онҳое мебошанд, ки фазои мусоиди сармоягузориро ташкил медиҳанд. Ин пеш аз ҳама сохтан ва амиқтар кардани бозори молиявӣ мебошад, ки пардохтпазирӣ ва дастрасиро ба маблағгузорӣ таъмин мекунад. Минбаъд тақвият ва оптимизатсияи сохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳои дастгоҳи давлатӣ. Ташаккули системаи муассири дастгирии маъмурӣ барои лоиҳаҳои бахши хусусӣ барои рафъи монеаҳо муҳим аст. Ғайр аз он, таҳия ва татбиқи пайвастаи барномаҳо, мафҳумҳо ва стратегияҳое, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ нигаронида шудаанд, дар якҷоягӣ бо такмили доимии қонунгузории сармоягузорӣ, муҳити динамикӣ ва ҷолибро барои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам меоранд.

Инчунин, барои боз ҳам баланд бардоштани ҷолибияти минтақа, барои сармоягузории хориҷӣ як қатор тадбирҳо андешида, стратегияҳое, ки ба

беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ нигаронида шудаанд, зарур аст. Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди инфрасохтор, тадбирҳои дастгирии сармоягузорон, маркетинг ва таблиғ, тайёр кардан ва такмил додани кадрҳо, идоракунии самараноки хавф, шарикӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ, стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, системаи мониторинг ва арзёбӣ барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар шароити муосир пояи устувор хоҳад гузошт. Маҷмуи ин тадбирҳо барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба рушди устувори иқтисодии вилояти Хатлон мусоидат мекунад.

Ғайр аз масъалаҳои баррасишуда, фаъолона таҳия ва пешбурди лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузории хориҷӣ, ки минтақа ба онҳо ниёз дорад, муҳим аст. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳо, инчунин идораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ин кор машғуланд. Сохторҳои зикршуда пешниҳодҳои сармоягузориро бо назардошти афзалиятҳои соҳавии минтақа, иқтидори захиравии он ва ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ таҳия мекунанд. Лоиҳаҳои омодашуда мунтазам дар захираҳои расмии веб ҷойгир карда мешаванд, ки дастрасии онҳоро ба сармоягузорони эҳтимолӣ таъмин мекунанд ва ба шаффофияти фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Илова бар ин, рӯйхати лоиҳаҳо бо назардошти шароити кунунии иқтисодӣ ва ниёзҳои нави минтақа пайваста нав карда мешавад. Масалан, Дар Замимаи 2 рӯйхати ташаббусҳои сармоягузорӣ оварда шудааст, ки самтҳои афзалиятноки рушди Вилояти Хатлонро инъикос мекунанд ва ба рафъи маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва истеҳсолӣ нигаронида шудаанд.

Барои ҷалби бомуваффақияти сармоягузорӣ, муҳим аст, ки мақомоти дахлдори давлатӣ муколамаи доимӣ ва мақсаднокро бо давлатҳои хориҷӣ, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ, ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои хусусӣ нигоҳ доранд. Ин метавонад ташкили форумҳои сармоягузорӣ, презентатсияҳо ва миссияҳои тиҷорӣ, иштирок дар

намоишгоҳҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ, инчунин музокироти дуҷониба ва ташкили платформаҳои иттилоотӣ ва машваратиро дар бар гирад. Ташаккули симои мусбати минтақа ҳамчун шарики боэътимод ва барои сармоягузорӣ кушода нақши махсус дорад. Дар баробари ин, дастгирии институтсионалии сармоягузорон, аз ҷумла дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар тамоми марҳилаҳои татбиқи онҳо, пешниҳоди машваратҳо, мусоидат дар таҳияи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва ҳалли масъалаҳои маъмурӣ зарур аст.

Инчунин рушди механизмҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ (ШДБХ) муҳим аст, ки метавонад воситаи муассир барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ гардад. Барои баланд бардоштани эътимод аз ҷониби сармоягузорон, кор бояд барои беҳтар кардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳифзи сармоя, соддагардонии расмиёти пешбурди тиҷорат ва шаффофият ва пешгӯии муҳити танзимро таъмин мекунад, идома дода шавад. Танҳо дар сурати муносибати комплексӣ ва системавӣ имконпазир аст, ки сиёсати устувори сармоягузорӣ, ки метавонад рушди дарозмуддат ва навсозии иқтисодиёти минтақаро таъмин кунад, таъсис дода шавад..

## Хулосаи боби сеюм

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявию сармоягузорӣ таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо кишварҳои дуру наздик, пеш аз ҳама, бо шарикони рушд шарти муҳим ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии кишвар масъалаҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии муосир дар кишвар мубрам ва рӯзмарра боқӣ мемонанд. Таҳлил нишон дод, ки дар минтақа МОИ бо таври бояду шояд рушд накардаанд. Зарурати рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон иборат аст, ки онҳо:

- барои сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ шароити мусоид фароҳам оварда, воруди сармояро ҳавасманд мекунад;

- ба рушди саноат, афзоиши содирот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад, ки ба иқтисодиёти кишвар ва минтақа таъсири мусбат мерасонад;

- имкон медиҳанд, ки технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи идоракунӣ ҷалб карда шаванд, ки рақобатпазирии иқтисодиётро баланд бардоранд;

- метавонад нуктаҳои афзоиш барои минтақаҳои депрессия ё суст рушдёфта, ба монанди ноҳияҳои дурдасти вилоят бо ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии онҳо гардад.

Мушкилоти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба вилояти Хатлон ошкор карда шуданд. Онҳо масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд: муҳити умумии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии минтақа; инфрасохтори суст (норасоии роҳҳои хушсифат ба қисми ноҳияҳо, ҳамлу нақли роҳи оҳан ва ҳавоӣ); мушкилоти таъмини неруи барқ ва сифати пасти таъминот; сифати пасти алоқаи телефонӣ ва  интернет; қонунгузории зудтағйирёбанда ва ношаффоф, махсусан дар соҳаҳои андозбандӣ; заъфи ҳифзи ҳуқуқи моликият ва мушкилоти ҳалли баҳсҳо; равандҳои иҷозатномадиҳии тулонӣ;  камбудии кадрҳои баландихтисос, махсусан дар соҳаҳои технологӣ ва идоракунӣ; надонистани забонҳои хориҷӣ аз ҷониби кадрҳои маҳаллӣ; сатҳи баланди андозҳо; тағйирёбии мунтазами қурби асъор ва ғайра. Ҳалли ин мушкилот метавонад, ки ҷолибнокии минтақаро ба сармоягузориҳои хориҷӣ зиёд намояд.

Роҳҳои зиёд намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаи Хатлон муайян карда шуданд. Онҳо самтҳои гуногунро дар бар гирифта, ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ, инфрасохтор ва сиёсати иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Ба муҳимтарини онҳо дохил мешаванд:

– қабули қонунҳо ва қоидаҳои шаффоф ва устувор, ки ҳуқуқи сармоягузоронро ҳифз мекунанд;

- таъмини ҳифзи қатъии ҳуқуқи моликият ва механизмҳои муассири ҳалли баҳсҳо;

- содагардонии равандҳои маъмурӣ дар  раванди бақайдгирии ширкатҳо, додани иҷозатномаҳо;

- рушди инфрасохтор (беҳтар намудани шабакаи роҳҳо, таъмини устувори неруи барқ, беҳтар намудани дастрасӣ ба интернет ва алоқаи мобилӣ;

- рушди захираҳои инсонӣ (маориф, омӯзиши касбӣ, ҷалби  донишҷӯён ва хатмкунандагон ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ);

- ҳавасмандгардонии сармоягузорон (пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои сармоягузорон, пешниҳоди грантҳо, субсидияҳо ва ғайра);

- тарғиби минтақа (маркетинг,  иштирок дар намоишгоҳҳо ва форумҳо, таъсиси вебсайти иттилоотӣ ва монанди инҳо);

– рушди муносибатҳои байналмилалӣ, махсусан бо сармоягузорон ва технологияҳо.

Ин роҳҳо метавонанд дар минтақаи Хатлон муҳити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда, ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷиро ба таври назаррас афзоиш диҳанд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Консепсияи муаллифии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои кишвар, ки ба ҳадафҳои сиёсати давлатии минтақавии сармоягузорӣ бо таваҷҷӯҳ ба минтақаҳои ақибмонда ва камтар рушдёфта ва хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон асос ёфтааст, бо баробарнамоии ниҳоии сатҳи рушди иқтисодӣ дар саросари кишвар пешниҳод карда шуд. Аз ин рӯ, ҳадафҳои асосии ин сиёсат, ба монанди баробар кардани рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ, муайян карда шудаанд. Қайд карда шуд, ки муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои ҳар як минтақа бо назардошти иқтидори захиравӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, ашёи хом барои саноат, мавҷудияти қувваи корӣ ва имкониятҳои сайёҳӣ амалӣ карда мешавад. Зарурати таҳияи шиносномаи сармоягузории минтақаҳо бо ҷойгиркунии минбаъдаи онҳо дар порталҳои дахлдор, содда кардани расмиёти маъмурии воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, ки ба сармоягузорони хориҷӣ ниёз доранд, пешниҳоди имтиёзҳои андози сармоягузорӣ, таъсиси марказҳои махсус барои дастгирии рушди инноватсионӣ ва соҳибкории технологӣ исбот шудааст [1-М], [2-М].

2. Воридшавии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ ба субъектҳои ҳудудӣ такон мебахшад, ҳаёти хоҷагидориро бо захираҳои зарурии молиявӣ таъмин мекунад, ҳамчун омили асосии пайвастшавӣ ба технологияҳои пешрафта баромад мекунад. Дар шароити рушди нобаробари иқтисодиёти ҳудудӣ, ҷалби ин маблағҳо инчунин ҳамчун нишондиҳандаи бартарии рақобатӣ баромад мекунад. Нобаробарии воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон дар робита ба рушди иқтисодӣ, шароити табиӣ-иқлимӣ, сатҳи урбанизатсия ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамчун нишондиҳандаи умумии эътимоднокии хоҷагии минтақа ва фазои сармоягузории он исбот шудааст. Дар мисоли минтақаҳои озоди иқтисодии

амалкунандаи вилоят сохтори муҳити сармоягузорӣ нишон дода шуда, хавфҳо ва монеаҳои мавҷуда муайян карда шудаанд [3-М], [5-М].

3. Вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи сераҳолии кишвар динамикаи баланди афзоиши аҳолиро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои вилоят зиедатии объективии қувваи корӣ мавҷуд аст, ки дар он суръати таъсиси ҷойҳои нави шуғл ба пешрафти демографӣ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, аҳамияти ҷалби сарватҳои зеризаминии минтақа, аз қабили канданиҳои фоиданок, об, замин ва зеризаминӣ, пешбурди соҳаҳои чорводорӣ ва кишоварзӣ ва ҷанбаҳои гуногуни дигар таъкид карда мешавад, ки талаботи шадиди минтақаро ба захираҳои сармоягузорӣ нишон медиҳанд. Барои рушди сайёҳӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳо сармоягузории хориҷӣ аҳамияти калон дорад. [6-М]

4. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон чандон қаноатбахш нестанд: а) коҳиши назарраси ҳаҷми сармоягузорӣ дар солҳои охир (2022-2023); б) коҳиши ҳаҷми сармоягузорӣ аз ҷониби давлатҳои аъзои ИДМ, ки шарикони стратегии рушд ба ҳисоб меравand, дар муқоиса бо афзоиши сармоягузориҳое, ки аз ҶМЧ, Ҷопон, Олмон, Люксембург, Сингапур ва ғайра ворид мешаванд; в) дар муқоиса бо шаҳри Душанбе ва Суғд беҳтар кардани ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаро талаб мекунад; г) шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои Ёвон, Данғара, Кубодиён дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ фаъол мебошанд ва дар дигар шаҳру ноҳияҳо фаъолият мушоҳида намешавад; д) сохтори сармоягузориҳое, ки ба минтақа ҷалб карда мешаванд, асосан аз сармоягузории хусусӣ ва дигар сармоягузориҳо иборат буда, ҳиссаи сармоягузориҳои портфелӣ нокифоя мебошад [8-М], [3-М].

5. Нақши минтақаҳои озоди иқтисодии амалкунанда дар соҳаи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ташаккули муҳити умумии мусоидати сармоягузорӣ ҷудо карда шудааст. Афзалиятҳои кор ва дастовардҳои МОИ "Данғара" ва қисман "Кӯлоб" дар ин самт ҷудо карда шудаанд, ки дар муқоиса бо онҳо кори МОИ "Панҷ" ба такмил ниёз дорад. Дар мисоли

минтақаи озоди "Данғара" бартариҳои он дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба таври возеҳ исбот карда шуданд, ки дар натиҷа ҷойҳои корӣ таъсис дода шуданд, истеҳсолоти нав ба роҳ монда шуданд. Нақши чунин минтақаҳо дар воридоти истеҳсолоти илмӣ, ба дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ, навсозӣ ва навсозии иқтидорҳои мавҷуда низ бузург аст [2-М], [3-М].

6. Мушкилот ва монеаҳо дар рушди сармоягузориҳои хориҷӣ муайян карда шуданд. Мушкилоти асосӣ инҳоянд: инфрасохтори нисбатан сусттар рушдёфтаи иҷтимоию иқтисодӣ (масалан, роҳҳо, норасоии неруи барқ, сифати пасти алоқа); монеаҳои ҷуғрофӣ (масофа аз бозорҳо); монеаҳои маъмурӣ; номукаммалии низоми андоз; меъёрҳои баланди бонкӣ. Илова бар ин, дар вилояти Хатлон назар ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд камтар рушд кардани сармояи инсонӣ ба назар мерасад [9-М].

7. Барои фаъол гардонидани раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ соҳаҳои ояндадор бо иқтидори азим аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Ин кишоварзиест, ки ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хоҷагиҳои гармхонаи муосир нигаронида шудааст, ин саноати коркард, бахусус дар соҳаи пахтакорӣ ва коркарди пашм, ин саноати кимие бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда дар минтақа. Ҳамчунин соҳаи энергетика ва саноати кӯҳӣ ҷудо карда шудаанд. Ҳамаи ин самтҳо, ба шарте ки имкониятҳои мавҷуда истифода шаванд, метавонанд ба таври табиӣ ба қутбҳои рушди иқтисодиёти ҳудудӣ табдил. Зарурати аз нав дида баромадани стратегияи сармоягузорӣ дар сатҳи вилояти Хатлон бо дарназардошти ворид намудани тасҳеҳоти тавсияшуда ба механизмҳои дастгирии давлатӣ ба иқдомҳои сармоягузорӣ, лоиҳаҳои маблағгузории муштарак аз буҷети вилоят барои сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисӣ, ҷорӣ намудани низоми махсуси фаъолияти сармоягузорӣ таъкид гардид [5-М], [7-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи кишвар ва вилояти Хатлон тавсия дода мешавад, ки муқарраротӣ назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ, нақши онҳо

дар рушди минтақа, сиёсати давлатии сармоягузорӣ, ҷолибияти минтақа барои сармоягузориҳои хориҷӣ, самтҳо ва хатсайрҳои рушди минбаъда, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи қаламравҳои минтақаи мавриди назар, дар ҷараёни таълими фанҳои зерин: васеъ истифода баранд: "Назарияи иқтисодӣ", "Микроиқтисод", "Макроиқттисод", "Молия", "Сармоягузорӣ", "Бозорҳои молиявӣ ва институтҳои молиявӣ", "Баҳисобгирии молиявӣ", "Баҳисобгирииии идоракунӣ", "Омор".

2. Ғояҳои асосии таҳлили ҷараёни ҷалби сармоягузорӣ, инчунин арзёбии воситаҳои сармоягузорӣ ва қабули қарорҳо бояд аз нуқтаи назари пешгирии хавфҳои муосир ва афзоиши даромадҳои сармоягузорӣ татбиқ карда шаванд. Инчунин, таҳкими муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ бояд дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва инноватсия муҳайё гардад.

3. Барои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ зарурати мукаммалнамоии сиёсати давлатӣ оид ба ҳавасмандкунонии сармоягузории хориҷӣ ба миён меояд. Сармоягузориҳои хориҷӣ бояд бо ҳадафҳои дарозмуддати иқтисодии минтақа мувофиқат кунанд ва ба истиқлолияти он осеб нарасонанд. Ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилоят суботи сиёсию иқтисодӣ, пойгоҳи бояду шояди институтсионалию ҳуқуқӣ, низоми мукаммали андозситонӣ, сармоягузории пешрафтаи зеҳнӣ ва инфрасохтори замонавиро тақозо мекунад. Ҳамзамон, пешрафти илму техника барои қафо намондан аз пешрафти умумиҷаҳонӣ, ихтироъкорию навовариҳо, такмили низоми хизматрасонӣ зарурат ба миён меояд.

4. Барои баланд бардоштани ҷолибияти минтақа ба сармоягузориҳои хориҷӣ ва баррасии имкониятҳои он барои ҷалби сармоягузориҳо мақомотҳои давлатии кишвар ва вилоят, МОИ-ҳо, ширкатҳои корбарро фаъолтар гардонанд. Аз ҷумла, захираҳои бойи табиии минтақа, иқтидорҳои кишоварзию чорводории ҳудудҳои он барои бунёди кластерҳои азими соҳавӣ, сарватҳои зеризаминӣ барои бунёди корхонаҳои истихроҷу коркард, муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои тарғиби илму дониш ва баланд

бардоштани сармоягузории инсонӣ, кашфу омӯзиши ҷойҳои азхуднашудаи минтақа бештар тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, дар саҳифаҳои Интернет, дар фазои воқеию маҷозӣ тарғибу ташвиқ карда шуда, ҳамзамон барои истифодаи бартариятҳои рақобатӣ дар байни мардуми маҳаллӣ низ корҳои фаҳмондаҳиҳиро ҷоннок намудан лозим аст.

5. Самтҳои зерин барои минбаъда густариш додани вусъати сармоягузориҳо бисёр муҳим мебошанд: а) диверсификатсияи навъҳо ва сарчашмаҳои сармоягузории хориҷӣ; б) шумораи мамлакатҳои сармоягузор зиёд карда шуда, саҳми ИДМ дар сармоягузорӣ афзун гардонида шавад; в) таҷрибаи бойтари ш. Душанбе ва вилояти Суғд дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ омӯхта шуда, дар минтақаи Хатлон истифода бурда шавад; г) фаъолияти ҳамаи шаҳру ноҳияҳои минтақа барои ҷалби сармоягузорӣ беҳтар карда шавад; д) барои ҷалби ҳарчи бештари сармоягузории хориҷӣ диққати махсус дода шавад.

6. Татбиқи маҷмуи тадбирҳои амалӣ, ба мисли содда кардани раванди барасмиятдарорӣ, бақайдгирии босуръат ва иҷозатномадиҳӣ ва дигар ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорони фаъол дар МОИ амалӣ карда шаванд. Ба ширкатҳое, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, барои гузаштан аз расмиёти бақайдгирӣ, баровардани асъор, хизматрасониҳои инфрасохторӣ-коммуникатсионӣ, таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ шароити фароҳам таъмин карда шавад. Дар оянда фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ бештар барои тақвияти имкониятҳои содиротӣ нигаронида шавад.

